Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

# ҒОЯИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ ВА АСОСҲОИ МАЪНАВИЯТ

## синфи 7

Нашри панҷуми пуррашуда ва такмилёфта

***Маркази илмӣ-амалии ғоя ва мафкураи миллӣ ба нашр тавсия кардааст***

ТОШКАНД «MA'NAVIYAT» 2015

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 37.017.92(075)
КБК 66.3(5Ў)я721+71.04(5Ў)я721
Қ 80

**М. ҚАРШИБОЕВ, С. НИШОНОВА,**
**О. МУСУРМОНОВА, Р. ҚЎЧҚОРОВ**

Ин китоби дарсӣ, ки барои синфҳои 7-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ пешбинӣ шудааст дар асоси китобҳои «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир», «Ўзбекистон дар остонаи ноил шудан ба Истиқлолият»-и Президент Ислом Каримов такмил дода шудааст. Дар он, дониш ва мафҳумҳои асосии фанни ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият дар асоси усул ва талабҳои методии замонавӣ таҳлил шудаанд.

**УЎК 37.017.92(075)**
**КБК 66.3(5Ў)я721+71.04(5Ў)я721**

Т а р ҷ у м о н:
*номзади илмҳои таърих* ***Абдуллоҳи Тоҳириён***

Қ 80 Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият: китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 7-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / М. Қаршибоев ва диг. Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон. — Нашри 5-уми пуррашуда ва такмилёфта. — Т.: «Маънавият«, 2015, 120 саҳ.
I. Қаршибоев М.

ISBN 978-9943-04-148-6

**АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:**

| | |
|---|---|
| — дар хотир доред | — бодиққат хонед |
| — дониста гиред | — савол ва супоришҳо |
| — калимаҳои асосӣ | — эҷодкорона фикр кунед |

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп карда шуд.**

© М. Қаршибоев ва диг., 2015
© «Ma'naviyat», 2015

ISBN 978-9943-04-148-6

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Ассалому алайкум донишомўзони азиз!

Дар рўзҳое, ки дар Ватани мо ҷашни иди бузург — иди Истиқлолият идома дорад, Шумо дар қатори дигар фанҳо ба омўхтани «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» шурўъ мекунед.

**Ин фан дар асоси фармоиши Президенти Республикаи Ўзбекистон Ислом Каримов «Дар бораи офаридани барномаҳои таълимӣ ва ба низоми таълим ҷорӣ кардани фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамоилҳои асосӣ», ки 18-уми январи соли 2001 имзо кардааст, омўзонида мешавад. Он аз ду қисм — ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият иборат аст.**

**Дар қисми аввал, Шумо доир ба ғояи миллии халқи мо, мафҳум ва тамоилҳои асосии он дониш ва маълумотҳои зарурӣ мегиред. Ин барои пурра донистани мақсадҳои наҷиби халқи мо хизмат мекунад.**

*Калимаи «миллӣ», ба диёр ва миллат мансуб будани моро мефаҳмонад. «Истиқлол» бошад — мустақилӣ. Пас, ғояи истиқлоли миллӣ тамоми орзуву умедҳо, мақсад ва манфиатҳои халқи Ўзбекистонро вобаста ба истиқлолият ифода мекунад.*

Ҳар як инсон, ки фарзанди муносиби Ўзбекистон, шаҳрванди ҳақиқии он шудан мехоҳад, бояд ғояи истиқлоли миллиро донад, дар хониш, кор ва ҳаёт талаб ва меъёрҳои онро амалӣ кунад.

Маълум, ки инсон пеш аз сохтани хона, нақша мекашад. Вагарна, аз чӣ сар карда бо чӣ тамом кардани кор, чӣ хел масолеҳ ва чӣ қадар маблағ сарф шуданашро надониста, гаранг мешавад. Халқ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳам, ки соҳиби истиқлолият шуда ҷамъияти нав созад, мақсадро муайян мекунад. Ин мақсад дар ғояи миллии он инъикос меёбад.

**Ғояи миллии халқи Ӯзбекистон бо роҳбарии Президенти мо Ислом Каримов офарида шуд. Он «Ғояи истиқлоли миллӣ» ё «Ғояи миллӣ» номида мешавад.**

Маъно ва мазмуни ғояи миллии мо аввал дар рисолаи «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамоилҳои асосӣ» инъикос ёфтанд, баъд дар асарҳои раҳбари давлати мо, хусусан, китоби «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир» боз бойтар гардонида шуданд. Дар ин китоб суханҳои зерин оварда шудаанд:

**«Назар ба далолати таърихи бисёрасринаи инсоният ҳар як халқ, ки ба сохтани давлати миллии худ азму қарор мекунад, барои ёфтани қувваю қудрат ва мадади иловагӣ дар ба амал баровардани вазифаҳои олӣ, дар ин роҳ муттаҳид ва сафарбар намудани одамон, бедор кардани боварӣ дар қалби онҳо, гузаштан аз сохти кӯҳнаи иҷтимоӣ ба сохти мутлақо нав ғояи миллиро, ки ифодаи ягонаи мақсад ва орзуву умед аст, такя ва пойгоҳ медонад»[1].**

**Мақсад аз офаридани ғояи миллии мо – тарбияи ҳамватанон, пеш аз ҳама ҷавонон чун инсонҳое, ки Ватанро аз тахти дил дӯст дошта, барои тақдир ва ояндаи он ғамхорӣ карда, кӣ будан, фарзанди кадом халқи бузург будани худро дарк карда, зиндагӣ мекунанд, иборат аст. Мақсади фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» ҳам ҳаминро дар назар дорад.**

**Қисми дуюми ин китоби дарсӣ «Асосҳои маънавият» ном дорад. Шумо дар ин қисм оид ба мафҳуми «маънавият», дар бораи дар ҳаёти халқ ва ҷамъият чӣ хел мавқеи муҳим доштани он соҳиби маълумоти мукаммал мешавед.**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 71.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мухтасар гӯем, фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» ба Шумо илми дӯст доштани Ватан, фарзанди муносиби он шудан, ҷиҳатҳои маънавии онро меомӯзонад.**



Ба низоми таълим ҷорӣ кардан ва омӯзонида шудани ин фан, натиҷаи эътибори воло ба тарбияи авлоди солим ва баркамол мебошад. Пас, хизмат кардан барои тарбияи ҳаматарафа ва баркамоли ҷавонони диёри мо – вазифаи асосии ин фан ба ҳисоб меравад.

Дар ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои худ, ин фан чун адабиёт, таърих, ҳуқуқшиносӣ, диншиносӣ аз усулҳои замонавии соҳаҳои илму фан, педагогика ва психология васеъ истифода мебарад.

*Калима ё ибораe, ки муҳимтарин хусусиятҳои ашёву ҳодисаҳоро мефаҳмонад, мафҳум номида мешавад.*

*«Тамоил» — маънои моилиро ба як чиз, самти як ҷонибро ифода мекунад. Он дар замони имрӯза ба маънои принсип ҳам истифода мешавад. Дар ибораи мафҳум ва тамоилҳои асосии ғояи истиқлоли миллӣ тамоил ба маънои принсип омадааст.*

*Принсип — калимаи лотинӣ буда, қонуну қоидаҳои асосӣ, мулоҳиза ва нуқтаи назари ягон назария ё таълимотро мефаҳмонад.*

Шумо як ҳақиқатро ҳамеша дар ёд доред, ки ҳаёти имрӯзаи мустақилонаи мо, ки аз он баҳраманд шуда, умр ба сар мебарем барои аҷдоди мо дар давоми асрҳо орзуи нек, ғояи бузург буд. Ба туфайли муборизаи дуру дароз ва пурмашаққат, меҳнати вазнини аҷдод дар ин роҳ, мо ба рӯзҳои соҳибихтиёрӣ ва озод ноил шудем. Халқи мо, ки дар солҳои истиқлолият барои аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ аз ҳеҷ кас кам нашуда зистан, аз қатори давлатҳои ривоч-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ёфта ҷойи муносиб гирифтан саъй мекунад, ба халқу диёр такя шудан, вазифаи муқаддаси фарзандии мо мебошад.

Барои ин мо якҷоя бо дигар фанҳо «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият»-ро пухта омӯхта, ба хизмати содиқона ба Ватан аз ҳар ҷиҳат бояд тайёр бошем. Дар ин роҳ ин фанне, ки ба омӯхтани он шурӯъ мекунед, аз наздик ёрӣ медиҳад.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Ба фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» аз тарафи кӣ асос гузошта шудааст?
2. Ин фан аз чанд қисм иборат аст?
3. Қисми якуми ин фан чӣ ном дорад ва чиро меомӯзонад?
4. Ғояи миллӣ барои чӣ хизмат мекунад?
5. Қисми дуюми фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» чӣ ном дорад ва чиро меомӯзонад?
6. Номи рисолаеро, ки маъно ва мазмуни ғояи миллии моро акс мекунад, гӯед.
7. Дар кадом китоби Президенти мо Ислом Каримов ғояи миллии мо боз ҳам бой гардонида шуд.
8. Мақсади фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» аз чиҳо иборат аст?
9. Дар бораи вазифаҳои ин фан нақл кунед.
10. Аз рӯйи ин расмҳо, дар бораи чӣ хел шудани авлоди солим ва баркамол нақл кунед.


*а*


*б*


*в*


*г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби I

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ҒОЯИ МИЛЛӢ

## ҒОЯИ МИЛЛӢ – ИФОДАИ ОРЗУ ВА УМЕДҲОИ НЕК

Ғояи миллии ҳар як халқи ҷаҳон ба сифати ифодаи орзуву умедҳо, қалб, шууру тафаккури вай пайдо мешавад. Дар айни замон, ғояи миллӣ худ аз худ ташаккул ёфта амалӣ намегардад. Барои ин, аввало, шароити қулайи таърихӣ зарур мешавад.

**Истиқлолият барои ташаккули ғояи миллӣ муҳимтарин шароити таърихӣ мебошад. Аз ин рӯ, мафҳумҳои «истиқлол» ва «ғояи миллӣ»-ро аз ҳамдигар ҷудо карда намешавад. Барои ҳамин, ғояи миллии мо якҷоя бо калимаи истиқлол ғояи истиқлоли миллӣ номида мешавад.**

**Фақат дар мамлакати соҳибистиқлол халқ имконият пайдо мекунад, ки барои озод зистан, ба назди худ мақсадҳои бузург монда, барои ба амал баровардани онҳо тамоми қувваю қудрат, ақлу заковати худро сафарбар намояд.**

Орзуву умедҳои нек, ки дар ғояи миллии мо муҷассам аст, дар давоми асрҳо дар қалби халқи мо ҷой гирифта, дар корҳои амалии он ба дараҷаи муайян акс мееёфт. Лекин, пурра ба амал баровардани онҳо, сарфи назар аз кӯшиши халқ ва фарзандони фидокори он туфайли шароити таърихӣ ба охир намерасиданд.

Масалан, ибтидои асри XX ҷадидон, ки дар диёри мо корҳои маърифиро амалӣ карданд, ба воситаи тарғиби илму маърифат, ташкили мактабҳои усули нав, китобхонаҳо, кушодани театрҳо, газета журналҳо барои равнақи Ватан, ободию фаровонии халқ кӯшиш карданд. Аммо, аз сабаби шароити таърихӣ – набудани истиқлолият ҳаракати онҳо то ба охир нарасид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар пайдо шудани чунин шароит ва барои сари вақт аз он истифода бурдан ба саҳнаи таърих баромадани раҳбари мард, ҷасур, дурандеш, ки соҳиби салоҳияти бузурги пешвоӣ аст ва метавонад халқро бедор, муттаҳид ва сафарбар кунад, аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад.**

Агар китоби Президенти мо Ислом Каримов «Ўзбекистон мустақилликка эришиш остонасида» («Ўзбекистон дар остонаи ноил шудан ба Истиқлолият»)-ро хонед, ба ин фикр боварии комил ҳосил мекунед. Аз он дониста мегиред, ки 23-юми июни соли 1989 рӯзе, ки Ислом Каримов ба сифати раҳбари Ўзбекистон кор сар кард, диёри мо дар таркиби собиқ СССР, дар вазъияти ниҳоят вазнин буд. Аз шаҳрҳои марказии СССР ба Ўзбекистон муфаттишон, ходимони раҳбар, ки шароит, забон, урфу одати моро намедонистанд, эҳтиром намекарданд, фиристода шуданд. Онҳо дар шароити яккаҳукмронии пахта, нисбати халқи мо, ки дар шароити хеле вазнин мезист, таъқибро авҷ доданд. Бо айби сохтаи «Кори пахта» чандин одамҳо бегуноҳ ҳабс шуданд, ноҳақ ҷазо гирифтанд. Моҳи майи соли 1989 дар вилояти Фарғона моҷаро сар шуда, дар диёри мо вазъияти ногувор ба вуҷуд омад. Дар чунин шароити



мураккаб, Ислом Каримов масъулиятро ба зиммаи худ гирифта, халқро ба сӯйи истиқлолият пеш мебарад. Бо суханҳои «Мо минбаъд ба тарзи кӯҳна зиста наметавонем ва барои ин хел зистан худи замон роҳ намедиҳад» оғоз ёфтани аввалин нутқи раҳбари акнун таъиншудаи Ўзбекистон, дар маҷлиси республикавӣ, аз он далолат медод, ки вай барои амалӣ кардани ғояи миллии дар қалби халқу диёр ҷой дошта — орзуву умедҳои асрӣ бо азму шуҷоати қатъӣ ба майдон баромадааст.

Ба туфайли ҳаракатҳое, ки дар роҳи истиқлолият бо чунин ҷасора-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ти калон сар шуд, ба зудӣ ба воқеаҳои фоҷиабори Фарғона баҳои ҳаққонӣ дода шуда, оқибатҳои онҳо бартараф шуд. Оид ба додани заминҳои наздиҳавлигӣ ба аҳолӣ, аз ҷазо озод кардани онҳое, ки бо «Кори пахта» ноҳақ дар ҳабс буданд, баланд бардоштани нархи пахта, кам кардани майдони кишти он, беҳтар кардани таъминоти оби нӯшокӣ ва гази табиӣ бисёр қарорҳои таърихӣ қабул шуданд. Дар ҳаёти маънавии халқи мо ҳам тағйиротҳо рӯй доданд. Ба забони ӯзбекӣ дода шудани мақоми забони давлатӣ, барқарор шудани иди Наврӯз, идҳои динии Рамазон ва Қурбон, арзишҳои миллӣ, номи муборак ва мероси аҷдоди бузурги мо аз ҳамин ҷумла мебошанд. Ин ҳама ба вазъияти шадиди диёри мо барҳам дода, боварии халқро ба фардо, ба қувва ва имкониятҳои худ пурзӯр кард.

**Ҳар як халқ баробари ноил шудан ба истиқлолият давлати миллии худро барқарор мекунад ё онро аз нав месозад. Мо ҳам баъди истиқлолияти Ватан, давлатдории миллиро, ки таърихи қариб сеҳазорсола дорад, барқарор кардем. Ба чунин давлатдории миллӣ, ба таҷриба ва анъанаҳои бойи он такя карда, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба бунёди давлати демократӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ шурӯъ кардем.**

Аввало, мақсад ва вазифаҳои ин давлат ва ҷамъияти навро аниқ муқаррар карда, баъд барои ба ин кор сафарбар кардани тамоми халқ, дар шароити нави таърихӣ ташаккул додани мафҳум ва тамоилҳои асосии ғояи миллии мо ба зарурат табдил ёфт. Ба ин кор, фикрҳои Президенти мамлакат Ислом Каримов дар бораи ғоя, асосҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ-мафкуравии давлат ва ҷамъияти нав, ки дар Ӯзбекистон барпо шуда истодааст, ҳамаи асарҳои фундаменталии вай асос шуданд. Ҳамин тавр, соли 2000 рисолаи «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамоилҳои асосӣ» тайёр ва нашр шуд. Дар он, маънову мазмуни ғояи миллии мо баён ва асоснок шуданд. Дар китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир»-и раҳбари давлати мо, ки соли 2008 нашр шуд, мафҳум ва тамоилҳои асосии ғояи миллӣ боз васеътар инъикос ёфтаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар замони собиқ СССР, ки мо «сохти мустабид», «даври мустамликадории шӯро», «ҳукмронии мафкураи коммунистӣ» меномем, баъзе аломат ва нишонаҳои ғояи миллии мо дар қалби халқ буда, ҳар замон ба тарзи стихиявӣ, яъне бе низоми аниқ, дар шакли мафҳумҳои пароканда, орзуву умедҳо ба назар мерасид. Дар давраи истиқлолият ғояи миллии мо чун низоми яклухт ташаккул ёфт.

## *Савол ва супоришҳо*

1. Барои пайдо шудани ғояи миллӣ аввало чӣ лозим?
2. Барои чӣ ғояи миллии мо ғояи истиқлоли миллӣ ном дорад?
3. Муҳимтарин шароити таърихӣ барои пурра ташаккул ёфтан ва амалӣ шудани ғояи миллӣ гуфта чиро мефаҳмед?
4. Барои чӣ корҳое, ки ҷадидҳо дар аввали асри XX сар карда буданд, ба охир нарасид?
5. Китоби Ислом Каримов «Ўзбекистон мустақилликка эришиш остонасида»-ро хонда ба чӣ боварӣ ҳосил мекунем?
6. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи дар мамлакати мо чӣ хел амалӣ шудани ғояи истиқлолият нақл кунед.



*а*



*б*


*в*


*г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАЪНАВИЯТ ВА ТАЪРИФИ ОН

Донишомӯзи азиз, бино бар «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» ном доштани фан, аввало кӯшиш мекунем, ки дар бораи худи маънавият ба тасаввури васеътар соҳиб шавем.

Президент Ислом Каримов ба маънавият чунин таъриф додааст:

**«Маънавият — нерӯи беназирест, ки инсонро ба покшавии рӯҳӣ, инкишофи қалбӣ ҳидоят намуда, олами ботинӣ, иродаи одамро бақувват, имону эътиқодашро комил, виҷдони ӯро бедор мекунад, меъёри тамоми ақидаи вай аст»[1].**

Пас, покии рӯҳ — шарти асосии маънавият аст. Маънавият дар инсонҳое, ки ба покшавии рӯҳӣ бештар саъй мекунанд, нисбат ба дигарон қавитар мешавад.

*Покшавии рӯҳӣ — тозагии фикр, бо орзу ва ниятҳои нек, беғараз зистанро мефаҳмонад.*

Дар таърифи зикршуда, боз як меъёри муҳим, ки асоснок шудааст, инкишофи қалбӣ мебошад.

*Инкишофи қалбӣ — пур шудани қалбро бо муҳаббат ба Ватани худ, меҳр ва садоқат ба халқи худ дар ин асос, аз сафед сиёҳро ҷудо карда, мукаммал шуданро мефаҳмонад.*

Меъёри навбатӣ — хусусияти олами ботинӣ, иродаи инсонро бақувват, имон эътиқоди ӯро комил кардани маънавият мебошад.

*Олами ботинии инсон — олами рӯҳию маънавие аст, ки ба на танҳо аз зоҳир, балки дар айни замон, бо ёрии хаёл ва тасаввур, ақл ва тафаккур мушоҳида ва таҳлил карда шудани ҳаёт имкон медиҳад.*

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 19.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Касе, ки олами маънавиаш бой аст, назари ботинии ӯ пурзӯр аст. Ин хел инсонро одами чашми дилаш кушода ҳам меноманд. Пас, маънавият тақозо мекунад, ки на фақат чашми зоҳирии мо, балки чашми дили мо ҳам кушода бошад. Бо чашми ботинӣ ба зоҳири ашёву ҳодиса назар андохта шавад, маъно ва моҳияти нонамоёни он кушода мешавад. Дар натиҷа, имкони халос шудан аз хатову камбудиҳо, дӯстро аз душман, некро аз бад ҷудо кардан ҳосил мешавад.

Инсоне, ки олами ботинии вай васеъ, бой ва бақувват, ҳамаи корро пухта мекунад, аз ҳамроҳи маънавии ботинӣ, маслиҳатгӯйи худ қувваю қудрати иловагӣ мегирад. Барои ҳамин, Президенти мо ба нерӯи мағлубнопазир будани маънавият эътибори алоҳида медиҳад.



*Бақувват будани иродаи инсон, аз рӯйи ақлу идрок, қобилияти ба як мақсад равона кардани ҳиссу эҳсосот, ҳам аз ҷиҳати ботинӣ ва ҳам аз ҷиҳати зоҳирӣ худро идора кардани вай муайян карда мешавад.*

Одаме, ки иродааш бақувват аст, эҳсоси дар қалбаш будаşро бедор карда, гӯё дар вуҷуди худ қувваю ғайрати нав ҳис мекунад ва аз дигарон бештар кор карда ё хонда, бартарӣ намоён мекунад.

Масалан, халқи мо дар давраи собиқ советӣ ба оянда бо умеди калон нигоҳ карда, ба расидани рӯзҳои озод ва истиқлол бовар мекард, аз эҳсоси хотираи таърихӣ дар қалби худ, аз ҳисси ифтихор бо аҷдоди бузурги мо қувваю ғайрат мегирифт. Барои ҳамин, дар он давраи вазнин чӣ қадар зулму зӯроварӣ бошад ҳам, иродаи халқи мо нашикаст, рӯҳи он коҳиш наёфт.

Иродаи одам дар натиҷаи машқи мунтазам, обутоби санҷишҳои ҳаёт, аз душвориҳо наҳаросида фақат ба пеш саъй кардан, ба қувва ва имкониятҳои худ бовар кардан, мустаҳкам мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Ирода — ин аслан боварии мустаҳкам мебошад. Одаме, ки иродааш қавӣ аст, ба худ бовар мекунад ва аз гирифтани ҳар гуна вазифаи мураккаб ба зиммаи худ наметарсад»[1].**

Боз як меъёр — мукаммалии имону эътиқод ҳам қисми ҷудонашавандаи маънавият мебошад.

*Боварии қатъӣ ба некӣ ва ҳақиқат, ҷидду ҷаҳд ба комилӣ нишонаи имону эътиқод мебошад.*

Имону эътиқоди инсон мукаммал, яъне пурра ва комил бошад, ҳеҷ гуна шубҳа гумон ба он рахна зада наметавонад, он ба такягоҳи маънавият, мабдаи он табдил меёбад.

Қувваи беназир, ки виҷдони инсонро бедор мекунад, ҳамчунин қисми муҳими таркибии маънавият мебошад.

*Виҷдон ба ҳама чиз аз нуқтаи назари ҳақиқат ва адолат назар кардан, муносибат кардан ва ҳис кардани масъулият аст.*

Барои дар ҳаёт амалӣ намудани меъёрҳои хубӣ ва некӣ мубориза бурдан, ба хуб – хуб, ба бад – бад муносибат кардан, кори одами бовиҷдон аст.

Иллатҳои бад дар олам, аз қабили дурӯғгӯӣ, чашмбандӣ, беномусӣ, хиёнат ба каси дигар, эҳсоси виҷдони инсонро коҳиш дода, мумкин аст ниҳоят ӯро ба каси бевиҷдон табдил диҳанд. Маънавият баръакс – ба бедор кардани эҳсоси виҷдон хизмат мекунад.

**«Одами соҳибвиҷдон, ба воқеаҳои гирду атроф, ба муаммоҳои инсонҳои мӯҳтоҷ ба ёрӣ ва кӯмак, ба зери по шудани адолат бефарқ шуда наметавонад. Хусусан, ба хатту ҳаракатҳои зишт, ки ба манфиати халқу диёр зарар мерасонанд, ҳеҷ вақт дар канор хомӯш намеистад, хиёнат ва хоиниро нисбати диёр ва халқи худ асло қабул карда наметавонад. Ҳангоми дидани чунин ҳолат виҷдонаш азоб мекашад, ҳамеша сӯхта зиндагӣ мекунад, кӯшиш мекунад онҳоро бартараф намояд, лозим шавад, дар ин роҳ ҳатто ҷони худро фидо мекунад»[2].**

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 123.

[2] Ҳамон асар, саҳ. 27–28.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Модоме, ки маънавият виҷдонро бедор мекардааст, он метавонад меъёри тамоми ақида ё худ диди инсон ҳам шавад.

*Меъёри тамоми ақидаи инсон, ин эътиқоди вай мебошад, ки қалб, ҷаҳонбинӣ, хатти ҳаракатҳоро муайян мекунанд.*

Боварӣ ва эътиқод — асоси маънавият. Пас, меъёри ақидаҳои инсонро маънавияти воло муайян мекунад. Яъне, дар баҳо додан ба ҳодисаҳои олам, инсон айнан ба маънавият, меъёрҳои маънавият, такя мекунад.

**«Ба ростӣ, агар одамизод дар ин олам рӯҳан пок шуда, бо иродаи бақувват, имони мукаммал, виҷдони бедор зиндагӣ накунад, дар ҳаёти инсон чӣ маъно мемонад?»[1]**

Хулоса карда гӯем, *маънавият* — аломати асосии ҳаёти инсон, халқ ва ҷамъият мебошад.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Таърифи маънавиятро гӯед.
2. Олами ботинии инсон гуфта чиро мефаҳмед?
3. Оё Шумо ба ҳаёт бо чашми қалб назар кардаед?
4. Дар бораи бақувватии иродаи инсон нақл кунед.
5. Инкишофи қалб гуфта чиро мефаҳмед?
6. Аз рӯйи ин расмҳо, дар бораи роҳҳои обутоби ирода нақл кунед.


*а*


*б*


*в*


*г*

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 28.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ФИКР ВА ҒОЯ

Донишомӯзи азиз, бо назардошти он, ки маънавият аломати асосии ҳаёти инсон, халқ ва ҷамъият аст, сӯҳбатро бо фикрҳо дар бораи муҳимтарин хусусиятҳои одамизод, ки мавҷудоти бошуур мебошад, давом медиҳем. Яке аз чунин хусусиятҳо ки фақат ба инсон хос аст, қобилияти фикркунӣ мебошад.

**Аз сабаби он, ки инсон дар ҳаёт қариб ҳар рӯз ҳодисаҳои гуногунро дида, мушоҳида карда, дар бораи онҳо мунтазам маълумот мегирад, дар шуур ва тафаккури вай ҳам доимо тағйирот рӯй медиҳад. Онҳоро мо фикр ё хаёл меномем.**

Бисёр ҳамватанони мо ба пойтахти Ватанамон рафта, пас аз дидани дигаргуниҳо таассуроти худро чунин изҳор мекунанд: «Тошканд рафта фикрам, тасаввурам тамоман дигар шуд, майдонҳои Мустақиллик ва Хотира, боғи миллии Ўзбекистон, хиёбони Амир Темур, маҷмўаи Ҳазрати Имом, биноҳои нав ба нав, литсейу коллеҷҳо, кўчаҳои ободро дида ба нерўи истиқлол эътимодам қавӣ шуд». Дидед, навигарӣ ва тағйиротҳо дар шуури одамон фикрҳои нав пайдо мекунад, тафаккурро тағйир медиҳад.

Ҳамин хел бошад, биёед, аввало оиди фикр мулоҳиза кунем.

**Вобаста ба орзуву ниятҳои одамон, фикрҳо ду хел мешаванд. Якум — фикри шахсӣ, ки мақсади танҳо як одамро ифода мекунад. Дуюм — фикри иҷтимоӣ, ки мақсади аксариятро ифода мекунад.**

*Агар фикр эътибори одамонро ҷалб кунад, онҳоро муттаҳид созад, ба ҳаракат оварад, онро ғоя меноманд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фикри шахсӣ, яъне фикре, ки тасаввури шахсӣ ё манфиатҳои як одамро ифода мекунад, ғоя шуда наметавонад. Чунки он мақсади як одамро ифода мекунад. Масалан, фикрҳои «Ман хона сохтанӣ» ё «Ман китоб хонданӣ» қувваи муттаҳидкунӣ ва ба ҳаракат овардани дигаронро надоранд.**

**Ғоя, аввало бояд орзу, ҷидду ҷаҳд ва манфиатҳои аксариятро ифода карда, одамонро муттаҳид намояд ва барои ба амал баровардани ягон мақсад сафарбар кунад.**



Барои ҳамин, танҳо фикри аҳамияти иҷтимоӣ дошта метавонад ба ғоя табдил ёбад. Масалан, изҳороти «ман агар раиси маҳалла шавам, одамонро муттаҳид карда, бо қувваи онҳо гузари нав бунёд мекунам» барои аъзоёни ҳамин маҳалла фикри иҷтимоӣ аст. Ин дар навбати худ инчунин ғояе мебошад, ки аҳли маҳалларо барои ободиҳӣ барои ҳамин шахс муттаҳид ва сафарбар мекунад.

Агар фикр дар миқёси мамлакат аҳамияти иҷтимоӣ касб кунад, он дар вақти муайян метавонад ба ғояи миллӣ табдил ёбад.

**«Ғояи миллӣ гуфта, таъбир ҷоиз бошад, нектарин орзу ва ҷидду ҷаҳд, умеду мақсадҳои ҳар як миллатро, ки аз аҷдод ба авлод гузашта, дар давоми асрҳо эъзоз гардида, дар қалби ҳар як инсон ва тамоми халқи ҳамин диёр решаи чуқур давонда, ба эҳтиёҷи маънавӣ ва талаботи ҳаётии вай табдил ёфтааст, тасаввур намоем, фикр мекунам, ки мазмун ва моҳияти чунин мафҳуми маънан васеъро ифода мекунем»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 71.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Масалан, истиқлолият чанд аср муқаддастарин орзуи бобоёни мо буд. Ба хотири аҳамияти иҷтимоӣ доштан, бо мурури замон ба мақсади ифодагари манфиатҳои халқ табдил ёфтан, ба ғояи муттаҳидкунандаи ҳама табдил ёфт. Халқ бо сарварии Президент Ислом Каримов дар атрофи ин ғоя муттаҳид шуда, 31 августи соли 1991 онро амалӣ кард ва давлати мустақили Ўзбекистон ба вуҷуд омад.

**«Бузургтарин мақсади мо, бузургтарин ғояи мо ҳамин, ки Ўзбекистон як роҳ дорад: истиқлолиятро мустаҳкам намуда, мамлакатро ҳаматарафа ривоҷ дода, ба сўйи ҳаёти дурахшон ва озод пеш рафтан»[1].**

Агар эътибор дода бошед, дар ҷаҳоннамо ва радио ибораи «омўзиши афкори иҷтимоӣ» бисёр истифода бурда мешавад. Сабаби ин дар мамлакатҳои роҳи демократияро пеш гирифта, аз ҷумла дар диёри мо ҳам, барои донистани муносибати одамон ба тағйирот ва ислоҳотҳои ҷомиа, рўҳияи умумии онҳо, афкор омўхта мешавад. Баъд, вобаста ба фикри иҷтимоӣ ва масъалаҳои барои халқ муҳим, аз ҷониби идораҳои ҳукумат, ҳизбҳо оиди ривоҷи мамлакат ғояҳои нав ба нав ба миён гузошта мешаванд.

Бинобар ба мақсад ва манфиати умум вобаста будани фикри иҷтимоӣ, дар амалӣ намудани он бо халқ маслиҳат мекунанд. Масалан, дар маҷлисҳои палатаи поёнӣ — Палатаи қонунофарӣ ва палатаи болоӣ — Сенати парламенти мамлакати мо — Олий Маҷлис қонунҳо қабул карда мешаванд. Ин қонунҳо ҳалли ҳуқуқии масъалаҳоеро, ки манфиатҳои асосии халқи моро ифода мекунанд, нишон медиҳад. Масалан, барои офаридани тамоми шароит ба ривоҷи хоҷагии фермерӣ, бизнеси хурд ва тадбиркории хусусӣ, солим ва баркамол ба воя расидани ҷавонон — ин ҳама ба воситаи омўхтани фикри халқ, дар сессияҳои палатаҳои Олий Маҷлис дар шакли ҳуҷҷатҳои қонун қабул карда мешавад.

Пас, дар шароити ҷамъияти демократӣ ғояҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба воситаи қонунҳо, амру фармонҳои Президент, қарорҳо, дастурҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои қонунии ҳукумат, ки дар

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 76.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




парламент қабул карда шудаанд, ба амал бароварда мешаванд. Истиқлолияти давлатии Ўзбекистон ҳам дар асоси ҳуҷҷати қонунӣ, ки 31 августи соли 1991 қабул гардид, ба амал бароварда шуд.

Албатта, дар ҳаёт аз рўйи амалӣ намудани фикри шахсӣ ҳам бо касе маслиҳат карда мешавад. Масалан, касе хона хариданӣ бошад, бо аҳли оила, наздикон ва ёру дўсти худ маслиҳат мекунад. Умуман, ҳама кор бо маслиҳат хуб аст. Чунки, ба ибораи халқ гўем, ҷомаи бомаслиҳат кўтоҳ намеояд. Аммо, аз рўйи фикри шахсӣ ҳар қадаре, ки маслиҳату машварат ороста шавад ҳам, дар охир ҳуқуқи ба чӣ гуна хулоса омадан дар ихтиёри соҳиби фикр мемонад. Зеро, ин фикр танҳо манфиати ўро ифода мекунад ва ба манфиати дигарон вобаста нест. Пас, фикри шахсӣ метавонад ба хулоса табдил ёбад, аммо барои аксарият ғоя шуда наметавонад.

**Фикри шахсӣ дар асоси қарори шахсии инсон ба амал бароварда мешавад.**

Масалан, ҳангоми ба воя расидан, Шумо оид ба интихоби касб, таҳсил бо падару модар, устодон ва дўстонатон албатта маслиҳат мекунед. Вале дар ҳоли ба инобат гирифтани завқ ва қобилияти худ, дар хусуси интихоби кадом касб ё таҳсил дар кадом донишгоҳ худатон ба як қарор меоед.

Мо барои чӣ фазилатҳои шахсии инсонҳои бузургро, панду насиҳат ва мактубҳои онҳоро ба фарзандон, аҳли оилаашон меомўзем? Аз сабаби тамоми умр бо ғояҳои баланд зистан, ҳамеша дар фикри бахту саодати аксарият умр гузаронидани онҳо, ҳаёти шахсии онҳо ҳам гиромӣ шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фикрҳои шахсии одамоне ҳам, ки бо мақсадҳои олӣ зистаанд, дорои аҳамияти иҷтимоӣ мешавад.**

*Манфиат гуфта, ашё ё ҳодиса, ҳаракат ё фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ба мақсад мувофиқ буда, ба талаб ва эҳтиёҷҳо ҷавоб медиҳад.*

### *Савол ва супоришҳо*

1. Фикр дар одам чӣ хел пайдо мешавад?
2. Фикрҳо чанд хел мешаванд?
3. Фарқи байни фикри шахсӣ ва иҷтимоӣ дар чист?
4. Аз рӯйи расмҳо кӣ чӣ хел фикр изҳор карданашро шарҳ диҳед.



*а*



*б*



*в*



*г*

5. Шумо фикри худро аввал ба кӣ мегӯед?
6. Ғоя аз кадом фикр пайдо мешавад?
7. Ғояи миллӣ чист?
8. Дар оила, дар мактаб аз киҳо маслиҳат мепурсед? Ин маслиҳатҳо ба Шумо чӣ хел ёрӣ медиҳанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ХУСУСИЯТҲО ВА НАМУДҲОИ АСОСИИ ҒОЯ

Донишомӯзи азиз, ҳаёт хеле серқирра ва гуногун аст. Ҳар як воқеа ва ҳодисаи он соҳиби маънову мазмун ва моҳияти худ мебошад. Ҳамчунин ҳаёт хеле зуд тағйирёбанда аст. Хусусан, дар давраи пуршиддати ҳозира чизе, ки дирӯз нав бошад, метавонад имрӯз кӯҳна шавад.

Назар, фикру андешаи инсонҳо ҳам гуногун аст. Дар ин бора, Президенти мо Ислом Каримов чунин таъкид кардааст:

**«Дар рӯйи замин чӣ қадаре, ки инсон умр ба сар барад, ду одами якхеларо дучор омадан хеле душвор аст, ки ҳам изи ангушт, ҳам олами ботиниаш як хел бошад. Табиист, ки фикр ва тарзи зисти ин инсонҳо ҳам аз якдигар фарқ мекунанд»[1].**

Аз ин рӯ, ғояҳое ҳам, ки мақсади одамон, орзуву омоли онҳоро инъикос мекунанд, рангоранг мешаванд.

**Ғояҳо дорои хусусиятҳои низомҳосилкунӣ, муташаккилӣ, сафарбаркунӣ, яъне раҳнамоӣ, манбаи ҳаракат шудан мебошанд.**

Дар сӯҳбати гузашта дар бораи фарқи фикр ва ғоя гуфтугӯ кардем. Дар хотир доред, ки худи ғоя ҳам аз фикр пайдо мешавад.

**Ғоя фикрест, ки ривоҷ ва такмил ёфта, дар аксарият шавқ бедор мекунад.**

Ҳама гуна чизи такмилёбанда ба низоми муайян соҳиб мешавад.

**Ғоя фикр, мафҳум ва тасаввуроти аз ҷиҳати маънову мазмун ба ҳам наздикро муттаҳид карда, низом ҳосил мекунад.**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 23.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Масалан, ғояи озодӣ. Ин ғоя мафҳум ва тасаввурҳои чун ҳуррият, озодӣ, мубориза, истиқлол, ҳуқуқ, баробарӣ ва адолатро дар атрофи худ муттаҳид месозад. Аз ин рӯ, дар ҳоли зарурияти амалӣ кардани он, мафҳум ва тасаввуротҳои ин низом аҳамияти дошта, одамонро ба худ ҷалб мекунанд. Шумо метавонед дар мисоли таърихи халқҳое, ки барои озодӣ мубориза бурдаанд, аз ҷумла таърихи халқҳои сарзамини худи мо ҳам ба ин боварӣ ҳосил кунед.

Оё Шумо ба дарахт эътибор додаед? Баҳорон навдаҳои нав бароварда нумӯъ мекунад. Чунки барои ривоҷи он шароити мусоид ба вуҷуд меояд. Ривоҷу равнақи ғоя ҳам ба он шабоҳат дорад.

**Вақте, ки ҷамъият дар арафаи тағйиротҳои калон қарор мегирад, дар шуури сарварони халқ ғояҳои барои одамон ҳаётан зарур тавлид мегарданд.**

Масалан, дар арафаи истиқлолият ва пас аз он, аз ҷониби Президенти мо Ислом Каримов, оид ба бунёди ҳаёти нав дар кишвар, амалӣ намудани ислоҳотҳо, оид ба осоиштагии диёр, фаровонии халқ, тарбияи инсони комил чандин ғояҳои нек ба миён гузошта шуданд. Онҳо дар мазмуни ғояи миллии мо ҷой гирифта, тавассути Конститутсия ва қонунҳо дар ҳаёт акси худро меёбанд.

**Ҳар як давр пеши одамон вазифаҳои нав ба нав мегузорад. Аз рӯйи он низоми ғояҳо, сохти онҳо ҳам тағйир меёбад.**

Барои мисол, ғояи адолат. Барои ба амал баровардани ин ғоя як замон ғояи шоҳи одил, ҳукмдори одил, мадди эътибор буд. Асарҳои Алишер Навоӣ ва дигар шоирони классикӣ (мумтоз)-и моро хонед, дар онҳо инъикоси ҳамин гуна ғояҳоро мебинед. Вале дар ибтидои асри XX, дар диёри мо, ақидаи нав пайдо шуд, ки мувофиқи он шарти асосии ноил гардидан ба адолат — ин маърифат,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

яъне соҳиби дониш ва фарҳанг шудани одамон буд. Ин ғояро бобоёни мо, ҷадидҳо, ба миён гузоштанд. Имрӯз бошад, дар асоси такя ба таҷрибаи давлатҳои ривоҷёфтаи ҷаҳон ғояи «адолат тавассути устувории қонун, тамоилҳои демократия ба амал бароварда мешавад», мавқеи асосӣ дорад.

**Мувофиқи талабҳои замон мумкин аст, ки сохти ғояҳо тағйир ёбад, баъзе мафҳум ва тасаввурҳои низоми он кӯҳна шаванд, ба ҷойи онҳо ғояҳои нав пайдо шаванд.**

Хусусияти муташаккилии ғоя бо хусусияти низомҳосилкунӣ узван вобаста аст. Мақсади дар атрофи худ муттаҳид намудани мафҳум ва фикрҳои пуртаъсиру ҷозибанок ҳам, дар асл, аввало аз муташаккил намудани одамон, ба қувваи ягона табдил додани онҳо иборат аст. Чунки одамон аз рӯйи назар ва тасаввури худ аз ҳам фарқ мекунанд. Барои дар атрофи ғояи асосӣ муташаккил намудани ҳар яки онҳо, ҳамин хел мафҳум ва ғояҳо пайдо мешаванд. Масалан, танҳо худи ғояи озодӣ метавонад дар ҳама шавқи якхела бедор накунад. Аммо, фикри «озод гардем заминамон, оби мо аз они мо мешавад» — дар зироаткорон, ғояи «заводу корхонаҳоямон аз они мо мешавад» — дар тадбиркорон, назари «шуури мо, тафаккури мо озод мешавад» — дар зиёиён шавқ бедор мекунад. Ҳамин хел, имконияти муташаккил кардани ҳамаи одамон ба миён меояд.

Доир ба хусусияти сафарбаркунӣ, яъне раҳнамоӣ ва манбаи ҳаракат будани ғоя аз ҳаёт мисолҳои зиёд овардан мумкин. Шумо дар байни одамон бисёр шунидаед, ки мегӯянд: «имсол хуб меҳнат карда, аз даромади худ тӯй мекунам ё мошин мехарам», «хона месозам», «дӯкони нав мекушоям». Дидед, мақсади муайян онҳоро ба сафарбарӣ, ҳаракат водор мекунад. Ғоя ҳам ҳамин тавр аст.

**Ғояи аз забонҳои форсӣ ва арабӣ кам набудани туркӣ, яъне забони ҳозираи ӯзбекӣ Алишер Навоиро водор кардааст, ки асари «Хамса»-ро ба забони ӯзбекӣ офарад.**

*Донишомӯзи азиз, гӯед, ки кадом фикр ё мақсад Шуморо ба нағз хондан даъват мекунад?*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ғояҳои нек тамоми эҳсосот, мафҳум ва тасаввурҳои олиҷанобро муттаҳид месозанд. Пас, ғоя дорои қудрати ба ваҳдат овардани одамон аст. Ғояҳои нек ҷовидонанд. Чунки онҳо аз умеду эътиқоди халқ, орзуву армони авлод пайдо мешаванд. Солҳо, асрҳо, гузаранд ҳам, аз нав неру пайдо карда, инсонҳоро ба мубориза, ба ҳаракат водор намуда, боқӣ мемонанд.**

Ғояҳои некӣ ва бадӣ дар замонҳои қадим ҳам фикри одамонро банд мекард. Дар китоби «Авесто», ки ёдгории бузурги маънавии халқи мо аст, некӣ ба сифати ғояи асосӣ тараннум шудааст. Сарфи назар аз мурури асрҳо ва ҳазорсолаҳо ҳифзи некӣ, ба некӣ даъват намудани одамон имрӯз ҳам мавзӯи муҳим аст. Барои ҳамин, ҳар рӯз пеш аз мактабравӣ волидайн ба Шумо «Бачам, нағз хон, нек бош, бо бадон ҳамроҳ нашав» гӯён панд медиҳанд.

Дар халқ нақле ҳаст: «хабари хуш бол дорад». Чунки хабари нек ба зудӣ паҳн мешавад, дар қалби одамон ҷой меёбад. Ғояи хуб ҳам чунин аст. Устоз нависанда Абдулло Қаҳҳор «Адабиёт аз атом пурзӯртар аст» гуфтааст. Барои чӣ адабиёт аз атом зӯртар аст? Қудрати адабиёт дар фикру ғояҳои ибратбахш аст, ки тавассути сухан ифода меёбад. Аз дарси адабиёт медонед, ки силоҳи асосии адабиёт сухан аст. Лекин ин силоҳ ягон фикр ё ғояи манфиатнокро ифода кунад, қувваи таъсири он боз меафзояд. Инро Президенти мо дар китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» алоҳида қайд кардааст.

**«Боз як воситаи пурқудрат, ки инсонро, олами ботинии вайро кашф мекунад, санъати сухан, адабиёти бадеӣ мебошад. Адабиётро инсоншиносӣ, шоир ва нависандагонро бошад, муҳандисони рӯҳи инсон гуфта таъриф доданҳо беҳуда нест, албатта»[1].**

Ғояҳои аз рӯйи хусусиятҳои худ монанд муттаҳид мешаванд. Онҳо намудҳои ғояҳо номида мешаванд.

**Ғояҳо мумкин миллӣ ё умумибашарӣ, динӣ ё дунявӣ, илмӣ ё фалсафӣ шаванд. Агар мақсад ва манфиатҳои халқи як мамлакатро ифода кунад, он ғояи миллӣ мешавад. Масалан,**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 136.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**барпо намудани ҷамъияти нав — барои халқи Ўзбекистон ғояи миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳифзи Сайёра, роҳ надодан ба ҷангҳои хунин — ғояҳои умумбашарӣ.**

Дар олам ғояҳое ҳастанд, ки ба ҷойи ба сўйи мақсадҳои муайян, ба пеш сафарбар намудани инсонҳо, баръакс онҳоро аз ниятҳои нек, корҳои хуб раҳгум занонда, ба ҳаракати онҳо роҳ намедиҳанд. Биноан, ғояҳо мумкин пешқадам ва консервативӣ шаванд.

*«Консерватсия» калимаи лотинӣ буда, маъноҳои барқарор кардани кўҳна, ҳифзи кўҳнаро ифода мекунад.*

**Имрўз роҳи ривоҷи тадриҷӣ, яъне зина ба зинаи табиӣ — ғояи пешқадам ва роҳи инқилобӣ, яъне роҳи зўран ба ҷойи чизҳои мавҷуда сохтани чизҳои дигар — ғояи консервативӣ ҳисоб меёбад.**

**Ғояҳо вобаста ба то чӣ андоза дуруст инъикос намудани орзуву ҳаракат ва манфиатҳои халқ, мумкин ғояи аслӣ ё сохта, бунёдкор ё вайронкор шаванд.**

Шумо аз дарсҳои ба истиқлол бахшидашуда медонед, ки дар мамлакати мо пеш аз истиқлолият нерўе ба номи партияи коммунистӣ ҳукмрон буд. Ин партия аввал партияи болшевикон ном дошт. Болшевикон барои таъкид намудани аксариятро ташкил додани тарафдорони худ аввал худро ҳамин тавр номидаанд.

*«Большинство» дар забони русӣ маънои аксариятро мефаҳмонад.*

Яке аз ғояҳои асосии болшевикон моликияти хусусиро аз байн бурда, дар тамоми ҷаҳон барқарор намудани ҳукмронии пролетариат, яъне одамони умуман бемулк буд. Вале ин ғоя моҳиятан сохта буд. Зеро, дар ҷаҳон ҳеҷ як одам намехоҳад аз мулки худ маҳрум гардида, дар ҳоли қашшоқӣ умр ба сар барад. Одаме, ки молу мулки худро гум кардааст, озодии худ, шаъну ғурури худро ҳам аз даст медиҳад. Болшевикон дар ҳудуди собиқ СССР яккаҳукмрон шуда, тамоми халқҳои ин сарзамини бекаронро ба ҳамин аҳвол андохтанд ва онро ба ибораи худ «баробарӣ» номиданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Баробарии ҳама дар назди қонун, ки имрӯз мо ба иродаи халқи худ такя намуда, мехоҳем ба он ноил гардем, ғояи аслӣ аст. Чунки, ҳама мехоҳад, ки қонун ҳукмрон, адолат барқарор бошад ва ҳуқуқи одамон поймол нагардад.**

**Ғояҳои нек, ки барои инсоният гиромианд, дар натиҷаи тараққиёт бой гардида, ривоҷ ёфта, ба низоми арзишҳои умумибашарӣ ҷойгир мешаванд. Масалан, ғояҳои некӣ — дар таълимоти зардуштӣ, комилӣ ва хайру саховат — дар дини ислом, демократия ва озодӣ — дар Юнони қадим, маърифат — дар давраи Эҳёи Шарқ аз ҷумлаи ҳаминҳоянд.**

Худи табиат инсонро ҷӯянда ва шавқманд офаридааст. Ӯ ҳамеша ба ягон навигарӣ, тавассути ақл ва қобилияти худ, ба худшиносӣ ҳаракат мекунад. Дар натиҷа дар қалби ӯ эҳсосоти нав ба нав, дар шуури вай бошад ғояҳо пайдо мешаванд.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Дар бораи хусусиятҳои асосии ғоя нақл кунед.
2. Кӯшиш кунед, ки ба ҳар як хусусияти ғоя як мисол биёред.
3. Оё дар олам ду одами ба якдигар айнан монандро ёфтан мумкин аст?
4. Аз рӯйи расмҳо фарқро дар чеҳраҳои одамон фаҳмонед.


*а*


*б*


*в*


*г*

5. Чӣ хел ҳодисаҳо низом ҳосил мекунанд?
6. Дар байни сабзиши босуръати дарахт ва ривоҷи ғоя чӣ хел монандӣ ҳаст?
7. Барои чӣ ғояҳои нек ҷовидонанд?
8. Ба ғояҳои нек мисол биёред.
9. Ба ғояҳои консервативӣ мисол биёред.
10. Фарқи ғояҳои асл ва сохтаро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# РИВОҶИ ҶАМЪИЯТ ВА ҒОЯҲОИ БУНЁДКОР

Донишомӯзи азиз, аз сӯҳбатҳои пешин маълум шуд, ки мубоpизаи байни некӣ ва бадӣ, навигарӣ ва кӯҳна таърихи хеле қадима дошта, ҳеҷ гоҳ анҷом намеёбад. Инсон дар чунин мубориза ба ғояҳои бунёдкор такя мекунад.

Президенти мо Ислом Каримов моҳияти чунин зиддиятро ҳамаҷониба фаҳмонида додааст:

**«Агар таърихи башарият, ривоҷи тафаккури онро ба таври тадриҷӣ аз назар гузаронем, мебинем, ки дар ҳаёт байни ғоя ва таълимотҳое, ки инсонро ба камолот, марраҳои баланд раҳнамоӣ мекунад ва ғояҳои бадӣ ва зарарнок аз азал мубориза мавҷуд будааст ва имрӯз ҳам идома дорад»[1].**

*Маънои калимаи «бунёдкор» ин яъне офаранда аст.*

**Ғояе, ки дар қалб ва шуури инсон салоҳияти офарандагӣ бедор намуда, ӯро ба корҳои манфиатноки халқу Ватани худ ва инсоният сафарбар менамояд, ғояи бунёдкор аст.**

Ҳар як халқи ҷаҳон бо ғояҳои бунёдкор мезиҳад. Чунки ҳар як халқ ба чӣ қодир будани худро, тамоми қудрати офарандагии худро, танҳо тавассути бунёдкорӣ намоён мекунад. Шумо суханони даъватангези соҳибқирон Амир Темур «ҳар кӣ ба қудрати мо шубҳа кунад, ба биноҳои мо назар андозад»-ро хуб медонед. Дар ин гуфтаҳо ба чӣ андоза калон будани салоҳияти бунёдкорона, қудрати халқи мо ишора карда шудааст. Эътибор диҳед, аҷдоди бузурги мо дар ин замина нагуфтааст, ки «ба лашкари мо, сарвати

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 112.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мо, салтанати ними ҷаҳонро фарогири мо назар андозед». Чаро? Ҳол он, ки агар ҳамин тавр мегуфт ҳам, хато намекард. Агар ҳамин тавр гӯяд ҳам, ба маънои муайян қудрати халқи моро ифода мекард. Чунки дар замони ҳукмронии Амир Темур дар ҷаҳон армияе баробари лашкари ӯ, сарвате баробари хазинаи ӯ, салтанате шабеҳи салтанати вай набуд. Лекин бобои ҷаҳонгири мо аз ҳамин миқдор аломатҳои соҳибқудратии давлат ва халқи худ танҳо ба як аломат ва аломати асосӣ эътибор додааст. Ва он ҳам бунёдкории халқ. Дар замири ин фикр маънои бузург хобидааст. Ва маъно аз он иборат аст, ки тамоми комёбиҳои ноил гардидаи давлати Амир Темур пеш аз ҳама ба бунёдкории халқ асос ёфта буд. Фазилати бунёдкории халқ бошад, хусусан, дар обидаҳои зебо ва нотакрор, ки дар он давр барпо шудаанд, дида мешавад.

Чунин фазилатҳои халқи мо аз ғояҳои бунёдкорона, ки дар давоми таърихи дуру дарози мо ташаккул ёфта, муттасил бой шудаанд, ғизо гирифтааст. Қоидаи «гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек» дар китоби «Авесто» — мероси бебаҳои маънавии мо, ки 2700 сол пеш аз ин офарида шудааст, далолат медиҳад, ки халқи мо аз замонҳои қадим бунёдкориро барои худ мақсади асосӣ, мафкураи асосӣ медонистааст. Дар замири ин қоида маънои агар дар фикр, сухан ва амали инсон танҳо некӣ бошад, он гоҳ тамоми ҳаёти ӯ аз бунёдкорӣ иборат хоҳад буд, муҷассам аст.

Ё худ даъвати боз як аҷдоди бузурги мо ҳазрати Баҳоуддин Нақшбандро «Дил ба ёру даст ба кор», яъне дил ба оллоҳу даст ба меҳнатро ба ёд оред. Ин ҳикмат фикри ибратбахши «ҳар як кори худро бо мақсади муайян, андеша карда, ба сомон расон, вақти худро беҳуда нагузарон»-ро ифода мекунад.

**«Ба авлиёи бузург Баҳоуддин Нақшбанд аз таҳти дил ихлос гузошта, ба ӯ «Баҳоуддини Балогардон» гуфта таъриф додани бобоёни мо маънои амиқ дорад. Ҳикмати ҳаётбахши «дил ба оллоҳу даст ба меҳнат»-и вай маънову моҳияти дини олиҷанобу моро равшану возеҳ ифода карда, чунин ба назар мерасад, ки гӯё ҳамин рӯз гуфта шудааст»[1].**

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 40.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бухоро. Мақбараи Баҳоуддин Нақшбанд

Агар чуқуртар фикр кунем, ҳама чизи ҷондор ва беҷон дар ҳаракати доимӣ. Тамоми ин ҳаракатҳо ба мақсади муайян равона шудаанд. Дар дунё чизи бемақсад, изофа офаридашудае нест. Илму фанни муосир тасдиқ мекунад, ки ҳатто хурдтарин ҳашарот дар олам сабабгори нигоҳ доштани кадом як мувозинати экологӣ аст. Агар онҳо нобуд шаванд, мувозинати олам вайрон мешавад. Ҳамин ҳақиқатро дар назар дошта, бобои бузурги мо ба инсонҳо «Шумо ҳам аз Оллоҳ ибрат гиред, шабу рӯз меҳнат кунед, аз ҳаракат бознаистед» гуфтанӣ аст.

**Ҳаракати неки доимӣ, ин бунёкорӣ аст. Кори одамеро, ки аз тахти дил ҳаракат намекунад, мустақилона фикр намекунад, фармоиши ҳар касеро бечуну чаро иҷро мекунад, бунёдкорона гуфта намешавад. Фақат аз меҳнати аз тахти дил ба сомон расонидашуда мӯъҷизаҳои ҳақиқӣ бунёд меёбанд.**

**Мӯъҷизаҳоро, ки маҳсули меҳнати бунёдкорӣ мебошад, дар ҷаҳон хеле бисёр дучор омадан мумкин аст. Аҳромҳои Миср, шаҳрҳои Рим, Париж ва Венетсия, обидаҳои шарқи бостонӣ ҳамин гуна мӯъҷизаҳоянд. Шаҳрҳои қадими Самарқанд, Бухоро ва Хева, обидаҳои нодири меъморӣ аз қабили Регистон, Шоҳи Зинда, Минораи Калон, Арки Бухоро, Ичанқалъа, дурдонаҳои нотакрори санъат «Шашмақом» дар кишвари мо ҳам дар қатори ҳамин гуна мӯъҷизаҳое меистанд, ки тавассути ақлу заковати инсоният офарида шудаанд.**

Бо чунин мероси бойи аҷдоди худ мефахрем ва ҳамвора барои дар оянда ба амал баровардани ҳамин гуна бунёдкориҳо худамон ҳам ҳаракат мекунем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Донишомӯзи азиз, Барои ин Шумо бояд чӣ хел хонед, ба чиҳо бештар эътибор диҳед?*

Анъанаҳои ба халқи мо хоси бунёдкорӣ солҳои истиқлолият таҷдид ёфта ба таври муносиб идома меёбад. Дар ин ҷо, аҳамияти калон доштани ғояи «Хонаи нав насохта кӯҳнаашро вайрон накун»-ро таъкид намудан лозим аст, ки Президенти мо аз солҳои аввали истиқлолият ба миён гузошта, бунёдкориро барои халқи мо ба мақсади асосӣ табдил дод. Чунки соли истиқлолият 1991 ва солҳои аввали баъди он давраи мураккаб буд. Дар он вақт баъзе давлатҳо аз ғалабаи истиқлолият маст шуда, акнун ҷамъияти нав месозем гуфта, аз офаридан дида бештар ба вайрон кардан майл нишон доданд. Лекин ҷамъияти нав дар як рӯз ва ҳатто дар як-ду сол сохта намешавад. Ин ҷараёни мураккабест, ки дуру дароз давом карда, ҷустуҷӯ ва таҷрибаҳои зиёд, меҳнати пурзаҳмат талаб мекунад. Сарвари давлати мо, ки чунин ҳақиқатро чуқур дарк карда буд, роҳи зина ба зина сохтани навро дар ҳоли нигоҳ доштани кӯҳна интихоб намуд.

Аҳамияти ин роҳ аз он иборат шуд, ки он аввало ҳисси бунёдкориро дар қалби ҳамватанон бедор намуд, онҳоро барои ба таври муносиб давом додани анъанаҳои аҷдоди бузург ҳидоят кард. Барои ҳамин, солҳои истиқлолият шаҳру қишлоқҳои мо обод шуда, мактаб, литсей, коллеҷ, донишгоҳҳои олӣ, музей, театр, корхонаҳои замонавӣ, истиқоматгоҳҳои мӯҳташам, хиёбонҳои зебо, роҳҳои равон, бозорҳо, пулҳои нав ба нав ба ҳусни кишвари мо ҳусн зам мекунанд. Калимаи «бунёдкор» ба яке аз фаъолтарин калимаҳои забони мо табдил ёфта, дар диёри мо бо ин ном масканҳои дилрабо, ташкилот ва ҷамоаҳо пайдо шуданд.

**Баробари ба некӣ ҳаракат кардани одамизод, дар тафаккури ӯ ғояҳои бунёдкор пайдо шудан мегиранд.**

Халқи мо мегӯяд, ки «ҷидду ҷаҳдро толеъ ёр аст». Оё эътибор додаед, ки дар қалби падару модарон баробари солим ва комил ба воя расидани фарзандон орзуҳои нав ба нав маъво мегиранд, бо ниятҳои «фарзандонамро хононам, ба халқ тӯй диҳам, онҳоро со-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳиби хонаву ҷой кунам, бахти наберагонро бинам» зиндагӣ мекунанд. Агар дар онҳо мақсадҳои нек намебуд, агар онҳо ба фардо бовар намекарданд, ин қадар орзую умед ба вуҷуд меомад?

**Ғояҳои бунёдкор аз мақсадҳои неки қалби инсонҳо ва халқҳо пайдо мешаванд.**

**Ғояҳои бунёдкор дар замони имрӯза дар муттаҳид намудани миллатҳо ва халқҳо алайҳи хавфу хатари умумии инсоният аҳамияти муҳим касб мекунанд. Дар гузаронидани тадбирҳо, вобаста ба талаби замон, ин ғояҳо мавқеи асосӣ доранд. Масалан, дар мусобиқаҳои байналхалқии спортӣ, анҷуманҳои илмӣ-маданӣ, идҳои санъат, кинофестивалҳо ба ғояҳои муттаҳид намудани қувваҳои тараққипарвари ҷаҳон, дӯстӣ, ҳамҷиҳатӣ, осоиштагӣ бештар аҳамият медиҳанд.**

Шумо шояд бисёр таърифҳои инсонро шунида бошед. Инсонро мӯъҷизаи бузурги Офаридгор, зоти нотакрор, тоҷи гули табиат, соҳиби ақлу идрок, дорои қудрат ва ҳоказо мегӯем. Тамоми ин таърифҳо дуруст аст. Лекин бунёдкории ӯст, ки вайро ба ин таърифҳо муносиб сохтааст. Агар инсон бо ақли худ фикру андеша ронда эҷод намекард, агар бо дастони худ мӯъҷизаҳо намеофарид, дар таърифи ӯ чунин калимаҳои зебо гуфта намешуданд.

Хулоса ин, ки агар ҷидду ҷаҳди неки инсон, мақсадҳои олиҷаноби он, боварӣ ба адолат ва ҳақиқат дар қалби ӯ ҷой дошта бошад, ғояҳои бунёдкор ҳеҷ гоҳ гум нахоҳанд шуд.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Маънои калимаи бунёдкор чист?
2. Кадом ғоя ғояи бунёдкорона номида мешавад?
3. Кадом мӯъҷизаҳои тавассути ақлу идроки инсон бунёд ёфта, маҳсули меҳнати бунёдкоронаро медонед?
4. Амир Темур аз бунёдкории халқи мо фахр карда чӣ гуфта буд?
5. Кадом ғояҳои бунёдкорро аз таърихи халқи мо медонед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

6. Оё Шумо кашидани расм, сохтан, парвариши гул ё кӯчатро медонед?
7. Дар бораи инсонҳои шиноси худатон, ки бунёдкори ҳақиқӣ номидан мумкин аст, нақл кунед.
8. Фикри худро дар бораи ҷой, ташкилот ё ҷамоаҳое, ки «Бунёдкор» ном доранд, нақл кунед.
9. Гӯед, ки дар пештоқи кадоме аз ин обидаҳои меъморӣ ҷумлаҳои ҳикматноки машҳур аз тарафи Амир Темур нависонда шудааст.



*а* *б* *в* *г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ДОНИШ ВА МАЪНАВИЯТ

***(Машғулияти амалӣ)***

Донишомӯзи азиз, Шумо оид ба маънавият, фикр ва ғоя ба маълумотҳои ибтидоӣ ва тасаввурот соҳиб шуда истодаед. Дар ёд доред, ки маънавият ва ғоя дар дарк ва фаҳмидани инсон аҳамият дорад. Барои ҳамин, мо маънавиятро, қисми таркибии он — ғояро, умуман хусусият ва қонуниятҳои ин ду ҳодисаи ноёбро чӣ қадаре чуқур дониста гирем, инсонро ҳам ҳамин қадар бештар мефаҳмем. Ин бошад, барои муайян кардани роҳи дуруст дар ҳаёт, ҷудо кардани хуб аз бад, каҷ аз рост хеле зарур аст.

Инсон чӣ қадаре бештар одам бинад, бо онҳо мулоқот карда, таҷрибааш афзояд, дониш, маънавияти вай ҳамин қадар пурзӯр мешавад. Агар Шумо китоби аҷдоди бузурги мо Муҳаммад Заҳириддин Бобур — «Бобурнома»-ро бо шавқ варақ зада бинед, дар он муаллиф як байтеро ба лафзи форсӣ ба забон мегирад:

*Ҳар чӣ дар оина ҷавон бинад,*
*Пир дар хишти пухта он бинад.*

Агар ба гуфтаҳо, хатту ҳаракати падару модар, бобову бибиатон дар хона, устодатон дар мактаб эътибор диҳед, боварӣ ҳосил мекунед, ки онҳо чӣ қадар чизҳои бисёрро медонанд. Масалан, дар вақти дарс устодатон як худаш ҳаракати 25—30 нафар шогирдонро, ба чӣ машғул шудани онҳо, ба куҷо мондани дафтару китоб, бо кадом даст қапидани қаламу ручкаро назорат карда меистад. Ягон чиз аз эътибори вай берун намемонад. Ҳол он, ки ғайр аз назорати ҳамин қадар шогирд, устодатон боз дар фикри ба Шумо расондани мавзӯи нав, ҳар сари вақт китобу дафтарашро кушода, ба тахтаи синф қоидаҳои заруриро навишта, чизҳои нофаҳмо мондаро гашта фаҳмондан ҳам мебошад. Аз сабаби он, ки дониш, таҷрибаи устод кофӣ асту маънавияташ ба дараҷаи воло, ҳамагӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар 45 дақиқа ба Шумо як олам бойигарӣ, яъне донишро ҳадя мекунад. Дар байн фурсат ёфта, оид ба масъалаҳои ҳаётӣ, одобу ахлоқ ҳам маслиҳатҳои зарурӣ медиҳад. Ҳамаи ин, натиҷаи меҳнат ва машаққати мунтазам дар давоми солҳо, ҷустуҷӯҳои ҳамешагӣ мебошад. Агар мувофиқи маънои байти зикршуда гуфтанӣ бошем, он чиро ки Шумо аз оина дида базӯр фарқ мекунед, устодатон ба рӯйи хишт ё кулӯх ҳам дида, гуфта метавонад. Қувваи беназири маънавият дар ҳамин аст.

**Дониш, маърифат ва маънавият ба инсон қувваю имконияти иловагӣ, чашми иловагӣ — чашми қалб медиҳад, онро равшан мегардонад. Инсон бо ёрии ин чашм, чизҳоеро мебинад, ки дигарон намебинанд, чизҳоеро медонад, ки дигарон намедонанд. Хусусан, барои тез фаҳмидани мақсаду муддаои падару модар, бародару хоҳар, ёру бародар, устодон, ки ҳар рӯз дар атрофи мо, бо мо дар мулоқотанд, барои хоҳиши онҳоро иҷро кардан, мисле, ки онҳо орзу мекунанд, инсони хуб шудан, чунин фазилатҳои маънавӣ хеле муҳиманд.**

Мо, барои ёфтани ҷойи худ дар ҳаёт, ба роҳ мондани муомила дар ҳоли ба инобат гирифтани олами ботинӣ, феълу атвори ҳар як ҳамсӯҳбати худ, барои дили касеро наранҷондан, хуллас, барои боодоб, бомаданият шудан, бояд ҳаракат кунем, ки ҳам инсонро, ҳам маънавиятро дарк кунем.

Падару модар, устодон ҳар рӯз ба Шумо маслиҳатҳои дуруст медиҳанд. Чунки онҳо имконият, маънавияти Шуморо, ба чӣ мӯҳтоҷ будани Шуморо, ба чӣ қодир будан ва набудани Шуморо хуб медонанд.

Худатон ҳам ҳар рӯз дар оила, мактаб, кӯча бо чандин одамон вохӯрда, сӯҳбат мекунед. Ҳарчанд худатон пурра нафаҳмед ҳам, маънавияти онҳоро фаҳмида, аз худ карда меравед. Инро ҳамин хел донистан мумкин, ки агар Шумо бо падару модар, аҳли оила дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат кунед, бо ёру дӯст, ҳамсинфи худ тамоман дар мавзӯи дигар гуфтугӯ мекунед. Ё ҳазлу шӯхии худро, ки бо писарбачаҳо мекунед, ҳеҷ вақт бо духтарҳо намекунед. Пас, Шумо медонед, ки ҳар яки онҳо аз ҷиҳати маънавӣ фарқ меку-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нанд, ҳар як ҳамсинф олами маънавии худро дорад ва ба ҳамон нигоҳ карда, ба ҳар яки он алоҳида муомила ба роҳ мемонед. Яъне, шакли муомилаи ба олами маънавии ҳар як дӯст, ҳамсинф хосро ёфта метавонед. Ин комёбии калони Шумо аст.

Хулоса ҳамин, ки дониш ва маънавият ба ҳам вобастаанд. Дониш, таҷрибаи инсон афзояд, маънавияти вай боло меравад.

Бо назардошти талаби ин машғулияти амалӣ, пеш аз ҳама, ҳаракат кунед, ки ба маънавияти ҳамсинфи худ, ки дар паҳлӯятон нишастааст, таъриф диҳед. Фарқи вай аз дигарон дар чист? Камгап аст ё сергап? Бисёр мехонад? Вай кадом филмҳоро тамошо мекунад, кадом китобҳоро мехонад? Бо спорт машғул мешавад? Ба падару модараш чӣ хел ёрӣ медиҳад? Оё мехоҳед, ки вай бо Шумо тамоми умр дӯст бошад? Барои чӣ?

Кадом варзишгар ё санъаткори машҳури ҷаҳон ба Шумо маъқул аст? Ба фикри Шумо олами маънавии онҳо чӣ хел аст?

Дар олам ҳар як инсон мехоҳад, ки дӯсти ҳамроз дошта бошад, ки ба вай дард, орзу ва армонҳои худро изҳор карда тавонад. Шумо ин хел дӯст доред? Худи Шумо ба шунидан, ҳамдард шудан, ҳамфикр будан ба дигарон саъй мекунед-мӣ?

Дар давоми машғулияти амалӣ, оид ба ин саволҳо фикр карда, ҳаракат кунед бо устод, ҳамсинфи худ табдили фикр намоед.

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТ БАРОИ МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ:

1. Islom Karimov. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. Тошканд, нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 18–29.

2. Islom Karimov. Vatan va xalq mangu qoladi. Тошканд, нашриёти китобхонаи Миллии Ўзбекистон, соли 2010.

3. O‘rta asrlar Sharq allomalari va mutafakkirlarining tarixiy merosi, uning zamonaviy sivilizatsiya rivojidagi roli va ahamiyati. Материалҳои конференсияи байналхалқӣ. Тошканд, нашриёти «O‘zbekiston», соли 2014, саҳ. 4–36.

4. Zahiriddin Muhammad Bobur. Boburnoma. Тошканд, Сартаҳририяти ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq», соли 2002, саҳ. 159.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАКРОР

Донишомӯзи азиз, инак, боби якуми китоби дарсии «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» ба охир расид. Барои такрори мавзӯъҳо ва мустаҳкам намудани донишҳои гирифта, савол ва супоришҳои ҳар як дарсро ба хотир оред. Муҳимаш, мазмуни фикрҳои китоби Президент Ислом Каримов «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир»-ро боз як бор фаҳмида гиред.

Дар такрор ва дар хотир нигоҳ доштани дарсҳои гузашта мафҳум ва ибораҳои дар он баёншуда, роли муҳим мебозанд. Шумо мафҳум ва ибораҳои такягоҳиро оид ба ҳар як мавзӯъ ба дафтаратон нависед. Масалан, оид ба мавзӯи «Инсон — эҷодкори некӣ» ба тартиби зерин навиштан мумкин.

Мафҳум ва ибораҳои такягоҳӣ: ғояи миллӣ, орзую умедҳои халқ, шароити мусоиди таърихӣ, истиқлолият, ба саҳнаи таърих баромадани раҳбаре, ки салоҳияти волои пешвоӣ дорад, барқарор шудани давлати миллӣ ва арзишҳо, рисолаи «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамоилҳои асосӣ», китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир».

Баъди ба ҳамин тарз навишта гирифтани мафҳум ва ибораҳои такягоҳӣ, ки Шумо муҳим ҳисоб мекунед, дар асоси онҳо якҷоя бо устод, ҳамсинфони худ мавзӯъро такрор кардан мумкин аст.

Илова бар ин, аз рӯйи ҳар як мавзӯъ савол ва тестҳо тайёр карда, ба дафтаратон нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби II

# ҒОЯ АЛАЙҲИ ҒОЯ, ФИКР АЛАЙҲИ ФИКР

## ҒОЯҲОИ ЗАРАРНОК

Донишомӯзи азиз, мисли он, ки дар дунё ҳама чиз зидди худро дорад, бар зидди ғояҳои бунёдкор ҳам ғояҳо ҳастанд. Онҳо ғояҳои зарарнок ё вайронкор  номида мешаванд.

*Ғояҳои бунёдкор дар қалби инсон орзуву умеди нек бедор карда, ба офарандагӣ, меҳнати ҳалол даъват кунад, ғояҳои вайронкор ҳисси вайронӣ, зиштӣ бедор карда, ба бадӣ ҳидоят месозад.*

Шумо аз таърих медонед, ки инсоният дар тараққиёти худ чӣ қадар ҷангу ҷанҷолҳо, задухӯрдҳои хунинро дидааст. Ҳатто имрӯз ҳам мавҷудияти зиддиятро байни қувваҳои гуногун дидан мумкин аст. Ин ҳама аз он далолат медиҳад, ки мубориза и байни бунёдкорӣ ва вайронкорӣ то ба ҳанӯз идома меёбад.

Мо мегӯем, ки «Инсон барои некӣ, барои бахт таваллуд шудааст». Дар он сурат бадӣ, вайронкорӣ аз куҷо пайдо мешавад? Фикрҳои зерини Президенти мо ба ин савол ҷавоб аст.

**«Дар ин олам дар табиат ҳам, дар ҷамъият ҳам холигӣ (халоъ) намешавад. Дар куҷое агар халоъ пайдо шавад, бешубҳа, касе ҳаракат мекунад, ки онро пур кунад»[1].**

Ҳиссу эҳсоси инсон ба таъсири ашёву ҳодисаҳои гирду атроф тез дода мешавад. Масалан, ҳангоми дидани ашёҳои хуб, оростани мулоқот бо онҳо, дар қалб эҳсосоти нек ва мусбӣ бедор мешавад. Вақти дидани манзараи зебо, мутолиаи китоби хуб, тамошои филми шавқовар ё сӯҳбат бо бачаи боодоб нисбат ба онҳо меҳр, муҳаббати мо меафзояд. Баръакс, ҳангоми дидани чизи бад ё бар-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 12.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

доштани таассурот аз он, ҳисси нафрат ва ғазаби мо хуруҷ мекунад. Барои мисол, ҳангоми дидани одамони дуруғгўй, худбин, манзараҳои зишт, ҷойҳои ифлос кайфияти одам вайрон шуда, ҳиссиёти манфӣ ҷўш мезанад. Одамони сустирода бошад, ба чунин таъсирҳо зуд дода шуда, ба он ҳамоҳанг шудани худро нафаҳмида мемонад.

**Агар ғояҳои бунёдкор ба тарбия, амалӣ намудани ҳиссиёт ва кўшишҳои мусбӣ бахшида шаванд, ғояҳои вайронкор ҳаракат мекунанд, ки ҳиссиёти манфиро сўйи мақсадҳои бад хуруҷ диҳанд. Дар натиҷа, нохушиҳои ҳаёт сар мешаванд.**

*Ғояи вайронкор гуфта, ғояеро меноманд, ки дар қалби инсон ниятҳои манфиро бедор, мафҳумҳои некро сохта гардонида, кўшиш мекунад онҳоро барои мақсадҳои бад истифода барад.*

Хусусияти асосии ғояҳои бунёдкорона агар некӣ, меҳру муҳаббат ба инсон, инсонигарӣ, навигарӣ, майл ба тараққиёт бошад, аломати асосии ғояҳои вайронкор аз бадӣ, нафрат ба инсон, бешафқатӣ, дида натавонистани навигарӣ ва тараққиёт иборат аст.

**«Ҳазорҳо афсўс, ки қиёфаи аслӣ, мақсаду муддао ва имкониятҳои ин қувваҳоро дақиқу равшан тасаввур кардан осон нест. Чунки онҳо аксаран зери ниқобҳои гуногун, шиор ва ғояҳои ҷозибаноки пардапўш кор мекунанд. Дар ихтиёри чунин қувваҳо ресурс ва имкониятҳои хеле калони моддӣ ва молиявӣ мавҷуд буда, ба мақсадҳои зишти пухта, тўлонӣ ва бардавоми онҳо хизмат мекунад»[1].**

Ҷиҳати хавфноки ғояҳои вайронкор дар он аст, ки онҳо зери ниқоби ифодакунандаи мақсадҳои олии аксарият баромад мекунанд. Масалан, болшевизм, ки бештар аз 70 сол ҳукмрон шуда, ба сари халқи мо азобу уқубатҳои зиёд овард, мақсадҳои ноил шудан ба баробарӣ, таъмини адолат, барқарор намудани ҳукмронии меҳнаткаши оддиро ба худ байрақ карда буд. Лекин, пас аз соҳиби ҳокимият шудан, ин мафкура одамони оддиро ба азобу душво-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 12.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Қаршӣ. Кӯпруки қадима**

риҳо дучор кард. Зери шиори «Ба моликияти хусусӣ хотима медиҳем!» одамон аз молу мулк маҳрум карда шуда, чун «кулак» ба ҷангалҳои Сибир бадарға шуда, ҳабс гардиданд. Бо баҳонаи «коллективонӣ» замин ва об, тамоми сарватҳои моддӣ аз халқ кашида гирифта шуданд. Зери даъватҳои «Инқилоби маданӣ», «Маданияти пролетарӣ» мероси миллӣ-фарҳангӣ инкор, обидаҳои таърихӣ бераҳмона нобуд карда шуданд, номи мубораки алломаҳои бузурги мо, осори онҳо манъ гашта, зиёиён қатағон шуданд. Ин корҳои номаъқул, ки дар давраи низоми шӯроҳо зери шиорҳои баландпарвоз ба амал бароварда шуд, ҳисоб надоранд. Ҳар кадом аз тадбирҳои коммунистии он замонро агар дида бароем, дар замири онҳо мақсадҳои зидди манфиати халқро дидан мумкин аст. Сабаби ин ҳама ғояи вайронкор будани ғояи болшевизм аст.

*Болшевизм гуфта, назарияи зарарнок ва вайронкор, мафкура ва амалияи қувваи сиёсии самти зӯроварӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси мафкураи коммунистӣ ташаккул ёфта, дар асри XX дар ҳудуди собиқ СССР фаъолият бурдааст.*

Дар амалӣ намудани мафкураи вайронкорӣ фашизм ва атеизми таҷовузгар роҳи ваҳшиёна пеш мегиранд. Шумо дар бораи аз балои фашизм ва атеизми таҷовузгар дар асри XX чӣ гуна ҷабр кашидани башарият аз фанни таърих маълумот мегиред.

*Атеизм (юнонӣ, «а» — инкор кардан, «теос» — Худо, яъне бехудоӣ) фақат моддиётро эътироф кардан, таълимотест, ки ба рад кардани дин ва арзишҳои динӣ асос ёфтааст. Дар Шарқ онро даҳрият меноманд.*

Даҳрият ду ҷиҳат дорад. Он аз як тараф динро танқид кунад, аз тарафи дигар кӯшиш мекунад, ки офариниши оламу одам ва хусусиятҳои зиндагии ӯро дар асоси материалистӣ фаҳмонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Атеизми таҷовузгар, як шакли даҳрият буда, мафкураест, ки кӯшиш мекунад ғояҳои худро дар асоси зӯрӣ ҷорӣ намояд. Барои ҳамин ҳам онро мафкураи вайронкор мегӯем.*

Атеизми таҷовузкор тараққиёти динии инсоният, аз ҷумла халқи моро мутлақо рад карда, ба нест кардани он ҳаракат мекунад. Дар давраи низоми собиқ шӯравӣ атеизми таҷовузкор, ки «атеизми марксистӣ-ленинӣ» ном дошт, ба мафкураи расмии давлати шӯроҳо табдил ёфт.

*Мафкураи мустабид гуфта, мафкурае фаҳмида мешавад, ки силоҳи идоракунии давлат ва ҷамъият буда, ба шуури одамон бо зӯрӣ дароварда мешавад.*

Мафкураи болшевизм дар ҳудуди СССР ҳар номаъқулие, ки мехост мекард. Ба он касе наметавонист зид барояд.

Масалан, мақбараи Имом Бухорӣ, ки имрӯз чун маҷмӯаи бузурги ёдгорӣ аз нав бунёд ёфтааст, дар давраи шӯроҳо дар дохили анбори нуриҳои минералӣ буд. Ё худ қабристони Чокардиза, воқеъ дар Самарқанд, ки дар он аҷдоди бузурги мо Имом Мотурудӣ ва чандин азизу авлиёҳо дафн шудаанд, вайрон шуда ба ҷойи он маҳалла шуда буд. Одамон масҷид намерафтанд, ҷаноза ва дигар маросимҳои падару модар ва наздиконро озодона гузаронидан манъ буд. Ба ҳаҷ рафтан, зиёрати Каъба мутлақо мумкин набуд.

Атеизми таҷовузгар солҳои охири давраи шӯроҳо чунин авҷ гирифт, ки ҳатто ҷашни иди бостонии мо Наврӯз, ки дар худ тағйиротҳои табиатро инъикос карда тӯли ҳазорсолаҳо ид карда мешуд ва ба дин ҳеҷ робитае надорад, манъ карда шуд.

Баъди ба истиқлолият ноил шудани мо, ба ин беадолатиҳо хотима гузошта, арзишҳои динии мо аз нав барқарор шуданд.

Атеизм, яъне даҳриятро аз дунявият фарқ кардан лозим.

*Дунявият роҳи тараққиёт, тарзи ҳаёт ва шакли ҷаҳонбиние мебошад, ки давлатҳои озод ва мустақил дар асоси хоҳишу иродаи халқи худ интихоб намудаанд ва он тӯли тараққиёти бисёрасринаи инсоният санҷида шудааст.*

*Даҳрият шакли ҷаҳонбиние мебошад, ки дин, арзишҳои динӣ ва таълимотҳои динӣ-илоҳиро рад мекунад.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Президент Ислом Каримов фарқи байни ин ду мафҳумро шарҳ дода гуфта буд:

**«Дунявият дар тафовут аз даъвоҳои баъзе ақидапарастон, асло даҳрият нест»[1].**

**Дар шароити давлатдории дунявӣ, дар қатори дигар арзишҳо, ҳам дин, ҳам озодии эътиқоди динӣ бо роҳи қонунӣ кафолат ёфта, ба аҳамияти он дарривоҷи маънавият эътибори хос зоҳир мегардад. Дар ҷойи ҳукмронии мафкураи даҳрият, баръакс, дин ва арзишҳои динӣ манъ карда мешаванд.**

Ҳамин тавр, то одамизод ҳаст, мубоизаи байни ғоя ва мафкураҳои бунёдкор ва вайронкор идома меёбад. Шумо ҳар рӯз аз телевизор дар бораи дар кунҷҳои гуногуни ҷаҳон баробари корҳои нек содир шудани таркишҳои гуногунро ҳам мумкин мебинед. Худи ҳамин нишон медиҳад, ки ин мубориза то ба ҳанӯз анҷом наёфтааст, балки дар шаклҳои нав идома меёбад.

***«Мафкура» калимаи арабӣ буда, маънои фикр карданро мефаҳмонад.***



**Самарқанд. Мақбараи Имом Мотурудӣ**

Дарси гузашта, бо Шумо, дар бораи хусусияти низомҳосилкунии ғоя сӯҳбат карда будем. Агар якчанд низоми ғоявӣ муттаҳид шуда ба маҷмӯаи ғояҳо, афкор, мафҳумҳо, анъана ва арзишҳо табдил ёбанд, мафкураро ташкил медиҳанд.

Масалан, Шумо иборои «мафкураи бозор»-ро шояд шунида бошед. Ин мафкура ғояҳои аз қабили гуногунии шаклҳои мулк, гардиши озоди пул ва мол, рақобати озод ва мафҳуму арзишҳои ба монанди покизагӣ, ҳалолӣ, инсоф, диё-

[1] **Islom Karimov**. Ozod va obod Vatan, erkin va farovon hayot – pirovard maqsadimiz. –Т.: нашриёти «Oʻzbekiston», соли 2000, саҳ. 504.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нат, барака, нарху наво, қиматӣ, арзониро фаро мегирад. Ё худ агар ғояи истиқлоли миллиро, ки мову Шумо ба омӯзиши он пардохтаем, бубинем, он ҳам ғояи асосӣ, мафҳум ва тамоилҳои устуворро дар бар мегирад. Дар замони имрӯза дар асоси ҳамин низом мафкураи нави халқи мо ташаккул ёфта истодааст.

**Мухтасар гӯем, мафкура низоми ғояҳо, мафҳум, тамоил, арзиш ва анъанаҳои одам, халқ ё ҷамъият аст, ки дар роҳи ба амал баровардани мақсадҳои пешгузоштаи онҳо истифода мегарданд.**

### *Савол ва супоришҳо*

1. Чӣ гуна ғоя ғояи бунёдкор гуфта мешавад?
2. Фарқи ғояи бунёдкор аз ғояи вайронкор дар чист?
3. Дар бораи ғояҳои вайронкор аз таърих боз чӣ гуна мисолҳо овардан мумкин аст?
4. Барои чӣ атеизми таҷовузкор зарарнок аст?
5. Дар бораи натиҷаҳои ғояҳои бунёдкор дар ҳаёти имрӯзаи мо чиҳоро медонед?
6. Чӣ хел пайдо шудани мафкураро шарҳ диҳед.
7. Аз рӯйи расмҳо нақл кунед, ки ёдгориҳои кадом аҷдоди бузурги мо тасвир шудаанд ва онҳо кай аз нав барпо шудаанд.


*а*


*б*


*в*


*г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҲУШЁРӢ ВА ОГОҲӢ

Вақте мо кинофилм, театр ё асари санъати тасвириро, ки намунаи ҳақиқии маданият аст, мебинем, қаҳрамонҳои мусбии онҳоро дӯст медорем, кӯшиш мекунем аз онҳо ибрат гирем, ба мисли онҳо дар роҳи манфиати халқу диёр бо садоқат хизмат намоем, ба одамон некӣ кунем. Чунки намунаҳои ҳақиқии маданият инсонро ба некӣ, ба мубориза барои ғояҳои бузург, ҳифзи шаъну шарафи Модар-Ватан, даъват мекунанд. Лекин, афсӯс имрӯз намунаҳои маданияти сохта ҳам, ки ба диёри мо аз хориҷ омаданд, бисёранд. Аз онҳо «маданияти оммавӣ» бештар паҳн шудааст.

Намунаҳои «маданияти оммавӣ» ба назар хеле ҷозибанок, безарар, беозор мерасанд, лекин оҳиста-оҳиста ба қалб, ба шурри мо таъсир расонда, эҳсоси моро ба худ тобеъ мекунанд. Дили мо, эҳсосоти мо, тафаккури мо ба ин ахбороти сохта ҳамоҳанг шуда, аз худ дур мешаванд, рӯҳи мо танбал шуда, фикри мустақилона, муносибати қатъӣ ба ҳаёт намефорад. Дар натиҷа, фақат ҳаёти бардурӯғ ва сохтаро ба сифати ҳаёти ҳақиқӣ қабул карда, пай намебарем, ки аз муҳити солими гирду атрофи худ, ки дар он тарбия ёфта ба воя расидем, аз урфу одат, арзишҳои дар давоми асрҳо аз санҷиш гузаштаи халқи худ дур мешавем. Пойҳоямон гӯё аз замин канда мешавад. Қалб, шуури мо гӯё ба кадом як қувваи дигар таал-





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

луқ дошта бошад. Фақат ба ҳамин қувва итоат намуда, зери таъсири вай ҳаракат мекунем. Дар асл ин намуди замонавии манқуртӣ, аломати побандии маънавӣ мебошад.

*Таҳдидҳои ҳозиразамон, ки хуруҷҳои ахборотӣ ва «маданияти оммавӣ» ном гирифтаанд, ба танаи мо зарар намерасонад, ягон ҷойи моро хун ҳам намекунад. Лекин, онҳо ҳиссу эҳсоси моро, ки аз падару модар гирифтаем ва моро ба табиат, ба зебоӣ наздик мекунанд, мекушанд қалб ва шуури моро пурра фаро гирифта, соҳиб мешаванд, ба маънавияти аз аҷдод меросмондаи мо қабза меандозанд. Барои ҳамин, ин гуна таъсирҳои зарарнокро таҳдидҳои маънавӣ меномем.*

**«Таҳдиди маънавӣ гуфта, фикр мекунам пеш аз ҳама хуруҷҳои мафкуравӣ, ғоявӣ ва ахборотиро дар назар доштан лозим, ки бар зидди ба маънои том инсони озод будани ҳар як одам сарфи назар аз забон, дин, эътиқоди вай нигаронида шуда, мақсади аз роҳ задани олами рӯҳии ӯро пешбинӣ мекунад»[1].**

Одам кай ба маънои том мустақил мешавад? Ҳамон вақт, ки қалб ва шуур, тамоми вуҷуди вай ба худаш тааллуқ дошта бошад, вай фақат ба хоҳишу иродаи худ такя намуда, ҳаракат кунад.

**Таҳдидҳои маънавӣ мехоҳанд моро аз бахти инсони озод, соҳибихтиёр, соҳибимон шуда умр ба сар бурдан маҳрум намоянд, ба истилоҳи дигар мехоҳанд инсонро аз ҷавонӣ ба ғуломи маънавӣ табдил диҳанд.**

Мо ҳеҷ вақт бояд ба ин роҳ надиҳем. Чунки мо ҳамеша ҳам аз ҷиҳати маънавӣ, ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ мустақил ва соҳибихтиёр будем, аз ин рӯ, мо фарзандони халқи бузурге мебошем, ки мӯъҷизаҳои бемисл офарида дар таърих тамоми инсониятро дар ҳайрат гузоштааст. Ин халқ мехоҳад фарзандонаш фақат солиму баркамол бошанд. Мехоҳад онҳо дар олам аз ҳеҷ кас кам нашуда, корҳои бузургеро, ки аҷдодон сар кардаанд, идомаи муносиб диҳанд.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 13–14.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои ҳамин, Президенти мо Ислом Каримов даъват мекунад, ки дар олами мураккаби имрӯз, дар мусобиқаи бешафқатона, ки торафт авҷ мегирад, худшиносиро аз даст надода, баръакс ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ҳам аз ҷиҳати маънавӣ обутоб ёфта, дар амал бояд нишон диҳем, ки мо ба чӣ корҳои бузург қодир ҳастем.

**«Ҳаракатҳо дар майдони замонавии ахборот имрӯз ба дараҷае тезкор аст, ки ба мисли пештара, ин воқеа дар ҷойи дур рӯй додааст, он ба мо алоқа надорад, гуфта бепарво шудан мумкин нест. Халқ ё миллате, ки ба чунин руҳия дода мешавад, мумкин аст, дар тараққиёт ба садҳо сол ақиб монда равад»[1].**

Пас, имрӯз лоқайдӣ ва бепарвогии яклаҳзаина ҳам барои одамизод қиммат меафтад. Барои роҳ надодан ба он, инсон пеш аз ҳама, бояд ба гирду атроф назари солим андохта, ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқа ҳушёр ва огоҳ шуда зиндагӣ кунад.

**«Бояд ба ҳамаи мо аён бошад, ки дар ҷойе ки бепарвоӣ ва лоқайдӣ ҳукмрон аст, муҳимтарин масъалаҳо ба ҳоли худ гузошта шудааст, дар он ҷо маънавият ба нуқтаи оҷиз ва заиф табдил меёбад. Ва баръакс, дар ҷойе, ки ҳушёрӣ ва ҷонсӯзӣ, ақлу идрок ва тафаккури воло ҳукмрон бошад, дар он ҷо маънавият ба нерӯи пурқудрат табдил меёбад»[2].**

Имрӯзҳо халқҳои бисёр давлатҳои тараққикардаро пеш аз ҳама муаммои бо ёрии воситаҳои замонавии алоқа ба шуури одамон, ҷавонон ҷой кардани маълумотҳои мазмунан бемаънӣ, дур аз ахлоқ, сохта ва рӯякӣ, манзараҳои беҳаёӣ, побанд намудани онҳо ба бозиҳои зарарноки электронӣ, ки шахсро аз ҳаёти ҳақиқӣ дур мекунад, сахт ба ташвиш овардааст. Онҳоро саволи «қалб ва шуури бачае, ки рӯзи дароз фақат побанди ҳамин машғулот шуда ба воя

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 112.

[2] Ҳамон манбаъ, саҳ. 116.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мерасад, пагоҳ дар дасти кӣ мешавад, онҳо аз ҳаёти воқеӣ канда шуда, магар ба як сухани ширини одамӣ зор шуда намемонанд?» ба андеша мекашад. Дар ин муҳити иҷтимоӣ камбудии меҳру муҳаббат, набудани боварии байниҳамдигарӣ ба муаммои иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ, барои қаноати эҳтиёҷи қалб ба меҳр, ҳатто ҳайвон парвариш карда, ба онҳо дар мулоқот шудани одамон, ҳодисаи маъмул шуда истодааст.

Халқи мо аз азал меҳру оқибат, инсонигариро ба дараҷаи фазилати бузург бардошта онро ба қисми таркибии тарзи зиндагонии миллии худ табдил додааст. Мо ба одамон албатта даст ба рӯйи сина гузошта салом медиҳем. Барои расондани ёрӣ ба онҳое, ки мӯҳтоҷанд, ба инсонҳои маҷрӯҳ, гирифтори кулфатҳо мешитобем. Дар маҳалла тӯй ё маърака, ҳашар ва дигар тадбирҳо бошад, ҳаракат мекунем, дар қатори ҳама расида омада, «Канӣ, ба мо чӣ хизмат?» гуфта, ба сифати аъзои ҳамин ҷамоа қарзи худро ба иҷро расонем.

Мабодо касе аз дигар шаҳру қишлоқ омада барои шабгузаронӣ ҷой наёфта монад, бе ҳеҷ андешаву фикр ба хона даъват мекунем, ба сифати меҳмони азиз эҳтиромашро ба ҷой меорем, аз вай ҳеҷ чизро дареғ намедорем.

Ҳамаи ин аз он далолат медиҳад, ки мо дар соҳаи маънавият соҳиби мероси хеле калон ҳастем ва аз ҳамин ҷиҳат аз дигарон бартарӣ дорем.

**«Масалан, мафҳуми меҳру оқибатро, ки ба одати неки мо табдил ёфтааст гирифтанӣ бошем, решаҳои хеле амиқи таърихӣ, миллӣ, динӣ доштани онро дидан мумкин. Он пеш аз ҳама, ҳамоҳанг зистани инсон ба инсон, ҳамсоя ба ҳамсоя, хеш ба хеш, оила ба оила, муҳимаш шахс ба ҷамъиятро, зоҳир намудани саховат, ёрии беғараз ва самимиро ба ятиму бекасон, бевави бечорагон, маҷрӯҳои, мусофирон мефаҳмонад ва ҳеҷ кас ба олами маънавии халқи мо ҷорӣ шуда рафтани ин гуна хусусиятро инкор карда наметавонад»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 8–9.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар ҳақиқат, одамон дар шаҳрҳои калони аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ҳатто кӣ будани ҳамсояи худро намедонанд. Донистан ҳам намехоҳанд. Чунки ба онҳо эҳсоси меҳру оқибат бегона аст. Мо хона харидани шавем, пурсуҷӯй мекунем, ки ҳамсояи оянда кӣ аст. Дар замири мақоли халқии «Ҳавлӣ нагир, ҳамсоя гир» маънои хеле чуқур мехобад. Яъне, ба одам хонаи иборат аз чор девори безабону гунг не, балки пеш аз ҳама, инсоне лозим, ки одамро фаҳмида, эҳтиромро ба ҷой монда, барои як умр ҳамдард, ҳамфикр шуда, ба додани меҳр қодир аст.

Боз як мақоли аҷоиби халқӣ, ки «Ҳамсоя осуда — ту осуда» мебошад, фикрҳои болоиро пурра мекунад. Яъне, халқи мо ба дарду ташвишҳои дигарон ба дараҷае мутаассир аст, ки дар тарафи дигари девор агар ҳамсоя аз дард ё ягон муаммои ҳаётӣ душворӣ кашад, озод нафас гирифта наметавонем.

Дар баъзе давлатҳои ҷаҳон одамҳое, ки фақат худро фикр карда зиндагӣ мекунанд, ба худбинӣ дода шудаанд, мумкин бо кайфияти «Ман ба дарди дигарон чӣ кор дорам, ҳар кас барои худ бояд ҷавоб диҳад» умр ба сар баранд. Аммо, халқи мо агар ҳамсояаш қарор надошта бошад, хотирҷамъ буда наметавонад.

Шумо ҳар рӯз дар ҳаёт чандин мисолҳоеро мебинед, ки ин фикрҳоро тасдиқ мекунанд. Хусусан, дар бораи инсонҳое, ки писар ё духтари худро тӯй кардани бошанду дар хонаи ҳамсоя азо шавад, ба ҳурмати марҳум тӯйро ба дигар вақт мегузоранд, шунидаед. Ё худ ҳангоми назди дарвозаро рӯфтани арӯсҳо, чангу гард ба хонаи ҳамсоя нарафтанашро ҳатман ба инобат гирифтани онҳо, аз он далолат медиҳад, ки дар халқи мо оини ҳамсоядорӣ хеле гиромӣ аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳамаи ин намунаи бо ҳаёти ҷамъият яклухт дидани ҳаёти худ, садоқат ба халқу диёр ва фидоият мебошад.

То ки ҳамин боигарии маънавии мо вуҷуд дорад, бояд аз фиреби ғояҳои дар зоҳир ҷозибанок, лекин ботинан пуч ва бемағз эҳтиёт кунем. Барои ин на фақат худи мо, балки шуури мо ҳам ҳамеша бедор ва ҳушёр бошад.

Барои афзудани эҳсоси ҳушёрӣ ва огоҳии худ инсон доимо аз воқеаҳои гирду атроф ва олам бохабар шуданаш лозим. Таърихи Ватан, арзишҳои миллӣ, мероси бойи маданиии халқро донистанаш зарур. Ишқи Ватан, манфиати Ватан дар ҳар кор, дар ҳар қадам бояд меъёри асосӣ бошад.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Оё зуҳуроти сохтакоронаи «маданияти оммавӣ» бо маданияти ҳақиқӣ алоқа доранд?
2. Асарҳои намунаи маданияти ҳақиқӣ, ба чӣ даъват мекунанд?
3. Зуҳуроти сохтакоронаи «маданияти оммавӣ» ба кадом оқибатҳо оварда мерасонанд?
4. Таҳдиди маънавӣ гуфта, чиро мефаҳмем?
5. Лоқайдӣ ва бепарвогии як лаҳза ба чӣ сабаб шуданаш мумкин?
6. Ҳолатҳои ин расмҳо дар роҳи баркамол ба воя расидани ҷавонон чӣ аҳамият доранд?


*а*


*б*


*в*


*г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## АНЪАНА ВА ХУДВИЖАГИИ МИЛЛӢ

Донишомӯзи азиз, пос доштани анъана ва арзишҳои қадимии худ, имрӯзҳо барои ба ҳар гуна таъсирҳои зарарноки гуногуни мафкуравӣ дода нашуда, дар ҳар шароит гум накардани қиёфаи миллӣ ва фазилатҳои беназири халқ, аҳамияти муҳим дорад.

Аввало, ҳаминро дар хотир доред, ки ҳар як миллати рӯйи замин фақат бо анъана ва арзишҳои хоси худ ҷудо шуда меистад. Табиист, ки чунин анъана ва арзишҳо чун сарвати беназири ҳар як халқ дар як-ду рӯз пайдо нашудаанд. Таҷрибаи таърихии чандҳазорсолаи инсоният нишон медиҳад, ки ба анъана ё арзиш табдил ёфтани ягон ҳодиса давраи хеле тӯлониро талаб мекунад. Афкор, одат, мафҳум, таҷрибаҳои муайян дар давоми солҳо, асрҳо аз санҷиши замонҳо, авлодҳо гузашта сайқал меёбад. Агар онҳо аз тарафи авлодҳо ҳам қабул карда, давом дода, ба урфу одат табдил ёбанд, пас, онҳоро анъана ва арзишҳои миллӣ номидан мумкин.

Дар бораи арзишҳои миллӣ Шумо ҳангоми омӯхтани фанни «Эҳсоси Ватан» бисёр маълумот гирифтед. Арзишҳои миллӣ дар ҳоли вобастагии зич бо таърих, тарзи зиндагонӣ, маънавият, инчунин маданияти миллат зоҳир мешавад.

Арзишҳои миллии халқҳои мо ҳам, ки аз асрҳо ба асрҳо гузашта меоянд, дар ҷараёни тӯлонии таърихӣ ташаккул ёфтаанд. Аз ҷумла, фазилатҳои зиёде аз қабили эҳтиром ба зодгоҳи худ, бе ҳамин диёр тасаввур накардани тақдири худ, садоқат ба хотираи аҷдоди гузашта, ҳурмати ҳамешагӣ ба калонсолон, дар ҳар гуна шароит ҳам нигоҳ доштани ҳаё ва андеша, эътибори хос додан ба покӣ асоси арзишҳои миллии моро ташкил медиҳанд.

Арзишҳо дар шароити муайян ташаккул меёбад. Яъне аз ҳамдигар фарқ кардани арзишҳои миллатҳои гуногун бо шароити ташаккули он шарҳ дода мешавад. Дар боло баъзе арзишҳоеро гуф-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

та гузаштем, ки ба халқҳои мо хос мебошанд. Масалан, яке аз он арзишҳо, ба хона, маҳалла ва шаҳри зодгоҳи худ бо эҳтироми алоҳида муносибат кардан, ҳаётро бе ин гўшаҳо тасаввур карда натавонистанро дида мебароем.



Аз дарсҳои таърих медонед, ки халқҳои мо аз замони хеле қадим ба тарзи ҳаёти муқимӣ одат кардаанд. Одамон одат кардаанд, ки заминҳои маҳалли муқимшударо, сарчашмаҳои оби атрофи онро пос дошта, эҳтиёт кунанд. Зеро ҳосили ҳамин замин ва об манбаи муҳими ризқу рўзии одамон ба ҳисоб мерафт. Ин гуна, тарзи зиндагонии муқимӣ ба ҷамоа шуда, меҳнат кардан, ба ташкили муносибатҳои савдо ба воситаи иваз кардани маҳсули меҳнати одамон оварда мерасонд. Ҳамин тавр, хоҷагии қишлоқ ва маданияти шаҳр оҳиста-оҳиста боло мерафт. Беҳуда нест, ки синни даҳҳо шаҳрҳои диёри мо аз қабили Самарқанд, Қаршӣ, Бухоро, Хева, Шаҳрисабз, Андиҷон, Марғилон, Тирмиз ва Қўқанд бо ҳазорсолаҳо чен карда мешаванд.

Гуфтанӣ ҳастем халқҳои мо миллате мебошад, ки ба сарзамини зодгоҳи худ сахт побанд буда, эҳтироми онро аз хурдӣ омўхта, эҳсос карда ба воя мерасад. Афкор, маънавияти халқи мо дар ин бора, дар ин мақолҳои зиёд ҳам инъикоси худро ёфтаанд:

> **Аз дин бароӣ ҳам, аз халқ набаро; Саг дар ҷойе, ки сер мешавад, мард дар ҷойе, ки таваллуд мешавад (дар ин ҷо «мард» ба маънои инсони ҳақиқӣ); Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар (дар ин ҷо «тахти Сулаймон» ба маънои ҷойи бегона); Ба халқ такя кунӣ, зўр шавӣ, Аз халқ дур гардӣ, хор шавӣ; Халқ ба халқ пайвандад — давлат, халқ аз халқ барканад — заҳмат ва ҳоказо.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пас, анъана ва арзишҳои халқи мо, ки ба садоқати бепоён, эҳтироми он ба диёри худ вобастаанд, бо таърихи бойи вай шарҳ дода мешавад. Мисли ҳамин, анъана ва арзишҳои халқи мо аз қабили эҳтироми калон, иззати хурдон, меҳмондӯстӣ, шафқат ба мӯҳтоҷон, ҳаё, ибо ва меҳру оқибат, оилапарварӣ, гиромӣ доштани покӣ дар ҳаёти маишӣ ҳам мероси ҷовидони маънавӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз санҷишҳои тӯлонии ҳаёт гузаштаанд.

То замони ба истиқлолият соҳиб шудани Ватани мо, халқи мо дар шароити вазнину тӯлонии истибдод ҳаёт ба сар бурд. Кишвари қадимаи Туркистон аввал аз тарафи Россияи подшоҳӣ, баъд аз тарафи ҳокимияти шӯравӣ истило шуд. Ҳарду сохти истилогар ҳам на фақат замин, бойигарӣ, маҳсули меҳнати моро тороҷ кард, балки мунтазам ба бойигариҳои рӯҳӣ, маънавии халқи мо ҳам чашм ало карда, онро зери по намуд. Президенти мо, ки аз солҳои аввали истиқлолият ҳаргиз фаромӯш накардани ин рӯзҳоро таъкид мекард, дар маҷлиси парламент, 22 сентябри соли 1994 фикрҳои зерини пурдард ва пуризтиробро изҳор карда буд:

**«— Дӯстони азиз, худатон фикр карда бинед, дар давраи сохти мустабид ва мустамликадорӣ мо кӣ будем?**

**— Тақдири мо, ихтиёри мо ба дасти киҳо буд?**

**— Каъба гуфта, ба куҷо саҷда мекардем? Ҳар саҳар зери оҳанги гимни «Ассалом!..» ба кӣ таъзим карда бедор мешудем?**

**— Забон, дини мо дар кадом аҳвол буд? Ба хоки муқаддаси Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд оё эътибор буд? Номҳои бузурги аҷдоди мо Амир Темур, Бобур Мирзо ва дигарон зери кадом хокҳо мехобид?**

**— Ғурури миллӣ, шаъни инсонӣ, урфу одати мо бо кадом мафҳумҳо иваз шуда буданд?»**[1]

Донишомӯзи азиз, донистани ҷавоби аниқи ин саволҳои сарвари диёр, дарк кардани он, ки дар солҳои истиқлолият анъана ва арзишҳои зерипошудаи миллии мо чӣ тавр барқарор карда шуданд, ҳам қарз ва ҳам фарз ба ҳисоб меравад.

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 5–6.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар ҳақиқат давраи истибдод, ки қариб 130 сол давом кард, дар диёри мо на фақат бойигариҳои моддӣ, балки чандин бойигариҳои маънавӣ ҳам, ки халқи мо дар давоми асрҳо ғун ва ҷамъоварӣ намуда, эҷод карда, бо қувваи ақлу заковат офарид, толону тороҷ карда шуд. Ин гуна зиштиҳо, хусусан, дар замони ҳукмронии шӯравӣ ба дараҷаи тоқатнопазир расид. Ин сохт кӯшиш кард халқи моро, ки мутафаккирони бузургро тарбия намуда, ба ҷаҳон додааст, халқи бесавод, бемаданият, бедониш, миллати ақибмонда номида, таҳқир кунад. Аз идора, сиёсат ва корҳои маданӣ дур доштани вакилони халқи мо, беэътиноӣ ба ҳуқуқи худмуайянкунии халқ ба ҳолати оддӣ табдил ёфт.

Аҳвол ба дараҷае расид, ки гимни Ӯзбекистон, ки дар коғазҳои расмӣ гӯё республикаи иттифоқӣ ба ҳисоб мерафт, бо додани «салом» ба кадом як халқи бегона сар мешуд. Дар ҳоле, ки дар мадҳияи дигар ягон давлати мустамликаи ҷаҳон ин гуна таҳқир, дар низоми мустабид чунин такаббуриро ёфтан мумкин набуд.

Забони давлатии мо, ки яке аз бойтарин забонҳои дунё ба шумор меравад, ба дараҷаи забони кӯчагӣ фуроварда шуда буд. Тамоми корҳои идораи давлатӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, мукотибаи байниидоравӣ бо дигар забон пеш бурда мешуд, ҳатто дар мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ, ки машғулиятҳо бо забони миллӣ буданд, ба забони модарӣ пеш бурдани ҳуҷҷат мумкин набуд.

Чун тамоми республикаҳои шӯравӣ, дар Ӯзбекистон ҳам афкори динӣ, имону эътиқоди одамон таъқиб карда шуда, одамони диндор ба корҳои давлатӣ ва ба муассисаҳои таълимӣ қабул карда намешуданд. Мадрасаҳои машҳур, ки тӯли асрҳо бунёд гардида, олиму фузалоро тарбия намудаанд, қадамҷойҳои муқаддас — масҷид, хонақоҳ, мақбараи азизу авлиё вайрон карда шуданд. Зиёратгоҳҳое, ки аз ин сиёсати ҷоҳилона дар канор мондаанд, ба



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

анборхонаи нуриҳои кимиёӣ, ба бозор ё дӯкон, ҳатто ба молхона табдил дода шуданд. Одамон озод рӯза дошта, ид карда наметавонистанд. Онҳое, ки дар идҳои қурбону рамазон иштирок доштаанд, дар корхонаҳо муҳокима мешуданд. Раҳбароне, ки аз хешони худ ҷудо шудаанд, агар дар ҷаноза иштирок кунанд, аз кор пеш карда шуда, ба мақсади бадном кардани онҳо дар газетаву журналҳо мақолаҳо чоп карда мешуданд.

**«Таҷрибаи чандинҳазорсолаи инсоният аз он далолат медиҳад, ки қувваҳои зӯровар ва таҷовузкори ҷаҳон кадом як халқ ё мамлакатро ба худ тобеъ, ба итоат даровардани, бойигариҳои вайро соҳибӣ кардани шавад, кӯшиш мекунад, пеш аз ҳама, онро беяроқ кунад, яъне аз бузургтарин бойигарӣ — арзиши миллӣ, таърих ва маънавият ҷудо кунад»[1].**



Дар ҳақиқат, замони ҳукмронии сохти шӯравӣ, мероси маънавии садҳо мутафаккирони бузург чун Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, аз халқ пинҳон дошта, номи бузургон таҳқир карда шуд, хоки муқаддаси онҳо зери по гардид. Дар китобҳои таърих номи поки арбобони бошавкати давлатӣ, намояндагони бузурги сиёсати ҷаҳонӣ чун Амир Темур, Бобур Мирзо бо бӯҳтони «истилогар», «хунхӯр», «ҳокими бешафқати феодалӣ» номбар шуда, ҷавонон дар рӯҳияи нафрат нисбати онҳо тарбия карда мешуданд.

Ба амалӣ намудани урфу одат, арзишҳои миллӣ-мадании беназир, ки тӯли ҳазорҳо сол аз санҷишҳо гузаштаанд, роҳ дода намешуд, сиёсати фаромӯш кунондани онҳо ба роҳ монда мешуд.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat — yengilmas kuch. —Т.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 11.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Айнан дар чунин вазъияти мураккаб Ислом Каримов, ки раҳбарии диёри моро ба зиммаи худ гирифт, барои халос кардани халқ аз ин муаммоҳо оғоз кард. Вай қариб якуним сол пеш аз истиқлолият – 24-уми феврали соли 1990 аз ҷумла чунин иброз дошт:

**«Анъанаи миллӣ нозуктарин, эҳтиромталабтарин фазилати халқ мебошад.**

**Афсӯс, ки замоне баъзе одамони аз хориҷ омада ҳамин чизро эътироф накарданд. Ҳатто баъзе раҳбарони худи мо ҳам ба иди Наврӯз, либоси миллӣ зид баромаданд. Кор ба дараҷае расид, ки иштирок дар маросими дафни хеши худ чун боқимондаи кӯҳна баҳо дода шуд, нисбати чунин одамон, хусусан, раҳбарон тазйиқ пеш гирифта шуд...**

**Барои ҳамин, имрӯз боз як бор гуфтанӣ ҳастам, ки ин хел корҳоро сахт танқид карда, ба анъана, мероси халқ, эътиқоди динии одамон бо эҳтиром ва эътибори қатъӣ муносибат кардан лозим аст»[1].**

Шукр, ки 31 августи соли 1991 Президенти аввалини Ӯзбекистон Ислом Каримов ба тамоми ҷаҳон истиқлолияти диёри моро эълон намуд.

Таҳти раҳбарии сарвари давлати мо дар роҳи эҳё намудани хотираи таърихии халқ, эъзози урфу одат ва арзишҳои қадима, ба ҳолати аслӣ баргардонидани қадамҷойҳои муқаддас, таъмини озодиҳои динии одамон, воқеан ҳам корҳои молик ба аҳамияти таърихӣ ба амал бароварда шуданд. Ин ҷараёни миқёсан васеъ фақат бо эҳёи гузашта, забон, дин ва арзишҳои миллати ӯзбек маҳдуд нагашта, бо эҳтироми баланд ба анъана ва арзишҳои тамоми миллату халқҳои мамлакати мо пайваста пеш бурда мешавад. Ин ҳол дар муносибатҳои эҳтироми тарафайн, бародарӣ, тафоҳуми байни ҳамаи шаҳрвандон, ки Ӯзбекистонро Ватани муқаддас медонанд, дар татбиқи ғояи неки сарвари диёр «Ин Ватани азиз аз они ҳамаи мост» ба ҳаёт, нақши муҳим мебозад.

---

[1] **Islom Karimov.** O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. –T.: Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston», соли 2011, саҳ. 143–144.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Тавре, ки Президенти мо таъкид намудааст, «Бе хотираи таърихӣ оянда нест». Хотираи таърихӣ бошад, дар худ анъана ва арзишҳои миллӣ, қудрати маънавии онҳоро ҳамҷиҳат мекунад. Эҳё ва эъзози ин арзишҳо дар боло рафтани маънавияти халқ, дар дарк ва эҳсос кардани он, ки дар ин дунё вай аз ҳеҷ кас кам нест, муҳимаш минбаъд ҳам барои аз ҳеҷ кас кам нашудан саъй мекунад, омили пурқудрат хоҳад буд.**

### *Савол ва супоришҳо*

1. Анъана ва арзишҳои миллӣ чӣ тавр ба вуҷуд меоянд?
2. Анъана ва арзишҳои миллии халқи ӯзбек кадом фазилатҳоро дар бар мегирад?
3. Дар мақол, афсона ва ривоятҳои халқӣ кадом арзишҳои ба халқи мо хос бештар тараннум мешаванд?
4. Ба фикри Шумо, аз мероси маънавӣ, анъана ва арзишҳои миллӣ маҳрум намудани халқ ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад?
5. Солҳои истиқлолият дар маҳалли зисти Шумо дар роҳи эҳёи анъана ва арзишҳои миллӣ чӣ корҳо ба амал бароварда шуданд?
6. Дар бораи чӣ хел будани муносибат ба мероси маънавӣ, анъана ва арзишҳои миллӣ дар давраи шӯравӣ аз бобову бибиатон пурсида гиред.
7. Нақл кунед, ки дар ин расмҳо кадом анъана ва арзишҳои миллӣ инъикос ёфтаанд.


*а*


*б*


*в*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ

***(Машғулияти амалӣ)***

Тартиб додани нақшаи машғулияти амалии имрӯза, дар куҷо ва кай гузарондани он, табиист, ки вазифаи муаллими Шумо аст. Лекин, ба ин машғулият бе тайёрӣ «бо дасти хушк» омадан ба Шумо намезебад, дуруст аст? Пас, биёед, худро ба машғулият тайёр кунем, дар бораи масъалаҳое, ки мо бояд пешакӣ донем, сӯҳбат ороем.

Медонед, ки дар ҳар як вилоят, шаҳру қишлоқ, авул ва маҳаллаи кишвари мо вобаста ба гузаштаи дур ё наздик ёдгориҳои таърихӣ ёфт мешаванд. Ин ёдгорӣ мадраса ё масҷид, хонақоҳ ё манора, сарой ё сардоба, ҳаммом ё кӯпрук, музей ё китобхона шуданаш мумкин. Маънои мафҳуми «ёдгории таърихӣ» хеле васеъ буда, он осиёби кӯҳнаи дар маҳаллаи Шумо боқимондаро, дарахти азимеро, мазори кӯҳнаро, дастнависи китоби нодирро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, муаллим метавонад дар мисоли яке аз чунин ёдгориҳо ба Шумо ва ҳамсолонатон, дар бораи салоҳияти илмию эҷодии халқи мо маълумот диҳад.

Мехостем, ки дар машғулияти оянда Шумо сайёҳ, тамошобин, мушоҳиди оддӣ шуда намонед. Албатта, муаллим ё шахси мутахассис, ки ба ин машғулият ҷалб шудааст, дар бораи ин обидаи таърихӣ чизҳои зиёде нақл мекунанд. Шумо аввало кӯшиш кунед, ки ин ҳикояро бодиққат гӯш карда, маълумотҳоро ба дафтаратон навишта гиред. Чизҳои номафҳумро аз устод ё мутахассис бе истиҳола пурсед.

**! Агар ин обидаи таърихӣ ягон иншоот бошад, масъалаҳои ба монанди мавқеи ҷойгиршавии он, ҳаҷм, шумора ва андозаи хонаҳо, ороишоти дохилӣ ва берунӣ, маънои навиштаҷо-**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ти пештоқи он, бо чӣ навишта шудани он, ба кадом муносибат ва ба назардошти чӣ бунёд шудани он, аз эътибор берун намонад.**

Масалан, дар атрофи аксарияти чунин иншоотҳои азим, аҷдоди мо бештар дарахти тут мешинонданд. Аҷоиб, барои чӣ маҳз ҳамин дарахт?

Гап дар сари он, ки бобоҳои мо як хусусияти дарахти тутро хуб медонистанд. Он ҳам бошад, ба воситаи решаҳои чуқури худ дарахти тут обҳои заҳи дар атрофи ҳамин бино мавҷуд бударо кашида, ба воситаи барг ва навдаҳои худ ба ҳаво буғ мекунад. Дар натиҷа, пойдевор ва деворҳои иншооти азим хушк ва мустаҳкам нигоҳ дошта шуда, асрҳои зиёд чӣ будани заволро намедонист. Гузашта аз ин, тут бо меваи ширин ва серҳосил, сояи ба тан роҳатбахш, дарозумрии худ аз дигар дарахтҳо фарқ мекунад.

Оё сари боз як масъалаи дигар ҳеҷ фикр кардаед, — асрори ба ҳуҷуми тӯфони асрҳо, чун борону барф, боду шамол, зилзила, шиддати ҷангу ҷидолҳо тоб овардани чунин биноҳои баланд дар чӣ бошад? Ба пойдеворӣ ин биноҳо кадом масолеҳ ва чӣ қадар хобонда шудааст, ки онҳо дар замину замон ин қадар барқарор истодаанд? Ба мисли имрӯза сохторҳои мустаҳками оҳанӣ, омехтаҳои сементу бетон мутлақо истифода нашуда бошанд ҳам, деворҳои ғафс, гунбаз, пештоқҳои онҳоро чӣ нигоҳ дошта истодааст? Сири чашми одамро зуд равшан кардани рангҳои дар ороишоти зоҳирӣ ва дохилӣ истифода шудаи онҳо дар чист? Ҳамин ва монанди ҳамин саволҳоро Шумо надиҳед, кӣ медиҳад? Аз саволҳои шавқовар дида ҷавобҳои шавқовартарро Шумо надонед, кӣ медонад?

Дар бораи катибаи пештоқи биноҳо ё дигар ҷойҳо гап задем. Чуноне гуфтем, чӣ маъно доштани ин навиштаҷот, дар кадом забон ё бо кадом намуди хат навишта шудани онҳо, кандакорӣ ё шакли барҷастаи он, хуллас ҳамаи ин чизҳо аҳамият доранд. Фарз кардем, навиштаҷоте, ки дар масҷид ва мадрасаҳо дучор меояд, ё навиштаҷоти мақбара ва манораҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муҳимаш, аҳамияти хоси ин навиштаҷот ҳамин, ки оид ба иншоот, қадамҷой, зиёратгоҳ маълумоти муҳим доранд...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чуноне, ки гувоҳ шудед, машғулияти амалӣ дар мавзӯи «Ёдгориҳои таърихӣ» ҳам саёҳати оддӣ набуда, аз мо тайёрии ҷиддӣ, андешаҳои ҷиддиро сари бисёр саволҳо талаб мекунад.

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ БАРОИ МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ:**


1. Islom Karimov. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. Тошканд. «Ma’naviyat», соли 2013.
2. Islom Karimov. Yoshlarimiz xalqimizning ishonchi va tayanchi. Тошканд. «Ma’naviyat», соли 2006.
3. Islom Karimov. O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. Тошканд. ХЭТН «O‘zbekiston», соли 2011.
4. Barkamol avlod – kelajagimiz tayanchi. «Ma’naviyat», Тошканд. соли 2010.
5. O‘rta asrlar Sharq allomalari va mutafakkirlarining tarixiy merosi, uning zamonaviy sivilizatsiya rivojidagi roli va ahamiyati. Материалҳои конференсияи байналхалқӣ. Тошканд, ХЭТН «O‘zbekiston», соли 2014, саҳ. 4–36.


## КОРИ НАЗОРАТӢ

С у п о р и ш: Дар мавзӯи **«Аҳамияти маънавият дар ривоҷи ҷамъият»** реферат тайёр кунед.

Дар хона барои инъикоси масъалаҳои зерин кӯшиш кунед:

— таърифи «маънавият» аз тарафи Президент Ислом Каримов;

— зарурати омӯхтани мероси бойи маънавии халқи мо;

— мазмуни «эътибор ба маънавият — эътибор ба оянда»;

— маънавияти инсон ба ивази чиҳо бой шуда метавонад;

— ҷамъияти озод ва демократиро фақат одамони соҳиби маънавияти воло бунёд карда метавонанд;

— аҳамияти истифодаи васеъ аз бойигарии миллии маънавӣ — адабиёт, санъат, маданият дар шӯҳрати ҷаҳонии халқи мо ва дигар масъалаҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби III ТАҲДИД БА МАЪНАВИЯТ – ТАҲДИД БА ХУДВИЖАГӢ

## ХАТАРҲОИ БА ЧАШМ НОНАМОЁН

Донишомӯзи азиз, аз дарсҳои гузашта донистед, ки калимаи «глобалишавӣ» маънои «кураи Замин», «дар бар гирифтани рӯйи Замин»-ро ифода мекунад. Ба воситаи калимаи глобалишавӣ, инчунин, ҳодисаҳои аз қабили бо шиддат афзудани кашфиётҳоро дар соҳаҳои илму техника, васеъ гардидани имкониятҳои ба зудӣ паҳн намудани ахборот ва маълумотҳо, суръатнокии алоқаҳои байни тамоми мамлакатҳо ва халқҳоро ҳам ифода мекунанд.

**«Глобалишавӣ — ин пеш аз ҳама ба дараҷаи бемисл тез шудани суръатҳои ҳаёт мебошад»[1].**

Хӯш, ин калима ва мафҳумҳо ба ғояи миллӣ, маънавият, олами рӯҳии инсон чӣ дахл доранд?

Худи Шумо шоҳид, ки ҳеҷ як инсон, миллат ё мамлакат ҷудо аз одамон, табиат ва ҷамъияти атрофи худ пурра пинҳон шуда зиста ҳам наметавонад, пешравӣ ҳам ба даст овардан асло мумкин нест. Аз азал одамон, миллатҳо ва мамлакатҳо ҳамеша бо ҳам дар робита буданд, аз ҳар ҷиҳат ба ҳам таъсир мерасониданд. Лекин, ҳаминаш ҳаст, ки дар давоми асрҳои тӯлонӣ, ин робитаҳо хеле оҳиста, дар доираҳои хурд, дар ҳудудҳои наздисарҳадӣ рӯй медоданд. Масалан, ягон навигарӣ ё одати дар Ғарб кашф шуда, ба Шарқ омада, то ба урф табдил ёфтани он садҳо сол мегузашт. Айнан ҳамин тавр, мисолҳои баръакс мушоҳида шудаанд. Хусусан, одати дар ҳаммом шустушӯй карда пок шуданро, ки омили муҳими тозагӣ ва саломатӣ буда, халқҳои Шарқ аз қадим истифода мебурданд, то ба омӯхтани ғарбиён чандин асрҳо лозим шуд. Ҳозир-чӣ?

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 111.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҳозир барои хабардор шудан аз воқеаву ҳодисае, ки дар нимкураи дигари рӯйи Замин, дар мамлакатҳои аз мо даҳҳо ҳазор чақрим дур рӯй медиҳанд, ашёи истеҳсолшуда, кашфиёти илмӣ дақиқаҳо не, ҳатто сонияҳо кифоя аст.**

Агар гап фақат дар сари хабардор шудан маҳдуд мешуд, ба ин аҳамият надодан ҳам мумкин буд. Ҳама гап дар сари он, ки ҳамон воқеаву ҳодисае, ки дар мамлакатҳои аз мо даҳҳо ҳазор чақрим дур рӯй медиҳанд, рӯзи дигар дар ҳар як кунҷи дилхоҳи дунё рӯй доданаш мумкин шуда истодааст. Айнан ҳамин тавр, барои расонда додани ашёи дар як канори дунё истеҳсолшуда ба дигар канори дунё ҳам якчанд рӯз кифоя мебошад. Дар ёдатон бошад, дар ин бора дар сӯҳбати пештара ҳам қисман гуфта будем.

Албатта, дар кадом кунҷи дунё, ки набошад, ба зудӣ баҳраманд шудани ҳамагон аз кашфиётҳои илмӣ, бо ёрии он боз ҳам фаровонтар кардани зиндагонии одамон, сабук намудани бори зиндагӣ — хеле зарур ва кори савоб аст. Ё ки ба зудӣ соҳиб шудан ба ашёе, ки дар як мамлакати дур истеҳсол мешаваду барои мову шумо фоидаовар аст (масалан, истеҳсоли охирини компютер ё телефони дастӣ, машина ва ускунаҳое, ки ҳоло дар мамлакати мо истеҳсол нашудаанд, доруворй нави касалиҳои вазнин ва дигар ашёҳои зарурӣ), чандин муаммоҳоро ба осонӣ ҳал мекунад. Ин гуна ҳолатҳо ҷиҳатҳои мусбии ҳодисаи глобалишавӣ буда, онҳоро фақат дастгирӣ кардан лозим. Иштироки самаранок ва васеи мо ҳам дар ин ҷараён, барои канда нашудан аз шиддати глобалишавӣ, аз тараққиёти ҷаҳонӣ талаб карда мешавад.

Афсӯс, ин воқеа — глобалишавӣ, ҷиҳатҳои дигар ҳам дорад.

**«Аз маҳсули ҳама гуна тараққиёт ба ду мақсад — некӣ ва бадӣ истифода бурдан мумкин... Боз як ҷиҳати ба худ хоси ҷараёни глобалишавӣ аз он иборат, ки дар шароити ҳозира ба силоҳи хеле буррои таъсиррасонии мафкуравӣ табдил ёфтан, ба манфиати қувва, марказҳои гуногуни сиёсӣ хизмат кардани онро мушоҳида намудани ҳар як одами солимфикр, муқаррар аст»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 112–113.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар боло, мо дар бораи воқеаву ҳодисаҳои мусбӣ, ки дар кунҷҳои гуногуни ҷаҳон рӯй медиҳанд, гуфта гузаштем. Лекин Шумо албатта медонед, ки як воқеа аз воқеаи дигар, як кашфиёт аз кашфиёти дигар фарқ мекунад.

**Аз ҳама хавфнокаш — қувваҳои зараррасон ҳам, ки дар нуқтаҳои гуногуни олам ҷой гирифтаанд, кӯшиш мекунанд, ки аз глобалишавӣ ба манфиатҳои худ истифода баранд.**



Ин қувваҳоро, таҷовузҳои маънавию мафкуравиро шартан дар ду самт мушоҳида кардан мумкин.

Яке аз он самтҳоро ҳар хел қувваҳои вайронкор ташкил медиҳанд, ки ноқонунӣ аз номи дини ислом кор пеш мебаранд. Ин гурӯҳҳо, ки ақидапарастӣ, экстремизми динӣ, терроризми бешафқатро ба худ силоҳ кардаанд, роҳҳои гуногуни рахна заданро ба сулҳу осоиштагии кишвари мо ҷустуҷӯй мекунанд. Онҳо барои ба вуҷуд овардани низоъҳои динӣ, ирқӣ, миллӣ, ба тарзи фикррони мисли худ, ба тарзи ҳаёти худ маҷбур кардани одамон аз ҳеҷ чиз даст намекашанд.

Медонед, ки замини Ӯзбекистон сарзамини муқаддасест, ки аз қадим халқу миллат, дин, маданиятҳои гуногун байни ҳам ҳамкору ҳамҷиҳат шуда зиста ва равнақ меёфт. Тӯли таърихи дуру дароз дар кишвари мо, дар ин масъалаҳо ҳеҷ гуна низоъ, ҷангу ҷидол набудааст. Чунки, халқи ӯзбек бо таҳаммули худ, гиромидошти тафоҳуми байнимиллӣ ва байнидинӣ барои аксарият намуна шудааст. Дар кишвари мо бузургтарин намояндагони дини ислом таваллуд ёфта, ба воя расида, таълиму тарбия дидаанд. Дар байни онҳо, султонҳои илми ҳадис — муҳаддисон, ҳуқуқшиносҳои ислом — алломаҳои илми фиқҳ, даҳоёни илми тасаввуф — таълимоти рӯҳӣ-маърифӣ, ки инсонро ба камолоти ҷисмонӣ, маънавӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

даъват мекунанд, ҳастанд. Ин омилҳои маънавӣ мустаҳкамии имон, собит шудани эътиқоди халқи моро таъмин намудааст. Бо ибораи Президент гӯем, Оллоҳ — дар қалби мо, дар дили мо.

Қувваҳои ақидапараст ва экстремист, мехоҳанд, эътиқодро вайрон карда, динро бо мақсадҳои ғаразнок истифода баранд.

*Ақидапарастии динӣ, кӯшиши сарфи назар аз дурустӣ ё нодурустӣ кӯр-кӯрона маъқул донистан ва мутлақгардонии ақида ё қоидаҳои муайяни динӣ мебошад. Ақидапарастӣ дар ҳамаи динҳо боиси ба вуҷуд омадани шиддат, низоъ, бархӯрд ва ҷангҳои байни мазҳаб ва равияҳо мешавад.*

Ақидапарастон фаҳмонидан, бовар кунонидани ҳақиқатро, яъне ба воситаи маърифат тарғиб карданро эътироф намекунанд. Худро бешубҳа ҳамеша ҳақ донистан, манмании ба монанди ҳақиқатро фақат ман медонам гуфтанҳо, албатта зӯровариро ба миён меорад. Дигар хел гӯем, дар ниҳояти кор, ақидапарастӣ ба пайдо шудани экстремизм оварда мерасонад. Экстремизм бошад, дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, терроризмро ҳам дар бар мегирад.

*Экстремизм (калимаи лотинӣ — «extremus» — маъноҳои шадид, ашаддиро ифода мекунад) — афкоре мебошад, ки дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ чораву тадбир, ҳаракат, фикру ғояҳои шадидро ҳифз намуда, дар асоси он фаъолият мебарад.*

Аз рӯйи мазмун, экстремизм мумкин аст ба характери динӣ ва дунявӣ соҳиб бошад. Аз рӯйи зоҳир шудан, он ба шаклҳои ҳудудӣ (дар дохили як мамлакат), минтақавӣ (дар минтақаи муайян) ва байналхалқӣ (дар тамоми дунё паҳн шудааст) ҷудо мешавад.

**Афкори диниву экстремистиро дар байни ҳамаи динҳои ҷаҳон дучор омадан мумкин.**

Он, афсӯс ки, дар олами ислом ҳам роиҷ аст. Экстремистони динӣ дар куҷое набошанд, нияти онҳо якто — барпо намудани давлати ягонаи исломии аз ҳақиқат дур ва мавҳум мебошад. Ба ин мақсад, бо роҳи низоъҳо, бо ҳуҷумҳои яроқнок, яъне рехтани хуни одамон ва бо зӯрӣ ноил шуданро пешбинӣ мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Худ аз худ аён аст, ки ин гуна ҳаракатҳо ба вайрон шудани сулҳу осоиштагии ҷамъият, боварӣ ва ҳамкории байни одамон, қотилиҳои мудҳиш, вайронкориҳо оварда мерасонад. Яке аз намудҳои васеъ паҳншудаи экстремизм терроризм мебошад.

*Терроризм (лотинӣ — «terror» — тарс, ваҳм, даҳшат) усули иборат аз истифодаи қувва, гарав гирифтан, ҷисман нест кардани одамон, дар ҷамъият паҳн кардани ваҳм аст.*

Он бо кадом нияте, ки ба амал бароварда нашавад, ҷиноят бар зидди инсоният, тараққиёт, некӣ, ҳаёт ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, терроризм ҳам, ки мақсадҳои диниро ба худ ниқоб кардааст, дорои чунин моҳият буда, он дар тамоми ҷаҳон аз тарафи қувваҳои сулҳпарвар як хел маҳкум карда мешавад. Қувваҳои зишт, ки қадамҳои боэътимоди моро дар роҳи истиқлолият бо чашми ғараз мебинанд, якчанд маротиба кӯшиш карданд, то бо роҳи террористӣ моро аз роҳи мақсадҳои олӣ баргардонида, боз ба мутеӣ андозанд. Ба ин мақсад онҳо аз хоинҳо ҳам, аз гурӯҳҳои террористии муздур ҳам, ки барои пул вайронкорӣ ва истилогариҳоро ба амал мебароранд, истифода намуданд.

**Ҳамин хел, ки бошад, ақидапарастон, экстремистон, террористони ҷинояткор зери ҳар ғояе, ки зоҳир нашаванд, фарқ карда тавонистани нияти онҳо, сари вақт пай бурда, фош кардани онҳо — қарзи ҳар яки мо, киояндаи Ватан, осоиштагӣ ва фаровонии онро фикр мекунем, мебошад.**

Акнун ба шакли дуюми хуруҷҳои маънавию мафкуравӣ истода мегузарем.

Аз дарсҳои «Таърих», «Адабиёт», «Одобнома», «Эҳсоси Ватан» медонед, ки халқҳои мо бо одобу ахлоқ, номусу андеша, ҳаё ва ибои худ ба эҳтироми бисёр халқҳо сазовор шудаанд. Ин фазилатҳо дар хуни халқҳои мо буда, бе онҳо ҳаёт барои мо тасаввур карда намешавад. Барои одамони мо шунидани калимаи «беномус» ҳақорати хеле сахт ба ҳисоб меравад.

Афсӯс, ки бемаданиятӣ, беахлоқӣ, беномусӣ, ки бо номи «маданияти оммавӣ» дар шароити глобалишавӣ дар мамлакатҳои Ғарб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



пайдо шуда, ба воситаи ҳазорҳо воситаҳои ахбори умум ба тамоми дунё бо суръати баланд паҳн мешаванд, зўр мезананд то дар ҳаёти мо ҳам роҳ ёбанд. Дар ин бора, дар дарсҳои гузашта гуфта бошем ҳам, зарурати боз як бори дигар дар бораи ин хатари ба назар нонамоён истода гузаштан ҳис карда мешавад.

Барои дарки моҳияти «маданияти оммавӣ», аввал чӣ будани маданияти аслиро ба ёд гирифтан лозим. Медонед, ки одам аз дигар мавҷудот на фақат бо соҳиби шуур, ақл, тафаккур буданаш, балки бо маданияте ҳам фарқ мекунад, ки ба воситаи онҳо ҳосил кардааст.

*Мафҳуми «маданият» бойигариҳои моддӣ ва маънавиро, ки аз тарафи инсон офарида шуда барои некӣ хизмат мекунанд, дар худ таҷассум мекунад. Эҷодиёти даҳонии халқ ва адабиёти хаттӣ, меъморӣ ва мусиқӣ, театр ва санъати кино, телевидение ва радио, дигар намудҳои воситаҳои ахбори умум неъматҳои мадании ҳаётанд, ки инсоният кашф кард. Онҳо бояд ба боз ҳам маданишавии инсон, инсонигарии он хизмат кунанд.*

Афсўс, ки аз тарафи шахсоне, ки худро вакили ҳамин инсоният меҳисобанду дар асл аз ҳиссу эҳсоси инсонӣ дуранд, тамошоҳои ғайриинсонии ба ном «маданияти оммавӣ» кашф карда мешаванд. Онҳо дар ҳамаи ҷабҳаҳои дар боло зикршудаи маданият ҷой ёфта истодаанд, зўр зада истодаанд, ки маданияти аслиро аз саҳна берун бароранд.

Барои он, ки ин ҳолат фаҳмотар шавад, баъзе мисолҳо мебиёрем. Масалан, суруди ҳақиқӣ чист? Барои пайдо шудани он чиҳо талаб карда мешаванд? Оё ба матни сурудҳои мумтоз ё замонавии миллӣ, ки ҳангоми шунидан Шуморо «мутаассир мекунанд» эъти-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бор додаед? Маънову моҳият дар онҳо чӣ қадар чуқур аст? Барои ифода намудани эҳсосоти дарднок ё шодиёна бошад шоир чӣ андоза ташбеҳҳои бамаврид ёфтааст? Лекин худи шеъри хуб ҳам суруд нест. Бастакори боистеъдод ба ин шеър чунон як мусиқӣ, як оҳанг мебандад, ки гӯё ин шеър айнан барои ин оҳанг навишта шудааст. Аммо... ҳанӯз мову шумо худи «суруд»-ро нашунидаем, дуруст аст? Шеър ва оҳанг ба худ боз як истеъдоди дигар талаб мекунанд. Он, хонандае, ки бо овози модарзод, ширадори худ аз дигарон фарқ карда меистад.

Чуноне мебинед, барои пайдо шудани як суруде, ки воқеан ҳам инсонро ба худ ром мекунад, чанд истеъдоди фитрӣ, чӣ қадар дарду шодӣ, ихлосу илҳом лозим мешавад.

Акнун ба мазмун, мусиқӣ, услуби иҷрои «суруд»-ҳое, ки дар шабакаҳои телевизиони хориҷӣ намоиш дода мешаванд, эътибор диҳем. Як зумра шахсони нимбараҳна, ришу мӯйҳояшон расида ё пок тарошида, монанди шахси маст, худро ба ҳар тараф зада, ҷаҳида, дод зада, гӯё дар саҳна дар талоши ҷон бошад, дароз кашида суруд мехонанд. Ин ба санъат, маданият, шеъру оҳанги аслӣ чӣ алоқа дорад? Наход эҳсосот, ҳиссу ҳаяҷон, кайфияти инсонӣ ба ҳамин тарз изҳор карда шавад? Агар матни ҳамон «суруд»-ҳоро тарҷума карда бинед, шоҳиди он мешавед, ки дар аксарияти онҳо «маъно»-ҳои аз қабили орзуҳои рӯякӣ, зӯриву зӯроварӣ, нафрат ба дунёву зиндагӣ тарғиб мешаванд.

Айнан ин манзараҳоро дар офарида шудани асарҳои бемаза ҳам, ки ба самти «маданияти оммавӣ» даромада, дар тамошоҳои кино ва театр, намоишҳои телевидение ва барномаҳои радио, адабиёт ва санъати тасвирӣ роҳ меёбанд, равшан дидан мумкин.

Ҳамаи ин ба бедор кардани эҳсосоти ҳайвонӣ, ваҳшии инсон нигаронда шуда, вайро ба махлуқе табдил медиҳад, ки аз ҳеҷ чиз ҳазар намекунад. Ин гуна одам, Ватанро ҳам, миллатро ҳам, падару модарро ҳам, инсонигариро ҳам намешиносад ва эътироф намекунад. Мақсади аслии офарандагон ва тарғибгарони «маданияти оммавӣ» ҳам айнан ҳамин — халқ, миллатро ба издиҳом, ба подае, ки ба куҷое ҳай кунӣ меравад, табдил дода, аз болои онҳо барқарор намудани ҳукмронии худ мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Президенти мо аз рӯйи ин ҳолат моро ин тавр огоҳ мекунад: «Табиист, ки вайронии ахлоқӣ ва зӯроварӣ зери ниқоби «маданияти оммавӣ», паҳн кардани ғояҳои индивидуализм, эгосентризм, зарур шавад, аз ин ҳисоб ба даст овардани бойигарӣ, нописандӣ ба анъана ва арзишҳои ҳазорсола ва асосҳои маънавии тарзи зисти дигар халқҳо, таҳдидҳои хатарнок ба вайрон кардани онҳо, одамро ба ташвиш наандохта наметавонад»[1].**

*Калимаҳои индивидуализм, эгосентризм худбиниҳоро ба монанди фақат худро фикр кардани одам, хоҳиши фақат барои худаш будани ҳама чиз, ҳаёт, фикру зикри дигаронро ба ҳисоб нагирифтанро ифода мекунанд.*

Ҳамин тавр ки бошад, лозим аст, ки ҳар яки мо китоби хонданӣ, кино ё мултфилми диданӣ, намоишро бо чашми кушод, бо назари ҳушёр интихоб карда, шуури худро аз заҳролудшавӣ, диди худро аз тирагӣ, қалби худро аз дағалӣ нигоҳ дорем.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Глобалишавӣ гуфта чиро фаҳмидед?
2. Дар бораи ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии глобалишавӣ чӣ медонед?
3. Дар кишвари мо кадом алломаҳо ба воя расидаанд, ки дар равнақи дини ислом ҳиссаи калон гузоштаанд?
4. Ба фикри Шумо шахси ақидапарастро чӣ тавр шинохтан мумкин?
5. Терроризм чист ва он кадом оқибатҳои манфӣ мебиёрад?
6. Ба иллати экстремизм таъриф диҳед.
7. Аз рӯйи расмҳои зерин фарқи байни маданият ва «маданияти оммавӣ»-ро нақл кунед.


*а*


*б*


*в*


*г*

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 117.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАРБИЯИ ШАХС

Барои дарки моҳияти мавзӯи имрӯза, пеш аз ҳама фаҳмида гирифтан лозим, ки шахс гуфта киро дар назар дорем. Инчунин бояд донем, ки ин мафҳум аз мафҳумҳои «одам», «омма», «издиҳом» чӣ фарқ доранд.

Аз сарлавҳаи мавзӯъ дида мешавад, ки одам барои шахс шудан албатта бояд тарбия гирад. Бе таълиму тарбия, бе донистани хубу бади ҳаёт, бе донистани фарқи онҳо, чун шахс ташаккул ёфтани одам мумкин нест. Расидан ба дараҷаи донистани таълиму тарбия ва фарқи хубу бад бошад, мумкин вақти зиёд, ҳатто то охири умри одам давом кунад. Пас, на ҳар як одамро, на ҳар як инсонеро, ки дар ин дунё сар бардошта гаштааст, шахс номидан мумкин. Сазовори ин ном шудан ба худ талабҳо, меъёру андозаҳо дорад. Дар байни ин талабу меъёрҳо меъёрҳои маънавию маърифӣ нақши муҳим доранд.

Аз китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир»:

**«Ҳар кадом падару модар, устод ва мураббӣ дар тимсоли ҳар як бача бояд пеш аз ҳама шахсро бинад. Бо назардошти ҳамин талаби оддӣ, мақсад ва вазифаи асосии соҳаи таълиму тарбия бояд чун соҳиби қобилияти фикркунии мустақил ва васеъ, инсони комили бошуур ба воя расонидани фарзандон бошад»[1].**

Биёед, ба мазмуни ин гуфтаҳо эътибор медиҳем. Сарвари диёри мо ба падару модарон, устодон ва мураббиён мегӯяд, ки «дар тимсоли ҳар як бача бояд шахсро бинанд». Яъне Шумо ва ҳар яке аз ҳамсолонатон дар оянда соҳиби имконияти шахс шуда ба воя

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 61.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

расидан доред. Таълиму тарбия бояд ба амалӣ намудани ҳамин имконият, кашф намудани қобилияти азиме, ки дар ҷисму ҷони шумоён ниҳон аст, ба такмили он нигаронида шавад.

**Дигар хел карда гӯем, ҳар як бача баробари таваллуд шуданаш шахс намешавад. Балки дар ниҳодаш имконияти шахс шуда ба воя расидани вай ниҳон мешавад. Ҳама гап дар сари дида тавонистани ҳамин «хазина» мебошад.**



Агар фикркунии мустақили одам рағбат ёбад, ба чунин фикркунӣ имконият офарида шавад, вай чун инсони бошуур ба воя мерасад. Озод ва мустақил фикр рондан дар бораи ҳама чиз, мушоҳидаи холис пеш бурдан, зиндагии бошуурона дар ҳаёт инсонро ба комилӣ — мукаммалӣ ҳидоят мекунад.

Акнун оид ба ин талабҳои муҳими чун шахс ба воя расидан алоҳида истода мегузарем.

Хӯш, фикркунии озод чӣ хел аст?

Медонед, ки дар олам ашё ва ҳодисаҳо бешуморанд. Дар бораи онҳо ҳар як фан назари илмии худро пеш меронад. Илм бошад, ҳадду сарҳад надорад. Яъне, омӯзиши моҳияти ашё ва ҳодисаҳо ҷовидон давом мекунад. Акнун Шумо ҳам ба ин ҳамроҳ мешавед. Дар давоми омӯзиш, то қадри имкон илму таҷрибаҳои аз аҷдод боқимондаро бояд омӯзед. Бе ин илоҷ нест. Набошад қонуниятҳои табиат ва ҷамъиятро, ки чандин асрҳо пештар кашф шудаанд, аз нав кашф карда, тамоми умрро сарф мекунем-ку, дуруст аст?

**Лекин, ҳама гап дар ҳамин, ки ашё ва ҳодисаҳо чӣ қадар чуқур омӯхта шуда бошанд ҳам, кадом як ҷиҳати то ба ҳол омӯхтанашуда, кашфнашудаи онҳо, албатта, ёфт мешавад.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар Шумо ба донишҳои андӯхтаатон дар бораи онҳо ва ба назари шахсии худ такя карда, боз ба таври озод фикр ронед, бовар кунед, ҷиҳатҳои муҳими дигар ҳеҷ кас надидаи он ашё ва ҳодисаҳоро меёбед. Барои ин, боз такрор мекунем, Шумо бояд озод фикр кунед, аз Шумо талаб карда мешавад, ки қуввати ақлӣ ва ҳиссии худро, ки аз дигарон фарқ мекунад, ба кор андозед.

Мафҳуми фикрронии мустақилро бошад, дар мисоли воқеаҳои як асари ба Шумо шинос дида мебароем.

Шояд Шумо дар бораи яке аз асарҳои машҳури адиби шинохта Сотим Улуғзода романи «Восеъ» шунидаед. Дар он, қаҳрамони асосии асар ҷавони далеру шуҷоъ, ки Восеъ ном дошт, аз ҳаёти рӯзмарраи аҳли деҳу ноҳияҳои гирду атроф ба хулоса меояд, ки дар камбудии рӯзгори мардум, дар азобу шиканҷаҳои нисбати халқ пешгирифта ходимони дарбори амир, пеш аз ҳама аҳли идораи аморат айбдоранд. Дар натиҷаи мустақилона фикр карда, хулоса баровардани худ, Восеъ андешаҳои худро ба дигарон ҳам мерасонад. Дар ниҳояти кор, одамон ба дурустии гапҳои вай бовар мекунанд. Бисёриҳо ҳам дар фикри дастгирӣ намудани Восеъ мешаванд. Муҳимтарин нуқтаи ин роман ин аст, ки нависанда муносибати равшанфикрони пешқадамро бо халқ дар миён гузошта, нақши бузурги фикркунии мустақилро дар бедорӣ ва худогоҳии мардум нишон медиҳад. Нависанда дар образи Восеъ ақли солим ва ҷаҳонбинии равшани онро таҷассум кардааст. Восеъ таҷассуми бадеии фикри солим, заковат ва маданияти ғанию ҳазорсолаи халқ мебошад.

Эътибор дода бошед, дар ин роман, дида мешавад, ки бинобар набудани фикри солим, фикри мустақил, фикри озод солҳои сол одамон зери зулми золимони замон қарор гирифта буданд ва рӯзгори пур аз азобу шиканҷаҳо ногуфта мемонданд. Натиҷаи ҳамин фикри ҷустуҷӯ кардани роҳҳои озод шудан аз дасти золимони баттол буд, ки мардум бедор шуданд, сари андешаҳои озодӣ фикр мекардагӣ шуданд.

Акнун мавриди он расид, ки ба саволи дар аввали дарс гузошташуда — мафҳуми шахс аз мафҳумҳои «одам», «омма», «издиҳом» чӣ фарқ дорад, ҷавоб гӯем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Одаме, ки соҳиби фикр ва назари шахсии худ набуда, барои гап ва кори кардааш масъулият ҳис намекунад, ба мавқеи воло, ки шахс ном дорад, бардошта намешавад. Ҳамин хел одамон, ҷамъ шуда, «издиҳом», «тӯда»-ро ҳосил мекунанд.*

Чуноне, ки дар дарси гузашта гуфтем, қувваҳои зиштният, ки мехоҳанд ягон мамлакат ва миллатро аз дарун вайрон кунанд, ҳосил кардани чунин издиҳом ва тӯда, аз қувваи вайронкори он ба манфиати худ истифода бурданро фикр мекунанд. Онҳо бо ғоя ва мафкураҳои вайронкор, ки касро аз фикркунии мустақил ва озод дур месозанд, ҷавонони ба дом афтодаро қасам медиҳанд, ки дигар хел фикр накарда, аз ақидаи муқаррааршуда берун набароянд.

**Нияти тарғиботчиёни «маданияти оммавӣ» ҳам ба ҳамин монанд аст. Онҳо бо қувва ва таъсири тамошоҳое, ки эҳсосоти ҳайвонии одамро бедор мекунанд дар ҷамъият шахсро ба ҳолати нестӣ оварда, мехоҳанд одамон дар бораи ҳеҷ чиз фикр накунанд, ҳар чизе ки бинанд ё шунаванд аз қафои он кӯр-кӯрона раванд ва ҳамин тавр ба издиҳом табдил ёбанд.**

Ҳарду ҳаракат ҳам, дар ниҳоят нияти зишти аз болои халқ, миллат барқарор намудани ҳукмронии худ, ба тақдири он соҳиб шудан, бойигариҳои онро тороҷ карданро пешбинӣ мекунад.

**Пас, дар бораи ҳар гуна ашёву ҳодиса ҳар яки мо бояд фикри шахсии худро дошта бошем ва онро ҳимоя карда тавонем. Ин моро аз бисёр бадиҳо нигоҳ медорад.**

Дар ҳамон сурат, мо ба зери таъсири фикр ва ғояҳои вайронкор намемонем, аз паси касони ба вайронкорӣ даъваткунанда намеравем. Худро, миллияти худро, ояндаи худро нигоҳ медорем.

Медонед, ки озод ва мустақил, чуқур ва васеъ фикр кардан худ аз худ пайдо намешавад. Барои ин, одам бояд донишҳои зиёдеро азхуд намояд, ақлу идрокашро бой гардонад, малака ва таҷрибаашро афзун кунад. Ин фазилатҳо, дар кӯчаҳо не, дар даргоҳҳои маърифат — масканҳои таълиму тарбия азхуд карда мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Сарвари диёри мо боз як қоидаи муҳимро таъкид менамояд:

**«Таълимро аз тарбия, тарбияро аз таълим ҷудо карда намешавад. Ин назари шарқона, фалсафаи ҳаёти шарқона мебошад»**[1]. Танҳо дар ҳоли амал ба ин назар, ба фалсафаи ҳақиқии ҳаёт инсони комил шуда ба воя расидан мумкин.

Агар мушоҳида карда бошед, халқи мо одамони соҳибилм, доноро хеле ҳурмат мекунад, гиромӣ медорад. Ба ин гуна одамон дар маҳалла ҳам, дар ҷамоаҳои меҳнатӣ ҳам, дар байни ёру дӯстон ҳам, эътибор ва диққати алоҳида дода мешавад. Фақат ба як шарт: агар ҳамон одами соҳибилм, доно пеш аз ҳама инсонигариро ҳам донад, ба таълиму тарбияи гирифтааш рост ояд, байни гуфтаҳояш ва корҳояш тафовут, зиддият набошад. Муҳимаш — ҳамон одам на фақат олим, балки илми одамиро ҳам мукаммал соҳиб шуда бошад, таҷрибаи нисбати дигарон зоҳир кардани эҳтиром ва эъзозро ҳам азхуд карда бошад. Одаме, ки тарбия дидааст, фарқи неку бадро медонад, илму фанро чуқур ва васеъ соҳиб шуда, азхуд карда, бағоят самаранок ба ҳаёт татбиқ мекунад. Тарбияи фарзанди одам, аввало ба илм ва фан бояд асос ёбад, аз ҷиҳати таълимӣ дуруст ташкил карда шавад.

Агар тарбия дар ҳоли пароканда, бесаводона ташкил карда шавад, муназзам ва мунтазам бурда нашавад, ин гуна «тарбия» ба ояндаи инсон, ба ташаккули шахс фақат зарар мерасонад.

Танҳо дар ҳоли риоя кардан ба ҳамин қоидаҳо таълиму тарбия ба мақсади худ — ба воя расонидани инсони комил ноил мешавад.

*Инсони комил гуфта, мо одамеро дар назар дорем, ки шахси соҳибихтиёр ва озод фикркунанда аст, ба Ватани худ ҳалол ва босадоқат хизмат мекунад.*

Ва баръакс, агар инсон ба каси дигар чун ғулом побанд шавад, соҳиби фикри мустақили худ набошад ё онро ҳимоя карда натавонад, ба асорати мутеӣ ва боқимондагӣ гирифтор мешавад. Онҳо аз қафои касоне меравард, ки ғояҳои ба манфиатҳои Ватан, халқ бегона ва заранокро паҳн мекунанд.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 62.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шумо хуб медонед, ки ҳаракати иҷтимоии ҷавонони мамлакати мо «Камолот» номида шуда, мусобиқаҳои варзишии байни хонандагони литсей, коллеҷҳо «Авлоди баркамол» номида мешавад. Ба ин ташкилот ва мусобиқаҳои варзишӣ, ки ба ҷавонон барои ёфтани мавқеи худ дар ҳаёт, инчунин тарбияи онҳо кӯмак мерасонанд, беҳуда чунин ном дода нашудааст. Дар ин ҷо маҳз ба камолот саъй намудани ҷавонон ба назар гирифта шудааст. Чунки, баркамолии ҷисмонӣ ва маънавӣ бояд дар ҳоли муштарак ривоҷ ёбанд.

**Ба камолоти ҷисмонӣ ноил нашуда, ба камолоти воқеан маънавӣ, бе камолоти маънавӣ бошад ба камолоти ҷисмонӣ ноил шудан имконнопазир аст.**

**Шарти муҳими ноил шудан ба комилӣ донишмандӣ ба ҳисоб меравад.**

Албатта, дигар шартҳои баркамолии маънавӣ ҳам бисёр аст. Масалан, бо одобу бо ахлоқ будан, меҳнатдӯстӣ, меҳру садоқат ба Ватан, ошноӣ бо зебоӣ ва ҳоказо. Лекин, ба туфайли он, ки дар замири ҳамаи ин омӯзиш, дониш ва дарк кардан хобидааст, дар камолоти маънавӣ донишу маърифат муҳим мебошад.

Масалан, ба Шумо оддитарин калимаҳо ва корҳоро ҳам шахсе, кадом як вақт бо ҳиҷоҳо омӯзонидааст, дуруст аст? Падару модар аввалин шуда чиро чӣ хел номидан, либосро чӣ хел пӯшидан, ҳатто таомро чӣ хел хӯрданро омӯзонидаанд. Яъне, тамоми ҳаёти мо ба омӯзиш ва дониш асос ёфтааст. Агар ҳамин чизҳои акнун ба назар оддиро касе дар вақташ ёд намедод, ё аз касе дида худамон ёд намегирифтем, аз дигар ҷонзод мо фарқе намедоштем. Пас, дониш асоси баркамолии маънавӣ, меъёри муҳими он мебошад.

**Инсон табиатан ба дониш ташна аст. Чунки, ӯ соҳиби шуур ва тафаккури ҳамеша ҷӯё аст. Вай нафақат бо ҷисми худ, балки бо шуур ва тафаккури худ ҳам ба камолот саъй мекунад.**

Дар ҳайвонот бошад, тамоман дигар. Онҳо ба ҳамон тараф меравант, ки нафс кашола мекунад. Нафс сер шавад кифоя, ҳаракат



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳам поён меёбад ва хоб рафта дам мегирад. Барои онҳо дониш аҳамияте надорад. Чунки, дар онҳо ба дониш эҳтиёҷ нест.

Одамизод тӯли ҳазорсолаҳо гилеми паррон, оинаи ҷаҳоннамо, дастурхони кушодро орзу мекард. Ниҳоят, ба ақл ва тафаккур такя карда, самолёт, телевизор ва радио, фабрика сехҳои неъматҳои гуногун истеҳсолкунандаро кашф намуд. Лекин, бо ҳамин кифоят накард. Ракетаҳои аз самолёт ҳам тезпарвоз, радифи маснӯи солҳои дароз дар коинот даврзананда, аппаратҳои телефони бесим, низоми Интернетро (тӯри тортанаки умумиҷаҳонӣ), ки шуури одамони тамоми рӯйи Заминро бо ахборот фаро гирифтааст, офарида тавонист. Акнун инсон ба ҳаёти рӯйи Замин кифоят накарда, ҳаракат карда истодааст, ки ташкил намудани саёҳат ба дигар галактикаҳо, хондани фикру андешаҳои майнаи сари одамро оғоз кунад.

Дар ҳоли инкор накардани ҳамаи ин орзуву умедҳо, огоҳ будан аз ҳақиқат аз худи ҳамин инсоният талаб карда мешавад.

**Яъне, тамоми кашфиётҳо ва комёбиҳои илмӣ-техникӣ бояд ба некӣ, хубӣ, барои бахту саодати инсоният хизмат кунад.**

Агар ба дирӯз ва имрӯзи олам назар андозем, маълум мешавад, ки ҳамаи халқҳои ба тараққиёти баланд ноил гардида аз ҳисоби илму фан ривоҷ ёфтаанд ва баръакс, халқҳои ақибмонда бошад, ба туфайли бесаводӣ ва ҷаҳолат аз тараққиёт қафо монда, ба дигарон побанд шудаанд.

**Дар замони ҳозира, дар ҷаҳон мусобиқаи ақлу заковат ва тафаккур нисбат ба ҳамаи замонҳои дигар бештар авҷ гирифтааст. Касе, ки дар ин мусобиқа пеш бошад, ҷилави тараққиёт ҳам дар дасти он мешавад. Президент Ислом Каримов гуфтааст, ки ғояи «Қувва дар дониш ва тафаккур аст» маҳз аз ҳамин ҳақиқат бармеояд ва қувваи маънавӣ, қудрати мағлубнопазирро дар назар дорад.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Савол ва супоришҳо

1. Гуфтаҳои маърифатпарвар Абдулло Авлонӣ «Тарбия барои мо масъалаи ё ҳаёт — ё мамот, ё наҷот — ё ҳалокат, ё саодат — ё фалокат мебошад» моро аз чӣ огоҳ мекунад?
2. Барои чӣ таълимро аз тарбия, тарбияро аз таълим ҷудо карда намешавад. Ба фикри Шумо агар ба ин қоида амал карда нашавад, ба кадом оқибат оварданаш мумкин?
3. Аз чӣ сабаб дар диёри мо ба тарбияи шахс алоҳида эътибор дода мешавад?
4. Дар шахс шуда ташаккул ёфтани инсон озод ва мустақил фикр кардани вай чӣ қадар муҳим?
5. Шумо ҷумлаи «Дар тимсоли ҳар як бача аввало шахсро дидан зарур»-ро чӣ хел шарҳ медиҳед?
6. Ҳаракат кунед, ки дар асоси мушоҳидаҳои худ, фарқи мафҳумҳои «шахс» ва «издиҳом»-ро фаҳмонда диҳед.
7. Аз рӯйи расмҳо фаҳмонед, ки кашфиётҳои илму фанро баробари бунёдкорӣ ба корҳои вайронкорӣ ҳам истифода бурдан мумкин.


*а*


*б*


*в*


*г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ИЛЛАТҲОИ БАРОИ ҶАМЪИЯТ ХАВФНОК

Донишомӯзи азиз, дар яке аз дарсҳо, дар мавзӯи «Хатарҳои ба чашм нонамоён» бештар ба иллатҳои мафкуравӣ истода гузаштем, ки ба шуур ва рӯҳи халқи мо аз хориҷ таҷовуз мекунанд. Ҳол он, ки хавфҳои маънавият бо ин тамом намешаванд. Иллатҳои аз дохили худи мо баромадаро, ки дар давраҳои муҳими таърих ба халқи мо садд гузошта, онро аз роҳи тараққиёт бераҳа намуданд, надониста, ба муқобили онҳо мубориза набурдан мумкин нест. Инҳо худбинӣ ва лоқайдӣ, хешу таборӣ ва маҳалгароӣ, таъмагарӣ ва манфиатпарастӣ, манманӣ ва дигаронро писанд накардан, ҳасад ва хоинӣ мебошанд.

Инсон, ки ҳаст, афсӯс хусусиятҳои зишти дар боло зикршуда рӯҳ ва шуури ӯро фаро гирифта, хавфи аз роҳ задани инсон ҳамеша боқӣ мемонад. Пас, аввало, ҳар яки мо бояд ин иллатҳоро «шинохта» гирем, аз онҳо доимо огоҳ бошем, эҳтиёт шавем.

*Худбинӣ — танҳо дар бораи худ фикр кардани одам, ба ҳисоб нагирифтани манфиати дигарон, барои қонеъ намудани хоҳиши худ аз зери по кардани дигарон ҳам нагаштан барин иллати манфӣ ба ҳисоб меравад.*

Барои касе, ки ба касалии худбинӣ гирифтор аст, бояд ҳама фикрашро ба назар гиранд, тамоми корҳо ба тарзи хоҳиши вай амалӣ шаванд, масъала фақат ба фоидаи вай ҳал шавад. Ин гуна одамҳо, афсӯс ки дар байни мо ҳам дучор меоянд. Онҳо аз давлат, ҷамъият, халқ, ҳама чизро талаб мекунанду худашон ҳам фикр намекунанд, ки ба ҷамъият, давлат ва халқ фоидаашон расидааст ё не. Воқеаву ҳодисаҳо, тағйиротҳо, муаммоҳое, ки дар кишвари зодгоҳашон мешавад, гӯё ба онҳо алоқае надорад, онҳо фақат дар дохили ҳаёти худ «печида мегиранд». Соддатар гӯем, барои ин одамон, дар олам фақат талаб, хоҳиши «ба ман деҳ» ҳасту



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

халос. Шарики дарду шодӣ шудан, дар ҳалли вазифаҳои миллату мамлакат ҷон сӯзондан, бо ҳаёти халқ зистан, барои онҳо эҳсосоти бегона аст.

Шахси худбин на танҳо ба муаммоҳои ҷамъият лоқайд аст, балки нисбат ба ҳамсолон, ҳамкасбон, ҳатто ба аъзоёни оила ҳам худро чун бегона медонад. Ин гуна инсонҳо дар бораи амалҳои нек ба монанди ба фарзанди одам бо назари шафқат нигаристан, ба одамони мӯҳтоҷ ёрӣ додан, дар роҳи ташвиши дигарон аз армонҳои худ гузаштан ҳатто фикр ҳам намекунанд. Дар натиҷа, аз феълу атвори шахсони худбин наздикон, аҳли оила, ҷамъият озор кашида, зарар мебинад.

**Агар ба таърих назар андозем, мебинем, ки истилогароне, ки диёри моро ба худ тобеъ кардани буданд, ба ҳаёти саркардаҳои ҷасури мо, мутафаккирони бузурги мо, аҷдоди зиёпарвари мо қасд кардаанд, маҳз шахсони худбинро ба худ тобеъ карда будаанд. Шахсони худбин, чӣ хеле набошад, ба воситаи ҳар касе набошад, манфиати худро фикр карда, сабабгори зери по шудани манфиатҳои халқу диёр шудаанд.**

Боз як нуқсоне, ки ба ҷамъияти мо таҳдиди ҷиддӣ ба бор меорад, лоқайдӣ мебошад. Сарвари диёри мо чӣ андоза хавфнок будани ин иллатро дар асари «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» бо мулоҳизаи хеле ибратбахш, асоснок кардааст.

**«Аз азал маълум аст, ки одами бепарво аз душман ҳам хавфноктар аст. Чунки кӣ будани душман, қиёфаи аслии вай барои Шумо маълум мешавад. Вале, қиёфаи одами лоқайд ва бепарворо якбора дониста намешавад. Барои ҳамин, он дар ботини Шумо гашта, барои душманони Шумо имконият фароҳам меорад.**

**Яке аз файласуфони машҳур ин ҳақиқати ҳаётро чуқур таҳлил намуда, ин фикрҳои ҳаққониро баён намудааст: аз душманон натарс — аз ҳад гузарад, онҳо мумкин туро мекушанд. Аз дӯстон натарс — аз ҳад гузарад, онҳо мумкин ба ту хиёнат**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**кунанд. Аз одамони бефарқ тарс — онҳо туро намекушанд, намефурӯшанд, фақат ба туфайли хомӯш ва бепарво будани онҳо, дар рӯйи Замин хиёнат ва қотилиҳо содир мешавад»[1].**

Дар ин замина шеъри шоири ширинкалом Абулқосим Лоҳутӣ ба ёд меояд:

Солҳо дар ҷустуҷӯи ҳақ ба ҳар дар сар задам,
Кас надидам, ҳар қадар ин дар задам, он дар задам.
Дар ҳама дунё на ном аз ростӣ буд, не нишон,
Ҳай шудам навмед аз ин дар, ҳайдари дигар задам.

Ҳам масолик, ҳам мазоҳиб ходими сармояанд,
Ман дигар ин номҳоро яксар аз дафтар задам.
Душмане буд, ҳар касеро ман гирифтам ҷойи дӯст,
Раҳзане буд, даст бар домони ҳар раҳбар задам...

**Боз як иллате, ки мо бояд аз он огоҳ бошем, аз он ҳазар кунем, ин кӯшиши эътибор додан, аз ҳама чиз боло гузоштан ба хешутаборӣ.**

Пеш аз ҳама таъкид кардан лозим, ки аслан донистани хешу табори худ, ба роҳ мондани робита бо онҳо, дар рӯзҳои шодиву ташвиш бо онҳо будан, фазилати хеле зарурии инсонӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан, халқҳои мо ҳимоя кардани шаъни оила ва наздикони худро, фикр кардан дар бораи осоиштагӣ ва фаровонии онҳоро қарз ва вазифаи худ медонанд. Дар ин роҳ ҳалол ҳаракат кардан, ба наздикон мадади моддӣ ва маънавӣ расондан — яке аз намудҳои равшани хубӣ мебошад. Ҳама гап дар самимият, беғаразӣ, рост ва қонунӣ будани ҳамин ҳаракатҳо аст.

Агар эътибор диҳед, баъзе касон, соҳиби ягон мансаб шаванд, ба атрофи худ зуд хешу табор, ҳамтабақони худро ҷамъ оварда, бо онҳо забон як карда, боигариҳои халқу давлатро талаву тороҷ мекунанд. Дар ин роҳ онҳо инсофро ҳам, одамиро ҳам, қонунро ҳам,

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ.124.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба канор тела медиҳанд. Дар ҳоле, ки ба ягон вазифаи масъул мутахассисони лоиқ ва муносиб бошанд ҳам, аввал кӯшиш мекунанд, хешу ақрабо, шиносҳои худро ҷой кунанд. Дар натиҷа, кори корхона ақиб меравад, маблағҳои калони давлат обу лой мешаванд.

**Аз ҳама бадаш — дар вуҷуди одамоне, ки ҳамаи инро дида дониста мегарданд, нисбати адолат, қонуният ҳисси нобоварӣ, беҳафсалагӣ, дилсардӣ ҳосил мешавад.**

Дар кадом дараҷае набошад, пайдо шудани чунин ҳолати номақбул ба таври ҳаққонӣ эътироз, норозигии одамонро ба миён мебиёрад. Бинобар ин, дар мамлакати мо бар зидди зуҳуроти шиносбозию хешу таборӣ ҳам ба таври қонунӣ, ҳам дар самти маънавӣ-маърифӣ мубориза бурда мешавад, одамоне, ки ба ин роҳ даромадаанд ба нафрати ҷамъият гирифтор мешаванд. Дар ин бора ҷавобҳои Президенти мо, ки соли 1991 ба мухбири газетаи «Рабочая трибуна»-и Россия додааст, ибратбахш аст:

**«Хешу табори ман — халқи ман мебошад, ки ба ман бовар карда, Президент шуданро супоридааст»[1].**

Иллате, ки аз хешутаборӣ ҳам хавфноктар аст, маҳалчигӣ ба ҳисоб меравад.

*Маҳалчигӣ — зуҳуроти манфии эҳсоси наздикии ҳудудии одамонест, ки дар ҳоли вобастагӣ ба маҳалли зодгоҳ ташаккул меёбад.*

Бадтарин ҷиҳати маҳалчигӣ дар боло гузоштани манфиатҳои маҳалла, ҳудуд, минтақа аз манфиатҳои умумҷамъиятӣ мебошад. Пурзӯр шудани чунин муносибат ва мафҳумҳо дар ҷамъият ба яклухтии ҳудудии мамлакат, барқарорӣ ва тараққиёти он таъсири хеле манфӣ мерасонад. Маҳалчигӣ мумкин аст ба худмаҳдудкунии ҳудудҳо, заифшавии алоқаҳои байни хоҷагиҳо ва ҳудудҳо, ниҳоят ба маҳдудии иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ оварда расонад. Чунки, одамони зери таъсири зарарноки маҳалчигӣ монда ба ҳаракатҳои манфии монанди ба сокинони дигар ҷойҳо бо наза-

[1] **Islom Karimov.** Oʻzbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. –Т.: Хонаи эҷодии табъу нашри «Oʻzbekiston», соли 2011, саҳ. 356.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ри паст нигоҳ кардан, онҳоро писанд накардан, ҳатто аз болояшон масхара кардан моил мешаванд.

**Аз ин пай бурда мешавад, ки маҳалчигӣ ба ватанпарварӣ алоқае надорад. Аз ҳамдигар фарқ кардани ин ду мафҳум, тамоми Ўзбекистонро Ватани ягонаи худ донистан, шарти муҳими фориғ шудан аз ҳар гуна маҳалчигӣ мебошад.**

Президенти мо дар асаре, ки ба маҳалчигӣ ва хешутаборӣ побанд шуданро чун омили зараррасони амнияти миллӣ исбот кардааст, чунин фикри муҳимро таъкид менамояд:

**«Инсон худро аввало шаҳрванди Ўзбекистон дониста, баъд чун хоразмӣ, самарқандӣ ё худ аҳолии водии Фарғона ҳис карданаш лозим»[1].**

Агар яке аз фазилатҳои ҳуснбахши одоби мо хоксорӣ бошад, иллате, ки ҳусни онро вайрон мекунад, дигаронро аз мо дур мекунад, иллати манманӣ ва railсандӣ ба дигарон мебошад. Афсўс, дар байни мо бачагоне ёфт мешаванд, ки ба ин фазилати нек бефарқ буда, дар пайи аз дигарон боло донистани худ ҳастанд. Ҳол он, ки аксарияти ин бачаҳо хислатҳои набударо зўракӣ дар худ намоиш доданӣ мешаванд. Мисол, бачаҳои воқеан донишманд худро намоиш намедиҳанд, дигаронро намеханданд. Баръакс, ў мехоҳад ва мекўшад, дўстони вай ҳам ба ў расида ва тамоми аҳли синф аз дониши ў баҳра гиранд. Ин бачаҳо барои дар ҳайрат монондани касе, ё сазовори таърифи касе шудан намехонанд. Ба онҳо доно шудан, китоб хондан, худро аз ҷиҳати маънавӣ бой гардонидан як эҳтиёҷи дохилии маънавӣ ҳисоб меёбад. Зеро онҳо ба туфайли дониш сабзидани қалби худ, мазмуни шавқовар касб намудани ҳаёти худро хеле хуб ҳис мекунанд.

Одами хоксор аз атрофиён дар муносибат нисбат ба худ иззату икром, эҳтироми хос талаб намекунад, иззаталаб намешавад, аз муваффақиятҳо ба кибр дода шуда худро таъриф намекунад.

---

[1] **Islom Karimov.** Xavfsizlik va barqaror taraqqiyot yo‘lida./ O‘zbekiston XXI asr bo‘sag‘asida. —Т.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 1998, саҳ. 101.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Пас, хоксорӣ фазилати муҳими ба камолот ҳидояткунанда бошад, манманӣ омили зарарноки ҷиддӣ аст, ки касро ба танҳоии рӯҳӣ, қашшоқии маънавӣ ва таназзул мебарад.**

Аз дарсҳои мактаб ба Шумо маълум, ки шахсони бузурги таърихи мо, инсонҳои фозил ҳам дар боби хоксорӣ барои ҳамзамонони худ ва авлоди оянда намунаи ибрат буданд. Дар ин замина ёдоварӣ намудани ҳазрати Навоӣ кифоя мебошад. Ӯ ба шоири машҳури чандин кишварҳо будани худ, ба дӯсти бачагии подшоҳ Ҳусайн Бойқаро будани худ, амири бузург, соҳиби бойигариҳои беҳисоб будани худ нигоҳ накарда, дар хоксорӣ ва фурӯтанӣ ба ҳамагон намунаи ибрат буд. Эҳтироми бепоёни ӯ ба устози худ, монда нашуда ба некӣ даъват намудани шаҳзодаҳои ҷавон, ба кунҷи поёни ҳуҷҷатҳои микёси давлатӣ имзо гузоштани вай дар маҷмӯъ боз як ҷанбаи ҷовидонаи бузургии Навоӣ аст.

Аз фикрҳои боло маълум мешавад, ки баробари хусусиятҳои бузург, ки халқи моро дар соҳаи маънавӣ бузург медорад, одат ва нуқсонҳои номақбул ҳам мавҷуданд, ки ба ривоҷу равнақ ёфтани он таъсири салбӣ мерасонанд. Мо бояд ҳамеша аз онҳо огоҳ шуда, ба гуфтаҳои калонсолон ва устозон гӯш андохта, аз пайи одамони нек рафта, фазилатҳои хубро барқарор кунем.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Кадом таҳдидҳои беруна ва дохилиро медонед, ки ба муқобили маънавияти миллӣ нигаронда шудаанд?
2. Барои ба нуқсони худбинӣ гирифтор нашудан аз одам чиҳо талаб карда мешавад?
3. Баъзе вақтҳо дар худатон ҳам аломатҳои худбиниро ҳис кардаед? Оё гуфта метавонед, ки аз онҳо пурра халос шудаед?
4. Барои чӣ шахси лоқайд аз душман ҳам хавфноктар аст?
5. Кӯшиш кунед, таърифи маҳалчигиро худатон фаҳмонед.
6. Ба оқибатҳои нохуш, ки дар натиҷаи манманӣ ва кибру такаббур пайдо мешаванд, мисолҳо биёред.
7. Дар бораи ҳасад, пайдо шудани ҳисси ҳасадгӯӣ дар инсон ва оқибатҳои он нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## РОҲ БА ҚАЛБИ ИНСОН

Донишомӯзи азиз, агар эътибор диҳед, одамон ҳамеша ба зебоӣ майл доранд. Ҳангоми дидани лолазори чун гилеми сурх ё шаршараи беист аз боло ба поён шоридаистода дили одамро ҳаяҷони гуворое фаро мегирад. Шояд маҳз чунин ҳолатҳо ба аҷдоди бостонии мо илҳом бахшида онҳоро ба кандакориҳо дар сангҳои кӯҳӣ, ороиши сару либос бо гулу рангҳои гуногун, сохтани хонаҳо дар шаклҳои ҳархела ҳидоят намудааст. Масалан, дар харсангҳои ҳудуди кӯҳҳои Сармишсой, Учтути вилояти ҳозираи Навоӣ, Хӯҷакент, Қорақиясой, Чотқоли вилояти Тошканд тасвири ҳазорҳо ҳайвонҳои ёбоӣ ва хонагӣ, шикорчиён кандакорӣ шудааст. Синни ин суратҳои сангӣ бо чандин ҳазорсолаҳо чен карда мешавад. Ба ороишоти сару либос, сӯзаниҳо, тӯппиҳое, ки аз бобокалону бибикалонҳо мерос мондаанд ва мо онҳоро мӯътабар дониста эҳтиёт мекунем, бо диққат назар андозед, то чӣ андоза бо диди нозук интихоб карда шудани нақш ва рангҳо, ҳамоҳангии онҳоро дида дар ҳайрат мемонед.

Аксарияти Шумо шояд Самарқандро дида бошед. Балки ба Хева ё Бухоро ташриф оварда бошед. Акнун бигӯед, барои бунёд ва ороиши иншооти пуршаҳомате чун мадрасаи Бибихоним тафаккури бадеӣ ва илмии миллат дар кадом савия бояд баланд бошад? Асарҳои ҳазрат Навоӣ ё суратҳои мӯйқалами Беҳзод, ки Шумо дар дарси «Адабиёт» хондаед, ҳайкали Амир Темур дар Самарқанд ё маҷмӯаи Ҳазрати Имом дар пойтахт, магар аз салоҳияти бунёдкоронаи халқ, пурқудрат будани тафаккури бадеӣ-эстетикии вай далолат намедиҳад?!

Ин хел мулоҳизаро дар мисоли обидаҳои санъати ҳудуди вилоят, ноҳияи маҳалли зодгоҳи Шумо низ гуфтан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Инсон фаҳмидани асари санъат, эҳсоси онро хоҳад, аз ў, аввало тарбияи дид ва шуури худи вай талаб карда мешудааст. Дарк ва ҳис намудани санъат бошад, боиси аз ҳар ҷиҳат афзудани бойигарии маънавии одам мегардад.**

Агар ба нақли модаркалону бобои худ гўш диҳед, онҳо ба хотир меоранд, ки лаҳзаҳои хеле душвори зиндагӣ ҳам, солҳои ҷанг ҳам ҳаққу ҳамсояҳо ҷамъ омада дар рўшании чароғи сиёҳ достонҳои халқ, қиссаҳои қадимӣ, китобҳои Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомиву Навоиро мутолиа мекарданд. Фикр кунед, асрори ташнагии мардум ба санъат, адабиёт дар чист? Чаро одамон гуруснагии шикам, бараҳнагии танро фаромўш карда ба санъат дода мешуданд?



**Гап дар сари он, ки инсонҳои асил гузаронидани ҳаётро танҳо барои хўрдану нўшидан, хандаву бозӣ нанг медонанд. Чунки аз инсон, пеш аз ҳама ҷидду ҷаҳди ў барои боигарии маънавӣ, танҳо ҷисмро не, балки рўҳро низ ғизо бахшидан талаб карда мешавад. Ҳамаи шахсони таърихие, ки аз худ нақши ибратомез боқӣ гузоштаанд, аз дигарон аввало бо тавоноии рўҳӣ-маънавии худ фарқ мекарданд.**

Шумо ҳам, ки ҷисман ба синни балоғат расидаед, акнун бояд аз ҷиҳати рўҳӣ низ ба балоғат расиданро ҷиддӣ фикр кунед. Барои ин, бояд кўшиш кунед, ки вақти аз зар қимати худро беҳуда нагузаронида, ҳар як дақиқаи умрро аз мазмун ва моҳият пур кунед.

**Агар камолоти маънавии инсонро ба бинои сохташаванда шабоҳат доданӣ бошем, пас ба он ҳар рўз гузоштани ақаллан як хишт талаб карда мешавад. Он мумкин аст, ки дар шаклҳои гуногун — мутолиаи китобҳои шавқовар, тамошои спектакл ё филм, музей ва намоишгоҳҳо амалӣ гардад.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар худи шумо ба ягон самти санъат шавқу ҳавасро пай бурда ба офаридани ягон асар машғул шавед, нуран ало нур мешавад. Дар ин ҷараён агар гӯем, ки аз қалби шумо ба атроф нур меафканад, ҳеҷ муболиға намешавад.

**Ҳаминро донед, ки шуои тафаккур аз тамоми манбаъҳои нури ҷаҳон пурқудрат аст.**




Санъат оинаи қиёфаи маънавӣ-рӯҳии халқе мебошад, ки онро офаридааст. Тавре дар дарсҳои пеш гуфтем, соҳибқирон Амир Темур ба пештоқи бинои «Оқсарой» дар зодгоҳи худ – Кеш (Шаҳрисабз) навиштаи: «Агар хоҳед, ки қудрати моро донед, биноҳои бунёдкардаи моро бинед»-ро беҳуда нафармудааст.

**Академик Ғафур Ғулом дар мақолаҳои худ як факти таърихиеро вобаста ба Амир Темур меоварад. Менависад, ки пеш аз юришҳои ҳарбӣ, соҳибқирон иҷозат намедодааст, ки ба хурҷинҳои аскарони савора силоҳ ё хӯрокворӣ ҷой карда шаванд. Як чашмаки хурҷинҳо бо хоку гили сифатнок ва чашмаки дуюм бо нақшу нигор барои пештоқ пур карда мешудаанд.**

Ба ҷойи рафтааш ҳамаи ин чизҳоро барои сохтани мактабу мадраса, сарбандҳо, корвонсарой ва иморатҳои зебо кор мефармудааст. Масалан, мақбараи ҳазрат Яссавӣ дар шаҳри Туркистон, ё қалъаи Дарбанди воқеъ дар ҳудуди Доғистон ба ҳамин тарз бунёд ёфтаанд. Ҳамин ва ба ҳамин монанд садҳо мӯъҷизаҳои меъморӣ тимсоли фазилати бадеӣ ва маънавӣ-маърифии халқи мо шудаанд.

Мо, ки намояндаи чунин халқҳо ҳастем, аз мо низ ба наслҳои оянда бояд корҳои нек мерос монад. Аз ҷумла, дар соҳаи санъат ва адабиёт ҳам. Сарвари диёри мо ба ин масъала эътибори хос дода, чунин таъкид мекунад:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Дар замони ҳозира дар пешгирӣ намудани таҳдидҳои гуногуни маънавӣ, ки дар дунё авҷ гирифта истодааст, дар ҳимоя намудани шуур ва тафаккури фарзандонамон аз таъсири зарарноки «маданияти оммавӣ», нақши аҳли илму фан ва маданият, аҳли эҷод торафт меафзояд.**

**Чунки, намунаҳои чунин «маданият»-ро, ки ба рўҳи миллӣ ва табиати мо бегона аст, фақат бо танқид ва инкор ё манъ кардан ба натиҷа расида намешавад. Барои аз ин гуна хатарҳо нигоҳ доштани ҳаёти мо, барои роҳ надодан ба халои маънавӣ, аввало, ба воситаи ғояҳои неки инсонӣ ва асарҳое, ки бо маҳорати воло офарида шудаанд, савияи мадании халқи моро баланд бардоштан, дигар хел карда гўем, барои озмоиш дар мусобиқаи шиддатноки ақлу заковат ва истеъдод, ки имрўз дар майдони ҷаҳонӣ рўй медиҳад, қодир шуданамон шарт аст»[1].**

Солҳои истиқлолият ба масъалаи ривоҷи ҳамаи намудҳои санъати мо — санъати амалии халқ, адабиёти бадеӣ, мусиқии мумтоз ва замонавӣ, санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, театр ва кино аҳамияти муҳим дода мешавад. Дар диёри мо устодони халқӣ муттаҳид карда шуда, барои офаридани асарҳои санъати амалии миллӣ барояшон устохонаҳои дорои тамоми қулаиҳо бунёд карда шуд. Дар натиҷа, намудҳои нодири ин санъат, ки дар давраи шўравӣ ба туфайли беэътиборӣ гум шуда буданд, аз нав барқарор гардида, боиси шавқи зиёди сайёҳони хориҷӣ шуда истодааст.

Сарвари диёри мо дар асари зикршуда, таъкид мекунад, ки «Агар мо Ўзбекистонро ба олам тараннум карданӣ, таърихи қадим ва оянда дурахшони онро бузург доштанӣ бошем, онро дар хотираи авлодон нигоҳ доштанӣ бошем, аввало, нависандагони бузургро, шоирони бузургро, эҷодкорони бузургро бояд тарбия кунем. Чунки, ба гуфтаи адиби бузург Чўлпон «адабиёт зинда бошад — миллат зинда аст»». Дар ҳақиқат, адабиёт тарҷумони қалби халқ, тарбиятгар ва манбаи илҳоми он мебошад. Аз ин рў, дар мамлакати мо ба намояндагони адабиёт эътибори баланд зоҳир

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 133–134.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



мешавад, барои эҷодиёти озоди онҳо шарту шароитҳои зарурӣ муҳайё карда мешавад. Аз ҷумла, соли 2009 дар роҳи ривоҷ додани фаъолияти Иттиҳодияи нависандагони Ўзбекистон, барои дастгирии моддӣ ва маънавии эҷодкорон корҳои калон ба амал бароварда шуданд. Дар асоси муроҷиати Президенти мо ба номи «Эътибор ба адабиёт — эътибор ба маънавият, ба оянда» ва қарори махсус бунёди «Эҷод» ташкил карда шуд. Аз ҳисоби бюҷети давлат ва бунёди мазкур хонаи эҷодӣ ва боғи нависандагон дар Дурмон, поликлиникаи нависандагон аз нав таъмир карда шуда ба гўшаи обод табдил дода шуданд. Муҳимаш, нахустин китобҳои садҳо истеъдодҳои ҷавон, ки оянда ба ривоҷи адабиёти миллии мо метавонанд ҳиссаи сазовор гузоранд, чоп карда мешавад. Дар байни ҷавонони ба мукофоти давлатии ба номи Зулфия сазовор адиба ва шоираҳо аксариятро ташкил карда истодаанд.

**Дар китоби «Маънавияти воло — нерўи мағлубнопазир» қайд шудааст, ки аз қишлоқи Мўъминободи назди Самарқанд асбоби най ёфт шуд, ки 3 ҳазору 300 сол муқаддам аз устухон сохта шудааст. Аз Бинкати кўҳна — замини Тошканди ҳозира, хома – қаламе ёфт шудааст, ки низ аз устухон сохта шудааст. Боз дигар бисёр осори атиқӣ бе забон гувоҳӣ медиҳанд, ки дар кишвари мо аз замонҳои хеле қадим, одамони маърифатнок ва санъатдўст мезистаанд.**

Меарзад, ки халқи мо ба таври ҳаққонӣ бо санъати кўҳна ва бойи мусиқии худ фахр кунад. Танҳо асарҳои мусиқии дар силсилаи «Шашмақом» ҷамъоварӣ шуда, чандин асрҳост, ки ташнагии қалб, эҳтиёҷи рўҳии даҳҳо авлодонро қонеъ намуда, дар рўзҳои шодӣ ё ташвишомези халқ ҳамроҳи беминнат мешавад. Оҳанги



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Чӯли ироқ», ки дурдонаи мероси мусиқии мо аст, сарфи назар аз замон, миллат, ҷинсу дин, фарзанди ҳар як инсонро беихтиёр ба андеша, мулоҳиза ғарқ кунад, садои «Лазгӣ» одами дар умраш рақс накардаро ҳам ба рақс медарорад.

**Боз ба як чиз эътибор диҳед, дар ҳоле, ки раққосаҳои ӯзбек рақси ҳар кадом халқи ҷаҳонро аз худи онҳо ҳам бомаҳорат иҷро карда, навозандагони мо оҳангҳои хоҳ Европа, хоҳ Осиё, хоҳ Америкаи Лотиниро ба мақомаш расонда менавозанд, оҳанг ва рақсҳои миллии ӯзбекиро дар сатҳи зарурӣ иҷро кардан аз дасти ҳамаи санъаткорони хориҷӣ ҳам намебиёяд... Ҳамаи ин аз баландии истеъдоди мусиқӣ, бурроги зеҳн, васеъгии идроки бадеии халқи мо далолат медиҳад.**

Барои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи санъати мусиқӣ дар малакати мо, барои истеъдоди худро намоиш додани авлоди ҷавон, шарту шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, корҳои миқёсан васеъ ба амал бароварда мешаванд. Бо ташаббуси сарвари диёри мо «Соли ҷавонон» эълон шудани соли 2008 ва худи ҳамон сол қабул шудани Дастури давлатӣ оид ба мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии мактабҳои мусиқӣ ва санъати бачагона дар солҳои 2009–2014 ва сохтмони муассисаҳои нав ҳам тасдиқи амалии ин фикр мебошад. Мувофиқи дастури мазкур, дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои республика дар асоси лоиҳаҳои замонавӣ мактабҳои мусиқӣ ва санъати дорои тамоми шарту шароитҳо бунёд шуданд. Дар оғӯши «Қасри эҷоди ҷавонон», ки дар пойтахт қад афрохт, чандин соҳибони умедбахши истеъдод ба камол мерасанд.

Ӯзбекистони имрӯза на фақат барои оҳангу сурудҳои миллӣ, балки ба диёри байналхалқии санъат, ки санъати нодири мусиқии тамоми Шарқ ва дигар халқҳо намоиш дода мешавад ва ба мулоқоти эҷодии байниҳамдигарӣ имконият фароҳам меорад, табдил меёбад. Аз ҷумла, ба фестивали байналхалқии «Таронаҳои Шарқ», ки дар Самарқанд — сайқали рӯйи Замин, ҳар ду сол як бор гузаронида мешавад, аз қитъаҳои ҷаҳон санъаткорон ташриф оварда, ҳамагонро аз санъати миллии худ баҳраманд мегардонанд. Оҳангҳои рангу баранг, ки дар саҳнаи табиии майдони Регистон, зери



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

осмони кушоди бо ҷилваҳои моҳу ситораҳо ороёфта садо медиҳанд, дар ҳамбастагии қалби инсонҳои соҳибони миллат, дин, забонҳои гуногун, мустаҳкам кардани ҳамкории мадании байни халқҳо хизмат мекунанд.

**Меҳмони ин фестивал, хонандаи француз яке аз донишмандони шинохтаи мусиқии ҷаҳонӣ Шарл Азнаур ба ин иди калони санъат ва салоҳияти Самарқанд баҳо дода, гуфта буд, ки: «Ман дар майдони муборакии Регистони сеҳрнок истода, чун инсон чӣ андоза ба боло баромадани худро, бузургӣ касб кардани ҷисму ҷонамро ботинан ҳис кардам». Ин эътироф мумкин нест, ки ба ифтихори мову шумо — фарзандони Ўзбекистон ифтихор ҳамроҳ накунад, аз соҳибони чунин диёр буданамон қалби мо пур аз ифтихор нашавад!**

Аз дарсҳои «Адабиёт» хуб медонед, ки аз ибтидои асри XX дар диёри мо нахустин намунаҳои санъати театр офарида шудаанд. Лекин, намуди санъати мазкур фақат ҳамон вақт дар ҳаёти халқи мо пайдо нашудааст, албатта. Чунки дар кишвари мо аз замонҳои қадим бисёр намудҳои тамошо аз қабили лўхтакбозӣ, масхарабозӣ, пойи чўбӣ ва дорбозиҳо буданд. Сайрҳои халқӣ, тўю тамошоҳо бе инҳо намегузашт. Ба аввали асри XX омада, дар мо ҳам барои театрҳои замонавӣ драмаҳо навишта шуданд, нахустин труппаҳои театрӣ фаъолият оғоз карданд. Дар он давр хусусан ба ҳамин намуди санъат афзудани эҳтиёҷро шояд муаллимонатон фаҳмонда бошанд. Дар ҳақиқат, барои ба маърифат даъват намудани халқи кишвари Туркистон, ки он ҷо шумораи газетаву журналҳо, китоб ва дигар маҳсулоти матбаа кам буд, аз ботлоқи ақибмондагӣ баровардани он, аҳамияти санъати театр калон буд.

Нақш ва аҳамияти ин намуди санъат дар тарғиботи маънавият, тарбияи маънавӣ имрўз ҳам, минбаъд ҳам асло паст нахоҳад шуд. Чунки тамошобин имконият дорад спектакли дар саҳнаи театр ба намоиш гузошташударо бевосита, мустақим, дар ҳоли зиндаву ҳаракатнок бинад ва мушоҳида кунад. Ин ҳол ба ҳиссиёти инсон таъсири калон мерасонад, имкон фароҳам меорад, ки ў дар давоми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

якчанд соат аз олами беруна канда шуда, худро дар дохили воқеаҳои саҳна ҳис кунад. Худи ҳамин чанд соати дар тамошои театр гузаронда кифоя аст, ки дар қалб, шуур, рӯҳияти инсон ва албатта, дар олами маънавияти ӯ тағйиротҳои мусбӣ ҳосил кунад.

Қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар бораи соли 2014 васеъ ҷашн гирифтани 100-солагии театри академии драмаи миллии ӯзбек ҳам далели он аст, ки соҳаи мазкури санъат дар ҳаёти ҷамъият нақши хеле муҳим мебозад.

Имрӯз ҳама мебинад ва медонад, ки тараққиёти техникию технологии санъати кинои ҷаҳон тамоми дигар соҳаҳои марбути ривоҷи мадании инсонро қафо гузошта, пеш меравад. Дар замони ҳозира, барои киноиндустрия гӯё худи чизи имконнопазир нест. Хусусан, дараҷаи эффекти бадеиро, ки дар намоишномаҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатии аз тарафи кинокомпанияҳои баъзе давлатҳои Амрико, Хитой, Аврупо офаридашуда истифода мешаванд, дида ҳатто баъзе одамоне, ки пинакашонро вайрон кардан осон нест, беихтиёр «воҳ» гуфтани худро нафаҳмида мемонанд.

Мумкин будани боварибахш акс намудани саҳнаи дар чанд дақиқа ҳаёти пурҷӯшу хурӯшро дар кӯчаҳои шаҳри азими дорои биноҳои осмонбӯс чаппаву роста карда партофтани аждаҳои баҳайбат ним аср пеш тасаввур карда намешуд. (Филмҳои «Миллион сол пеш аз милод», «Саёҳати Синбод», ки дар асри гузашта бо шукӯҳи худ падару модари Шуморо ба ҳайрат андохта буданд, дар Шумо фақат ҳисси истеҳзо бедор мекунаду халос). Дар хусуси ҷангҳо дар арзҳои коинот, истифодаи эффектҳои махсус дар филмҳои таърихӣ ё «ваҳмовар» гап назанем ҳам мешавад.

**Аз асари кино, сарфи назар аз чӣ қадар санъати тамошо будани он, чун дигар намудҳои санъат, ба чашми инсон не, ба дили ӯ таъсир кардан, дар қалбаш тағйиротҳои муайян, дар рӯҳияташ бедории эҷобӣ офаридан талаб карда мешавад.**

Ба ин маъно, ба мо аз филмҳои оиди ҷангҳои самовӣ ё зеризаминии хориҷӣ, ки ба ивази миллиардҳо доллар офарида мешаванд, филмҳои киноэҷодкорони мо чун «Ту ятим нестӣ» ё «Дар маҳалла дув-дув гап» бештар ғизои маънавӣ медиҳанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бо таърифи сарвари диёр гӯем, «Ана ҳамин гуна асарҳои ба маънои том миллӣ, на фақат дар баланд бардоштани маънавияти халқи мо, балки дар шиносонидани тамоми арзишҳои зебои он ба дунё ҳам ҳиссаи калон мегузоранд»[1].**

## *Савол ва супоришҳо*

1. Чунин шавқи баланди инсонро ба санъат, бе санъат ҳаётро тасаввур накардани онро чӣ хел шарҳ медиҳед?
2. Дар мамлакати мо кадом намудҳои санъат бештар ривоҷ ёфтаанд? Сабаби онро Шумо дар чӣ мебинед?
3. Санъаткор шудан ё дарки санъат аз одам кадом фазилатҳоро тақозо медорад?
4. Кадом санъаткоронеро медонед, ки шӯҳрати кишвари моро ба олам тарғиб мекунанд, маҳорати онҳо дар чист?
5. Оё муносибати ҳамсолонатон ба санъат ва адабиёт Шуморо қонеъ мекунад?
6. Дар маҳалли зисти шумо кадом обидаҳои санъат мавҷуданд? Оё ба таърихи онҳо ҳеҷ шавқе зоҳир кардаед?
7. Технологияҳои муосир — графикаи компютерӣ, асбобҳои мусиқии электронӣ ва ғайра ба ривоҷи санъат таъсири мусбӣ мерасонанд ё манфӣ? Шумо чӣ фикр мекунед?
8. Аз рӯйи расмҳо дар бораи хусусиятҳои ба худ хоси санъати мусиқии миллии мо нақл кунед.



*а* *б* *в* *г*

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 145.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# АҲАМИЯТИ САНЪАТ ДАР ТАҶДИДИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ

Донишомӯзи азиз, пеш аз тайёрӣ ба ин дарс, аз падару модар албатта пурсед, ки дар давраи шӯравӣ ба кӯча ва хиёбонҳо ҳайкалҳои киҳо гузошта, плакатҳои бо кадом мазмун овехта мешуданд, намоишгоҳ ва музейҳо бо кадом асарҳои санъати тасвирӣ оро меёфтанд. Бо мулоҳизаҳои китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» ҳамоҳанг шудани ҷавоби онҳо аниқ:

**«На фақат дар пойтахт, ҳатто дар ҳудудҳои аз ҳама канорӣ ҳам ҳайкалҳои доҳиёни шӯравӣ, шахсоне, ки ба умри ҳазорҳо ҳамватанони мо зомин шудаанд, баъд ба тамоми дунё кирдукори зишти онҳо ошкор шудааст, савлат андохта меистод. Ба муносибати идҳо ба пойи ҳамин ҳайкалҳо гулҳо гузошта мешуданд. Лекин ин маросимҳо аз ҳад зиёд сохта ва рӯякӣ буда, одамон ин тадбирҳоро на аз сидқи дил, балки барои расмият адо мекарданд»[1].**

Дар ҳақиқат, касе, ки давраи шӯравӣ дар кӯчаҳои Ӯзбекистон мегашт, ба ҳайкалҳои хурду калон, нимпайкара, сурат, кӯчаву хиёбонҳои ба номи касоне, ки кишвари моро дар умраш надидааст, вале сабабчии асосии тамоми кулфатҳои халқ мебошад, то ба дараҷае бисёр дучор мешуд, ки дар ҳайрат мемононд. Чунин хуруҷи маънавӣ, ки барои ба шахсияти «доҳиён» Ленин, Дзержинский, Фрунзе, Сталин эътиқод кунонидани халқ таҳия шуда буд, ҳадду сарҳад надошт. Дар асл имрӯз онҳо аз тарафи тамоми инсоният чун сиёсатмадорони дар таърихи дунё нақши хунин гузошта маҳкум карда шудаанд. Кӯшиш ба харҷ дода мешуд, то номҳои бузур-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 148–149.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ги аҷдоди мо, ки номи диёри моро ба дунё машҳур намудаанд, ба хок омехта шуда, бадном гашта, аз хотираи халқ тамоман зудуда шаванд. Дар китобҳои дарсӣ, тамоми воситаҳои ахбори оммавӣ, минбарҳои тарғиботӣ дар бораи бузургони мо, ки метавонистанд ғурури халқро бедор кунанд, ба худшиносии вай ёрӣ расонанд, муттасил гапҳои тӯҳматомез такрор мееёфтанд. Бӯҳтонҳо дар бораи он, ки гӯё халқи соҳиби чунин маданияти қадима ва нодири мо дар тамоми давраи таърихи худ бесавод, омӣ, миллати ақибмонда будааст, фақат дар давраи шӯравӣ аз маданият огоҳ шудааст, ба мақсади заҳролуд намудани шуури омма тарғиб мешуданд.

Сарвари диёри мо ин ҳолати бағоят ташвишоварро соли 1990 шадидан танқид карда буд: **«Одамоне, ки таърих ва маданияти бойи халқро, хусусиятҳои нодири кишварро намедонистанд ва донистан ҳам намехостанд, ба ғасбу тороҷ, ба занҷири разолат бастани ҳаёти республика пардохтанд.**

**Нописандии анъана, маданият, урфу одат ва арзишҳои маънавии бисёрасринаи халқ мардумро хеле ранҷонид»[1].**

Хусусан, бофтаҳо дар бораи соҳибқирон Амир Темур аз ҳад гузашта буд. Кӯшиш карда мешуд, ки он зотро ба сифати «зишт», «истилогар» нишон дода, бо роҳи фиреби рӯирости халқ хотираи таърихиро дар бораи вай аз ёди халқ берун бароранд.

Шукр, ки истиқлолияти миллӣ ба ин бедодигариҳо қатъиян хотима гузошт. Бо ташаббус ва раҳнамоии бевоситаи сарвари диёри мо аз аввалин солҳои истиқлол дар роҳи ба халқ баргардонидани номи поки Амир Темур, холисона арзёбӣ намудани ҳиссаи калони вай ба таърихи инсоният, тамаддун, ба ҷо мондани эҳтироми ӯ саъйу ҳаракатҳои қатъӣ ба амал баромад. Аз ҷумла, дар бораи офаридани симои таърихии соҳибқирон ҷустуҷӯҳои чуқури илмӣ бурда шуданд. Президенти мо дар ин ҷараёни мураккаби барқарор намудани ҳақиқати таърихӣ, адолат фақат ба холисӣ, илмият такя карданро таъкид намуда, ба ин фикр эътибор медиҳад:

[1] **Islom Karimov.** O'zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. –T.: Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston», соли 2011, саҳ. 177.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Муаррихи машҳур Ибн Арабшоҳ, ки 7 сол дар дарбори Амир Темур зистааст, сурат ва сирати ӯро тасвир мекунад:**

**«Темур одами қадбаланд, ростқомат, пешонавасеъ, каллакалон, хеле пурқувват ва босалобат, сурхгуна, васеъкитф, хушқадду қомат, сермӯй, даст ва пойи росташ захмдор, ду чашмонаш ба мисли ду шамъ нурпош, овозаш марғуладор, бузургиаш ба худаш зебо, суханонаш бо азму қарори қатъӣ, ҳақгӯй буд. Ӯ одаме буд, ки аз як нигоҳ ва ишораҳои чашм пай мебурд, боидрок, синчакор, аз ҳар гуна ишорат огоҳ, ҳама кори эҳтимолиро пешакӣ дониста дида метавонист».**

**Худатон гӯед, магар ин маълумотҳо барои мусаввире, ки портрети аниқ ва ҳаққонии аҷдоди бузурги моро офариданӣ аст, чун материали бебаҳо хизмат намекунад? Мо масъулияти ин корро дар назди таърих ва оянда ҳаматарафа ҳис карда, дар ҳоли такя ба далелҳои боэътимоди таърихӣ, ки дар манбаъҳои гуногун қайд шудаанд, кор кардем»[1].**

Дар китоби сарвари диёри мо, таъкид мешавад, ки рассоми халқии Ӯзбекистон Малик Набиев дар асоси ҳамин фикрҳо портрети қиёфаи мумтози соҳибқирон аксёфтаро офарид ва айнан ин симо минбаъд ба ҳамаи ҳайкалҳое, ки дар диёри мо ба Амир Темур барпо шуданд, асос шуда хизмат кард. Ин ҳайкалҳо, ба намуди санъати монументалӣ (муҷассамавӣ)-и эҷодиёти бадеӣ мансуб мебошанд.

*Санъати монументалӣ гуфта, пеш аз ҳама ҳайкалҳои боҳашам ва маҷмӯаҳои ёдгориро мефаҳмем, ки дорои қувваи бузурги таъсир мебошанд.*

Дар ҳақиқат, солҳои истиқлол барои санъати миллии монументалии мо давраи ривоҷ дар рӯҳи анъанаҳои миллӣ шуд. Дар бораи он, ки дар ин соҳа боз кадом ҷустуҷӯйҳо амалӣ шуданд, аз ҷумла оид ба ҷараёни офаридани ҳайкалҳои Амир Темур, ки дар Самарқанд, Тошканд, Шаҳрисабз қад афрохтаанд, дар асоси чунин ҷустуҷӯй ва таҷрибаҳо минбаъд ҳайкалҳои аллома, нависанда ва шоирон Аҳмад Фарғонӣ — дар Фарғона, Муҳаммад Мӯсо Хо-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 150–151.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

размӣ ва Ҷалолиддин Мангубердӣ — дар Урганч, Алишер Навоӣ — дар Навоӣ, Ғафур Ғулом, Абдулло Қаҳҳор ва Зулфия — дар Тошканд, монументҳои «Алпомиш» дар Тирмиз, «Такягоҳи халқу диёр» дар Қаршӣ, «Мустақилӣ ва некӣ» дар маркази Тошканд, ҳайкали Модари мотамсаро, даҳҳо маҷмӯаҳои ёдгорӣ бахшида ба азизу авлиёҳои мо, дар «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» ҳикояҳои ибратбахш ҷой гирифтаанд[1].

Ин саъйу ҳаракатҳои таърихӣ мунтазам давом ёфта, солҳои охир ҳайкалҳои Мирзо Бобур, Чӯлпон дар Андиҷон, Ойбек, Саид Аҳмад, Саида Зунунова дар Тошканд қад афрохтанд.

Чуноне дар боло таъкид шуд, давраи шӯравӣ қадамҷойҳои мутафаккирони табарруки мо, ки дар замини табарруки мо таваллуд ёфта ба воя расидаанд ва ба тараққиёти илму маданияти инсоният ҳиссаи босазо гузоштаанд, ба ҳоли партовгоҳ расонда шуда, барои ба зиёратгоҳ табдил додани онҳо роҳ дода намешуд.

Дар айни замон, ҳамаи чунин масканҳои мӯътабар дар вилоятҳои мо аз нав таъмир шуда, ба ҳолати аслӣ оварда мешаванд. На танҳо зиёратгоҳҳо, роҳҳои онҳо васеъ шуда, мавзеъҳои аҳолинишини атрофи онҳо обод мешаванд. Меҳмонҳои расмӣ, сайёҳони зиёде, ки ба диёри мо ташриф меоранд, ин корҳои хайрро дида, ҳайрати худро пинҳон намекунанд. Масалан, аз маҷмӯаҳои ёдгории Абдухолиқ Ғиждувонӣ ва Баҳоуддин Нақшбанд дар Бухоро, Имом Бухорӣ ва Имом Мотурудӣ дар Самарқанд, Бурҳониддин Марғинонӣ дар Марғилон, Ҳазрати Имом дар шаҳри Тошканд соле дувоздаҳ моҳ пойи зиёратчиён канда намешавад.

**Муҳимаш, ин зиёратҳо, ки сидқан амалӣ мешаванд, дар бойшавии олами маънавии халқ, дар худшиносии вай ба воситаи донистани таърихи худ, дар баланд бардоштани ҳисси ғурур дар қалби он аҳамияти калон касб мекунад.**

Агар таърихи давраи шӯравиро дақиқназарона омӯзед, майдони маркази пойтахти мо — Тошканд ба номи доҳии болшевикон Ленин буданашро, дар ҳамин майдон гузошта шудани калонта-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 149–156.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рин дар ҷаҳон ҳайкали сангинро, ки дар зодгоҳи худи Ленин ёфт намешавад, дониста мегиред. Майдон бо плитаҳои калон-калони дағал пӯшонида шуда буд. Ҳар сол ду маротиба аз рӯйи майдон намоиши паради танк, тӯп, ракета, ки тухми аҷал мекоранд ва дигар техникаи ҳарбӣ мегузашт. Мухтасар гӯем, майдони асосӣ ба рамзи хунуки иборат аз омехтаи оҳану бетони низоми мустабид, ки ҳаққу ҳуқуқи инсонро поймол мекард, табдил ёфта буд. Имрӯз-чӣ?

Дар маркази пойтахти Республикаи озоди Ӯзбекистон — дар майдонҳои Мустақиллик ва Хотира намунаи нодири санъати замонавии монументалии мо, яъне муҷассамаи Мустақилӣ ва некӣ, инчунин ҳайкали Модари мотамсаро бунёд шуд, ки ин дурдонаҳои санъат дар худ инсонпарварӣ, некӣ, мӯътабарии хотираи аҷдодон ва боварии собитро ба оянда таҷассум карда, ба қалби ҳам ҳамватанон ва ҳам инсонҳои ба мо дӯст нури равшан ҷо мекунанд. Сарвари диёри мо аҳамияти ин кори некро, ки ба ҳамаи мо ифтихор мебахшад, ҳаққонӣ чунин арзёбӣ мекунад:

**«Ман боварӣ дорам, солҳо, асрҳо гузашта, замонҳо тағйир меёбанд, лекин ин ду маҷмӯаи ёдгорӣ, ки бо мазмун ва қиёфаи худ ҳамдигарро пурра мекунанд, чун обидаи бадеии нодир ва ҷовидон қисми таркибии маънавияти халқи мо мешавад».**

Дар ин замина, ба саволи «асарҳои санъати бадеӣ аз кадом ҷиҳат ба ҷовидонӣ ноил мешаванд?» ҷавоб ёфтан мумкин. Пас, муҳимтарин аз ин сифатҳо — миллӣ будан, орзую армонҳои эҷодкорро ифода кардан, ба дили халқ наздик, ҳаққонӣ будани асар.

**Эътибор диҳед, ки сайёҳон дар кишвари мо ба чӣ шавқ зоҳир мекунанд. Иншоотҳои таърихӣ, осори антиқаро, ки дар онҳо рӯҳи миллӣ ҷӯш мезанад, бо ҳайрат тамошо мекунанд.**

**Барои чӣ? Чунки фақат дар Ӯзбекистон чунин намунаҳои санъат дучор меоянд!**

Биноҳои осмонбӯси замонавӣ дар ҳар нуқтаи ҷаҳон ҳаст, вале, гаҳвораи хушрӯйро, ки кӯдак дар он роҳат ёфта хоб меравад, дастонашро баровардa бозичаҳояшро бозӣ медоронад, фақат дар

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat — yengilmas kuch. —T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 155.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ўзбекистон дидан мумкин. Агар мисриён бо аҳромҳои пурасрор ва боҳашами худ фахр кунанд, ўзбекҳо бо мадрасаҳои гунбази нилгундори деворҳояш ба ҳам пайваст фахр мекунанд.

Донишомўзи азиз, ҳама шоир ё нависанда, рассом ё ҳайкалтарош, актёр ё бастакор шуда наметавонад. Чунки, дар ин соҳаҳо фақат бо хондану омўхтан, машқи муттасил кор анҷом намеёбад. Эҷоди бадеӣ аз кас истеъдоди хос талаб мекунад. Агар эътибор диҳед, хонандагони суруд дар телевизор хеле бисёр аст. Лекин, ба номи санъаткори ҳақиқӣ сазовор шудагон ангуштшуморанд.

**Аз ин рў, аз санъаткори сохта дида, ки боиси норозигии одамон мешавад, мухлиси ҳақиқии санъат шудан, ки зебоиро дўст дошта, онро гиромӣ медорад, ҳазорҳо маротиба беҳтар. Қалби ин одамон зебо, онҳо чӣ коре накунанд, натиҷаи онҳо албатта хушрўй мешавад. Модар-Ватанро дўст доштан, халқро эъзоз кардан ҳам аслан, санъати бузург аст.**

### *Савол ва супоришҳо*

1. Ҷиҳатҳои ба худ хоси санъати монументалӣ дар чист?
2. Ба фикри Шумо обод шудани қадамҷойҳои аҷдоди бузурги мо дар рўҳияти одамон кадом тағйиротҳои мусбӣ ба вуҷуд меоранд?
3. Агар майдони Мустақиллики пойтахтро дида бошед, он дар Шумо чӣ хел таассурот боқӣ гузошт?
4. Кадом қадамҷойҳои мўътабари кишвари моро зиёрат кардаед? Дар он ҷо чиҳо бештар эътибори шуморо ба худ ҷалб карданд?
5. Бо ёрии падару модар таҳлил кунед, ки пештар кўчаҳои шаҳру қишлоқҳои маҳалли зисти Шумо чӣ ном доштанд ва акнун чӣ ном гирифтаанд.
6. Ба ҳамсинфон нақл кунед, ки ҳангоми дидани ҳайкали Амир Темур дар қалби Шумо кадом ҳиссиёт бедор мешавад.
7. Ба ҷойҳои зерин, ки барои расмҳо ҷудо шудаанд, Шумо расми кадом обидаи мадании ноҳия ё вилояти худро мегузоштед?



*а* *б* *в* *г*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## КОРИ НАЗОРАТӢ

С у п о р и ш: Дар мавзӯи **«Роли санъат ва адабиёт дар баланд бардоштани маънавияти инсон»** реферат тайёр кунед.

Кӯшиш кунед, ки дар он масъалаҳои зерин инъикос ёбанд:

– фикру ғояҳо оид ба мавзӯъ аз асари «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир»;

– ҷиҳатҳои ба худ хоси адабиёт ва санъати мумтозу замонавии мо;

– хусусиятҳои муҳиме, ки ҷовидонии санъат ва адабиётро таъмин мекунанд;

– самаранокии таъсири асарҳои бадеӣ ба инсон;

– фазилатҳои муҳим, ки аз инсони орзуманди эҷодкоршаванда талаб карда мешаванд;

– сабабҳои шавқи зиёди аҳли ҷамоатчигии ҷаҳон ба санъат ва адабиёти халқи мо, натиҷаҳои он ва дигар масъалаҳо.

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТ БАРОИ ИСТИФОДА:

1. Islom Karimov. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. Тошканд, «Ma’naviyat», соли 2013.

2. Islom Karimov. Adabiyotga e’tibor – ma’naviyatga, kelajakka e’tibor. Тошканд, «O‘zbekiston», соли 2009.

3. Islom Karimov. O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. Тошканд, ХЭТН «O‘zbekiston», соли 2011.

4. Milliy istiqlol g‘oyasi: asosiy tushuncha va tamoyillar. Тошканд, «O‘zbekiston», соли 2001.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Боби IV

# МЕЪЁРҲОИ ВОЛОИ МАЪНАВӢ

## ИНСОНПАРВАРӢ — ФАЗИЛАТИ НЕКИ ХАЛҚИ МО

Донишомӯзи азиз, инсонпарварӣ яке аз таълимотҳои неки таърихи ҷаҳон, ифодаи равшани орзу ва ҷидду ҷаҳди воло ва оличанοби башарият ба ҳисоб меравад.

*Инсонпарварӣ — низоми ғоя ва афкорест, ки саъйу кӯшиши одамизодро дар мубориза барои ҳаматарафа намоён шудани қадр, озодӣ ва қобилиятҳои вай, таъмини бахту саодати одамон, баробарҳуқуқӣ, ҳаёти одилонаи онҳо ифода мекунад.*

Дар тафаккури иҷтимоии халқҳои Шарқ ғояҳои инсонпарварӣ решаҳои чуқур дорад. Дар Ғарб он дар асрҳои миёна ба сифати мубориза ба муқобили диндорони ҷоҳил ва феодалон, ки сабаби қатли ҳазорҳо одамон шудаанд, намоён шуда буд.

**Инсонпарварӣ фикри васеи иҷтимоиро фаро гирифта, дар адабиёт, фалсафа, санъат ва дигар соҳаҳо намоён шуд ва дар Европа «гуманизм» номида шуд.**

Таърих хислатҳои инсонпарваронаи халқи моро аз санҷишҳои зиёд гузаронидааст. Дар ин замина ба ёд овардани танҳо солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон (1939–1945) кифоя аст. Медонед, ки ин ҷанг дур аз кишвари мо — дар қитъаи Европа гузашт. Бар зидди фашизм ҳазорҳо фарзандони марди халқи мо ҳам сафарбар шуданд. Қисми мондаи аҳолӣ — занону кӯдакон, пиронсолон ва маҷрӯҳон шабу рӯз меҳнат карда барои ҷанговарон чизҳои зарурӣ мерасониданд. Дар чунин шароит аз маҳалҳои ҷанг садҳо ҳазор аҳолӣ ба Ӯзбекистон кӯчонида шуданд. Аксарияти онҳо пирони корношоям ва кӯда-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кони ятим буданд. Мардуми Ӯзбекистон ба ҳамаи онҳо аз қалб ва хонаи худ ҷой дод. Аз нони ками фарзандони худ буридае дод, ҳаёти ҳамин қадар инсонро наҷот бахшид.

**Шумо филми машҳури «Ту ятим нестӣ»-ро дидаед. Қаҳрамонҳои филм, ки чаҳордаҳ ятимбачаро нон додаву парасторӣ намудаанд, аз роҳиоҳанчиёни оддӣ буданд. Онҳо на боигарии изофа доштанду на хонаву ҷойи пурҳашам. Боз як чизро дониста монед, ки воқеаҳои ин филмро касе набофтааст. Оилаҳое, ки даҳҳо ятимбачаҳоро тарбия намуда ба воя расонидаанд, дар диёри мо хеле бисёранд.**

Онҳоро ба ин амал касе водор накард. Чунки эҳсоси инсонпарварона аз қабили наҷобат, ҳамдардӣ ба дарди дигарон, зоҳир намудани ҳисси шавқат аз азал ба табиати халқи мо хос аст.



Аксарияти хориҷиёне, ки кишвари моро дидаанд, меҳмонпазирии халқи ӯзбекро нақл мекунанд. Инро Шумо аз телевизор дида ва аз радио шунидаед. Акнун як мулоҳиза кунем: дар замири ин меҳмондӯстӣ кадом хислат хобидааст?

Барои ба ин савол ҷавоб гуфтан, бояд аввал ба дигар як савол ҷавоб ёбем: хӯш, сарфи назар аз кадом мамлакат ва кай омаданаш, киро меҳмон меномем?

Инсон!

**Пас, зоҳир намудани меҳр ба меҳмон, эътибор додан, ба табъи ӯ нигоҳ кардан — ин яъне меҳр ба Инсон, эътибор ба Инсон, эҳтироми табъи Инсон аст! Меҳмондӯстии халқи ӯзбек ин боз як зуҳури зеботари инсонпарварӣ будааст!**

Албатта, инсонпарварӣ чизи намоишкорӣ, дар зер кадом таъмаеро дарбаргиранда нест. Дароз кардани дасти ёрӣ ба мӯйсафе-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

де, ки дар зинабарой душворӣ мекашад, ҳимояи духтарчае, ки ӯро бачаҳои авбош ранҷонидаанд, дилбардорӣ намудани ҳамсинфе, ки аз падар ё модар ҷудо шудааст, сабук намудани озурдахотирии ӯ ҳам аслан инсонпарварӣ аст.

Дар дини ислом ба тарбияи одам дар рӯҳи инсонпарварӣ эътибори алоҳида зоҳир мешавад.

**Аз ҷумла, дар яке аз ҳадисҳои шариф гуфта шудааст, ки «То оне, ки чизи дӯстдоштаи худро ба бародари худ раво набинед, ҳеҷ яке аз Шумо мӯъмини воқеӣ нестед».**

Пас, чизи дӯстдоштаи худро танҳо дар ҳоли пурсидани касе не, балки ҳанӯз ҳеҷ кас напурсида, аз тахти дил онро ба дигарон ҳам раво дидан лозим будааст. Инсон бисёр чизро дӯст медорад. Дар байни онҳо орзуҳои дар сулҳу салоҳ зистан, дар иҳотаи дӯстони самимӣ будан, босаодату бахтнок гузаронидани умр, ҳастанд. Азбаски ин ҳама ба мо маъқул, барои дигарон ҳам раво дидани онҳо, фазилати воқеан инсонпарварӣ ба ҳисоб меравад.

**Бе эҳсоси одилӣ — адолат ба инсонпарварӣ ноил шудан имконнопазир аст. Дар ҳар гуна кор одил будан нишонаи муҳими камолоти инсон аст.**

Амир Темур дар ангуштарин-мӯҳри худ беҳуда served нанавишта буд, ки «Нерӯ дар адолат аст». Агар гӯем, ки сабаби ба дараҷаи бемисл салтанат бунёд кардани соҳибқирон, дар давоми солҳои дароз сарсабз будани ин салтанат ҳам айнан дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии одилонаи ӯ буд, ҳеҷ саҳве нахоҳад шуд.

Президенти мо Ислом Каримов таъкид мекунад, ки «Мо танҳо ҷамъияти демократӣ не, ҷамъияти одилонаи демократӣ бунёд карданием. Ҷидду ҷаҳд ба адолат ва ҳақиқат бошад, яке аз фазилатҳои муҳими табиати халқи мо аст».

Муҳити одилона дар ҳеҷ як ҷамъият худ аз худ пайдо намешавад. Барои ин ҳар як узви ҳамон ҷамъият дар ҳар кор бояд ба адолат ҷаҳд кунанд.

Пас, муҳити ҳукмрон дар ҷамъияте, ки мо дар он умр ба сар мебарем, масъалае мебошад, ки ба ҳар яки мо ва ба ҳамаи мо як



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хел аст. Ҳар як инсон барои солимгардонии мунтазами ҷамъияти худ аз ҳайвон бо ҳаракати бошуурона фарқ мекунад. Ҳаракат кунед, ки филмҳои оид ба олами ҳайвонотро бештар ва бодиққат тамошо кунед. Дар онҳо, Шумо дар ҳаёти ҳайвонҳо амал кардани «қонуни ҷангалзор»-ро мебинед. Яъне, дар олами ҳайвонот зӯр ё боқувват аз ҳисоби маҳви оҷиз ҳаёт ба сар мебарад. Адолат, шафқат, меҳру мурувват, эътибор ба атрофиён барои он муҳит тамоман бегона аст.

**Агар ҳар як узви ҷамъият ҳаминро дарк накунад, агар ҳар кас зарурати худаш ба роҳ мондани ҳаёти худро нафаҳмад, дар ҳаёти одамон ҳам пайдо шудани чунин муҳит мумкин аст. Чунки солимии ҳаёти ҷамъият аз солимии маънавӣ-рӯҳии ҳар як инсони узви он вобастагии қавӣ дорад.**

Инсони солимфикр бошад, наметавонад ба воқеаҳои атроф ба тарзи «ба ман чӣ» муносибат кунад. Дар асл «ба ман чӣ» гуфтан маънои «ман ҳеҷ касам, аз дасти ман ҳеҷ коре намеояд, ман ҳамагӣ як ҷасади зиндаам»-ро дорад. Барои инсонҳои ҳақиқӣ чунин ҳаёт на маъно ва на мазмуне надорад. Ба хотир биёред, дар дарсҳои гузашта мо дар бораи фалокатҳои маънавӣ, ки ба туфайли одамони лоқайд ба вуҷуд меоянд, аз рӯйи китоби сардори диёри мо «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» сӯҳбат карда будем.

Дар ҳақиқат, одамоне, ки мустақил фикр карда, тарзи зисти ба номи волои инсон муносибро мақсад намудаанд, наметавонанд тақдири худро аз халқу миллат ҷудо тасаввур кунанд. Онҳо худро вакили халқ, масъули тақдири халқ ҳис мекунанд.

**Пас, танҳо дар ҳоли дарки амиқи он, ки чигунагии имрӯз ва фардои мамлакати мо ба чигунагии мо вобаста аст, мо метавонем фарзанди муносиби ҳамин кишвар шавем.**

Яке аз намудҳои муҳими инсонпарварӣ меҳру мурувват аст.

Бачаҳо, ин қисми сӯҳбати худро, ки ба эҳсосоти меҳру мурувват бахшида шудааст, бо пандҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар асоси далелҳои ҳаётӣ таркиб ёфта, бо қисми пешқадами ҷаҳонбинии ӯ — инсонпарварӣ мустаҳкам вобаста аст, давом медиҳем. Ҷомӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба одам, ном ва мақоми вай, ба қудрат ва тавоноии инсон ихлоси тамом дошт, мехост ӯро шоистаи номи баланди одамӣ ва вуҷуди маънавияшро пероста бо зевари инсоният бинад. Таваҷҷӯҳ ба олами маънавии инсон, саъю кӯшиш дар такмил ва ободии он яке аз нишонаҳои инсондӯстии шоир мебошад. Ҷомӣ ҳангоме, ки дар бораи инсон ва мавқеи он дар зиндагӣ сухан меронад, ӯро бе дӯстиву рафоқат, пайванд ва ҳамбастагии байни ҳам тасаввур намекард. Меҳру мурувват, дӯстии пок ва самимӣ гарави пойдории ҷамъият, яке аз омилҳои асосии бақои насли инсон ва муҳимтарин меъёри одамият мебошад.

Ҳамчунон, Ҷомӣ дӯстии байни халқҳоро бидуни нажод, дину мазҳаб, миллияту қавмият суруда, ҳамаро шоху барги як дарахти барӯманди одамӣ донистааст. Ин ғоя дар осори мутафаккири бузург на аз рӯйи тақозои мурооти анъанавӣ, балки амалан дар зиндагии шахсии ӯ, дар робитаҳои дӯстии вай бо намояндагони илму адаби замон, хоса шоири номӣ Алишери Навоӣ ба исбот расидааст. Ҷомӣ дар таълимоти ахлоқии худ дар ин боб ҳудуди муайяне низ мегузарад. Ӯ дар бахшҳои гуногуни мероси адабиаш дар хусуси меҳру мурувват, пайвандҳои дӯстӣ, ёрӣ, шартҳои дӯстӣ, интихоби ёрон, оини вафо ва вафодорӣ як силсила гуфторҳои ҳакимона дошта, назарияи хешро роҷеъ ба чигунагии ёрону дӯстон возеҳ ва равшан баён кардааст.

Шоири бузург чун омӯзгори доною пуртаҷриба, маслиҳат медиҳад, ки кас бояд дар талаби ёрони содиқ ва рафиқони мувофиқ бошад. Чун дӯст ёфт, нисбат ба дӯст меҳрубон, ғамхор ва фидокор бошад:

*Барои дӯстон ҷонро фидо кун,*
*Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.*

Манфиатрасонӣ ба мардум, накӯӣ ва накӯкорӣ яке аз масъалаҳои муҳиме, ки меҳру мурувввати инсониро меафзояд. Дар ин замина шоир некиву бадиро ба ҳам муқобил гузошта, суду зиён ва оқибати ҳар якеро дар зиндагонии инсон алоҳида гӯшрас месозад:

*Нек кун, то нек пешояд туро,*
*Бад макун, то бад нафарсояд туро.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷомӣ чун муаллими ахлоқ, омӯзгори ростини сифати писандида ва шоистаи одамӣ ба касби номи нек даъват намуда, махсус таъкид месозад, ки ягона ёдгоре, ки баъд аз марг боқӣ ва зинда хоҳад монд, ҳамин номи нек мебошад.

Инсоне, ки Ҷомӣ дар парвариши вуҷуди маънавии ӯ ин қадар саъю кӯшиш ба харҷ додааст, бояд ҳақшинос, сипосгузор бошад, ҳаққи намак, хубӣ ва меҳрубонии одамонро мӯҳтарам дорад, дар озори мардуме, ки аз хони неъматашон баҳравар гаштааст, саъй наварзад ва аз ин амали носавоб ва ноҷавонмардона худдорӣ намояд:

*Зи хони ҳар касе олои ангушт,*
*Дар озори вай ангуштон макун мушт.*

Ӯ дар ҷараёни мушоҳидоти вазъи маънавии инсон баробари дигар хислатҳои нек, ростӣ ва дурусткориро барои инсон зарур ва ҳатмӣ шуморида, вуҷуди маънавии ӯро бо ин зевари зебои ахлоқӣ зеботар ва дилкаштар мебинад. Аз ин рӯ, такрор ба такрор ростӣ ва ростравиширо сутуда, онро чун василаи сарбаландӣ, арҷмандӣ, сулҳу амният ва растагорӣ аз осебу газанди ҳаводиси айём таблиғ ва ташвиқ менамояд:

*Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,*
*Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.*

Ҳакими нуктасанҷ дар боби вафо ва вафодорӣ, мувофиқати қавлу амал, сахо ва карам, ҷавонмардӣ, ҳилму виқор, адаб, эҳтироми устод, падару модар, пирон ва хурдсолон, шинохти ҳадду мартабаи хеш, сабру таҳаммул, ҳифзи обрӯ, ҳиммат, қаноат, хушхулқӣ, хандонрӯӣ, муносибат бо душман, сулҳу оштӣ, саъю кӯшиш, фазилати хомӯшӣ ва камфаҳмӣ, мукофоти амал, маргу зиндагӣ, лутфу эҳсон, оини меҳмондорӣ, бечоранавозӣ сухан ронда, онҳоро чун унсурҳои ахлоқӣ ба маърази намоиш гузоштааст. Бояд қайд намуд, ки қимати ин ақидаҳо имрӯзҳо ҳам арзиши таълиму тарбиявии худро гум накардаанд.

Дар ин замина, гаштаву баргашта ба ҳақ будани фикрҳои пайғамбаронаи файласуфи машҳури дунёи қадим Арасту гувоҳ мешавем. Вай таъкид менамуд, ки дар муносибати одамон шарти нахустин ва умдаи садоқат ё содиқ будан ба асолати худ— ин донишу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фазилати одам аст. Ғарази хирадманд он аст, ки танҳо дар ҳоли соҳиби дониши фарогир будан дар вуҷуди ҳар фард эҳсосоти аз қабили сидқу садоқат ва муҳаббати беподош ба шахсияти инсон зуҳур хоҳанд намуд.

**Имрӯз инсоният маҷбур аст қисми асосии умри худро дар байни машинаҳои мураккаб, асбобу ускунаҳо, оҳану бетон гузаронад. Вай торафт аз табиат дур шуда, гӯё ба он бегона мешавад. Мувофиқи ҳамин дар муносибат, эътибори ҳамдигарии инсон ҳам тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй медиҳанд.**

Одамизод хислати такаббурӣ ва манманиро ҳам аз нодонӣ ба зуҳур меорад. Беҳуда нест, ки хоксорӣ, меҳрубониву мушфиқӣ маҳсули оқилию ҳушмандӣ ва маърифатнокии фарзанди инсон шинохта мешавад. Аслан, нодонӣ ё кам донистани одамӣ аз кам хондан аст. Дар навбати худ, дар аксар ҳолат маҳз одами нодон маҷбур аст ба дурӯғ рӯй орад, яъне ба шикастани пояҳои унсури ахлоқи ҳамида даст занад. Агар кас дар муҳити аҳли маърифат қарор гираду дар асл дониши кофӣ надошта бошад, бештар бо дурӯғ ва ҳилаву найранг ошноӣ мекунад.

**Халқ мегӯяд: «забони паррандаро парранда медонад». Барои дарки дили одам аз одам дил талаб карда мешавад. Ноёбтарин, нодиртарин неъмат, ки малҳами қалби инсон аст, ин меҳр. Беҳуда нест, ки адибони забардаст нури хуршедро ба «нури меҳр» шабоҳат додаанд. Нури хуршед дар ҳаёти инсон чӣ қадар мавқеи муҳим дошта бошад, аз дигарон дидани меҳр ҳам ҳамин қадар таъсири муҳим дорад.**

Дар рӯзгор баъзан чунин мешавад, ки меҳри инсонӣ беш аз ҳазор илму китоб, беш аз ҳазор тӯҳфаву ашё вазн дорад. Гоҳо меҳри оддии инсонӣ равшангари дил, нармбахши табъи инсон мегардад. Гоҳе дигар маҳз меҳр ифодагари некии инсон, аз бадӣ дур будани тинати одам аст. Меҳри инсонӣ аксаран на бо забон, балки бо дил зуҳур меёбад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли 2004 аз ҷониби сарвари мамлакати мо соли «Меҳр ва мурувват» ва соли 2007 «Соли ҳифзи иҷтимоӣ» номида шуд. Ҳадаф аз ин икдом — таҳким бахшидани эҳсосоти меҳру мурувват дар байни халқи мо, расонидани кўмаки ҳаматарафа ба пиронсолон, маҷрўҳон, оилаҳои бесармонда, ятимони мўҳтоҷи ёрӣ, ноил шудан ба устувории арзишҳои инсонӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии шаҳрвандон буд. Фақат ҳамон сол не, балки дар замири ҳар соли истиқлолияти мо — «Соли гиромидошти пиронсолон», «Соли занон», ё худ «Соли авлоди баркамол» қарор гирифтани мақсаду муддаои инсонпарварона, ифодаи амалии ғояи неки сарвари диёри мо — «Дар ин Ватани муқаддас инсон азиз аст» ба ҳисоб меравад.

### *Савол ва супоришҳо*

1. Кадом воқеаҳоеро медонед, ки фазилатҳои инсонпарваронаи халқҳои моро инъикос кардаанд?
2. Боз дар кадом асарҳои бадеӣ эҳсосоти инсонпарварӣ бузургдошт мешавад, ҳодисаҳои зидди он бошад, маҳкум карда мешаванд?
3. Ба фикри Шумо агар адолат риоя нашавад, дар ҷамъият кадом ҳолатҳои манфӣ метавонад сар занад?
4. Ба одам, ном ва мақоми вай, ба қудрат ва тавоноии инсон ихлос мондани Ҷомӣ чӣ мақсад дошт? Пандҳои Ҷомиро дар бораи инсонпарварӣ нақл кунед.
5. Далелҳои ҳаётиеро ба хотир оред, ки соҳиби меҳру мурувват ва саховатманд будани халқҳои моро нишон диҳанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ МАЪНАВИЯТ

Донишомӯзи азиз, сарвари диёри мо дар китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» якчанд маротиба романи адиби бузург Абдулло Қодирӣ «Рӯзҳои мозӣ»-ро ба забон мегирад. Чунки дар он арзишҳои ҷовидона, боигариҳои рӯҳӣ-маънавии аз азал ба халқҳои мо хос таъсирнок ифода ёфтаанд. Ҳам Отабек, ки дар дасти падари маънавии миллат чун Юсуфбекҳоҷӣ тарбия гирифтааст, ҳам Кумушбибӣ, ки аз меҳри модари маърифатноку соҳибандеша чун Офтобойим баҳра бардоштааст, ақлу ҳуш, фаросат, одоб ва дигар ҳамаи фазилатҳои инсониро дар оғӯши оила мегиранд. Дар муомилаю мулоқоти Отабек ҳам ба наздикони худ, ҳам ба бегонагон чӣ қадар маданияти баланд, инсонигарӣ барқ мезанад. Кумушбибӣ, ки ба сари ҷавонаш чӣ қадар ташвиш, санҷишҳои мураккаб меафтанд, мавқеи духтарона, занона, ҳаёи худро аз даст намедиҳад. Баръакс, кирдори шахсоне ба монанди Содиқ, ки исму ҷисмаш ба ҳам рост намеоянду дар дасти Ҷаннатхола ба воя расида буд, Ҳомид, ки ба бахти чандин занҳо зомин шуда, гӯшаи муқаддаси ба ном оиларо назари писанд намекард, нафрати ҳар кадом инсонро бедор мекунад.

Агар ин асарро бодиққат хонед, муҳити тарбияи Отабек ва Кумушбибӣ — саранҷому сариштагӣ дар оила, эҳтиром ва андешаи тарафайн дар муомилаю муносибатро ҳавас мекунед. Зебогии қалбии қаҳрамонҳои асосӣ дар чеҳраи онҳо ҳувайдо — Кумушбибӣ ва Отабек инсонҳоеянд, ки одам як дида маҳлиё мешавад. Баръакси ҳамин, бефариштагӣ, нопокии ҳавлие, ки Содиқ ба воя расидааст, ба чашми инсон чун хор мехалад. Ин бефариштагӣ, хунукӣ ва пасткашӣ ба модар ва фарзанди ин оила, ба афту андоми Ҳомид, ки ба онҳо ҳомигӣ ваъда додааст, соя андохтааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки муҳити оила дар тарбияи инсон, камолоти маънавии ӯ чӣ қадар нақши муҳим дорад. Солиму пок будани ин муҳит ба омилҳои зиёд вобаста аст.**

Аввало, дар ҳоли ба роҳ мондани муносибати самимона, боэҳтироми падару модар, дар оила муҳити мусаффои маънавӣ шакл мегирад. Баръакс, муомилаи дағал, гуногунии фикри онҳо дар ҳалли душвориҳои зиндагӣ, тарбияи фарзандон, таъминоти моддии оила ба муносибатҳои оила зарар мерасонад.

**Босабрӣ, бо ақлу заковат ва ҳамкорӣ ҳалли муаммоҳои рӯзгор, меҳрубонӣ ба ҳам, муомилаи ширин ба фарзандон, эҳтиром ва меҳру муҳаббат ба хешу ақрабои тарафайн, ҳамсоягон, дар сатҳи меъёри ахлоқу одоб ба забон овардани ҳақиқат, муҳити муносибатҳоро дар оила пок мегардонад.**

Ҳамчунин, орӣ будан аз иллатҳои нӯшидан, кашидан, дурӯғгӯӣ, вайронии маишӣ, димоғдорӣ, манманӣ ва ғайра бешубҳа, ба баланд шудани ҳусни мулоқот дар оила таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз ҷумла, дар муроҷиат «Шумо» гуфтани падару модар ва истифодаи лутфу карам ҳангоми ба роҳ баромадан чун «нағз рафта биёед», «сафаратон бехатар бод», ҳангоми пешвоз «ба хайр омадед?» эҳтиром ва меҳру муҳаббати фарзандонро ба падару модар афзуда, ба намунаи ибрат шудани волидайн ёрӣ мерасонад.

**«Чунки эҳсоси соф ва покизаи инсон, нахустин мафҳум ва тасаввури ҳаётиаш пеш аз ҳама дар оғӯши оила ташаккул меёбад... Агар, асосан дар 5–7 солагӣ ташаккули шуури бачаро ба инобат гирем, дар ин давра, зери таъсири муҳити оила дар қалби ӯ аввалин муғчаҳои маънавият зоҳир мешаванд. Мақоли халқ «Парранда дар лонааш дидаро мекунад», ба фикри ман, ин ҳақиқати азалиро равшан акс мекунад»[1].**

Фикрҳои боло, ба калонҳои оила, ба падару модар тааллуқдор ба назар мерасад. Лекин, як чизро фаромӯш накунед, ки ҳозир

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 52–53.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шумо ҳам ба синне расидед, ки метавонед як қисми ҳамин масъулиятро ба дӯши худ гиред. Дигар хел карда гӯем, хеле корҳое, ки барои мустаҳкам намудани оила ёрӣ мерасонад, аз дасти Шумо ҳам меояд.

Албатта, падар модароне, ки худро ҳурмат мекунанд, вазифаҳои вазнинро чун таъмини рӯзгор аз ҷиҳати моддӣ, бунёди иморати нав ё харидани мошина ҳеҷ вақт ба гардани фарзандони ноболиғи худ бор намекунанд. Лекин, ин чунин маъно надорад, ки корҳо, ташвишҳоро бояд фақат калонҳо ба дӯш доранд.

**Агар диққат диҳед, дар оила ба ҳама кор ёфт мешавад.**



Аниқтар гӯем, пешрафти кори оила, мустаҳкам ва солим шудани муҳити он, мусаффогии муҳити маънавии оила, ба рафтори ҳар як узви оила вобаста аст. Аз ҷумла, ба Шумо ҳам!

Масалан, додарча ё хоҳарчаатон баъзе ҷойи вазифаи хонагиашро нафаҳмида, барои ёрӣ муҳтоҷ шуданаш мумкин. Хӯш, гӯед, ки дар айни замон аз аъзоёни оила кӣ ба вай кӯмак расонида метавонад? Албатта, Шумо. Модаратон, ки ҳамин замон дар ошхона машғули шустушӯи дегу табақ аст, ё худ падаратон, ки аз кор монда шуда омадаасту боз аз паси соз кардани ягон асбоби рӯзгор аст, ин корҳоро партофта омаданашон лозим аст, магар?

Муҳимаш, дар давоми иҷрои якҷояи ҳамаи ин корҳо, чандин воқеаҳои шавқовар, ки дар кӯча содир шудаанд, ба ёд гирифта, латифаҳои ҳаётӣ гуфта мешаванд, ҳазлу мутоиба сурат мегирад. Яъне, на танҳо дасти мо, балки ақли мо, қалби мо ҳам кор мекунад.

**Дар натиҷаи меҳнати мо фақат ҳавлию ҷойи мо, оинаву тирезаҳои мо озодаву покиза нашуда, балки инчунин қалби мо, дили мо ҳам обод мешавад, рӯҳи мо месабзад.**

Ҳаминро ҳам таъкид кардан лозим, ки бо калонсолон дар бораи ягон фаъолият маслиҳат карданӣ бошед, ҳаракат кунед, ки ба кай-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фияти онҳо, вақти онҳо нигоҳ карда, фикрҳои худро андеша карда, онҳоро наранҷонида сухан гӯед. Ба мақсад мувофиқ аст, ки духтарон бештар бо модар, писарон бошанд бо падар бояд маслиҳат кунанд. Ба гуфтани ҳар як гапи ростомада одат накунед. Фаромӯш накунед, ки мо одамони Шарқем, фарзандони Ӯзбекистон мебошем.

**Баъзе муносибатҳои оилавӣ, усулҳои муомилаи байни одамон, ки имрӯзҳо аз тариқи телевизор дар аксарияти филмҳои хориҷӣ намоиш дода мешаванд, ҳеҷ гоҳ ба мову Шумо намунаи ибрат буда наметавонанд.**

Мо маҳз, ба туфайли соҳиби ҳусни баланди муомилаи ба худ хос, низоми муносибатҳои зебои оилавӣ будани худ, аз онҳо фарқ кардани худ, худро ва қиёфаи миллии худро ҳифз доштаем. Сиҳату осоишта ба наслҳои оянда интиқол додани ин анъана бори масъулият дар зиммаи Шумо аст!

Қисми асосии ҳаёти ҳаррӯзаи одам бо меҳнат кардан, таҳсил гирифтан ва иҷрои дигар корҳо мегузарад. Гарави хурсандона ба оғӯши оилаи худ баргаштани ҳар як одам, ниҳоят умри дароз дидани ӯ ба мулоқоти дилхушонаи роҳбару ходим, ҳамкорон, ҳамсолон робитаи ногусастанӣ дорад. Манманӣ, муомилаи дағал, худро доно тарошида баланд гирифтан, зердастонро назари писанд накардани баъзеҳо ба асаби аксарият таъсир мерасонад. Дар оила, мактаб, синф, байни дӯстон муҳити носолим ба вуҷуд меорад. Кор ё таҳсил дар чунин ҷой на танҳо ба саломатии худи одам, балки ба саломатии маънавии садҳо оилаи дар назари аввал ба ин ҷой робитае надошта ҳам футур мерасонад.

**Солҳои истиқлол барои аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам кардани оилаҳо саъйу ҳаракатҳои азим ба амал бароварда шуданд.**

Барои чӣ аз ҳар ҷиҳат мегӯем? Барои он, ки мустаҳкамии оила, ба омилҳои зиёде вобаста аст. Аввало, ҳар як оила бояд аз ҷиҳати моддӣ таъмин бошад. Барои ин бошад, калонсолони оила аз рӯйи касб ва иқтидори худ бояд меҳнат кунанд, барои ҳаёти осоишта ва фаровони фарзандон ҳаракат кунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар мамлакати мо ёрӣ расондан ба оилаҳои ҷавон, аз ҷумла, ба масъалаи бо хонаву ҷой таъмин намудани онҳо, эътибори алоҳида дода мешавад. Агар оилаҳои ҷавон хонаву ҷой сохтанӣ ё харидани бошанд, барои онҳо аз тарафи банкҳо низоми додани кредити бисёрсолаи имтиёзнок ҷорӣ шудааст.

Боз яке аз шартҳои мустаҳкамии оила, бо муҳити маънавие вобаста аст, ки дар оила ҳукмрон мебошад. Барои ноил шудан ба солимии ин муҳит, дар мамлакати мо корҳои калон ба анҷом мерасанд. Аз ҷумла, эътибори тамоми ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба масъалаи ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ҳам аз ҷиҳати маънавӣ солим ба воя расондани ҷавонон равон шудааст. Иншоотҳои спортӣ, муассисаҳои тарбияи томактабӣ, мактабҳои таълими умумӣ, масканҳои маданият ва санъати тамоми шаҳру қишлоқҳои мо барои камолоти ҷавонони мо хизмат мекунанд. Комёбиҳои ҷавононе, ки дар ин даргоҳҳо таълиму тарбия мегиранд, комёбии фақат худи онҳо ё оилаи онҳо не, балки комёбии тамоми халқ, диёри мо мебошад.

## *Савол ва супоришҳо*

1. Мақоли «Парранда дар лонааш дидаро мекунад»-ро бо ёрии мисолҳои ҳаётӣ чӣ хел шарҳ медиҳед?
2. Ба фикри Шумо барои чӣ дар малакати мо ба мустаҳкамии оила чунин эътибори калон дода мешавад?
3. Оё дар маҳаллаи Шумо оилае ҳаст, ки Шумо ба он ҳавас мекунед? Дар бораи он оила нақл кунед.
4. Ба дафтаратон чорто масал, мақол ва ибораҳое нависед, ки оила, арзиш ва анъанаҳои оилавиро инъикос карда бошанд.

| *а* | *б* | *в* | *г* |
| --- | --- | --- | --- |
| | | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## АХЛОҚ ВА ОДОБ — АСОСИ МАЪНАВИЯТ

Донишомӯзи азиз, дар асоси дидаву донистаҳои худ дар ин ҳаёт як ҳақиқатро шояд хуб фаҳмида бошед, ки иморати дунёро бе муомилаву муносибати байниҳамдигарии одамон тасаввур карда намешавад. Фикр карда бинед: Робинзон Крузо, ки дар ҷазираи беодам танҳо буд, бештар аз чӣ азоб мекашид?

Ӯ меваи дарахтҳои дар ҷазира мавҷудро чида мехӯрад, ба шикор машғул мешавад, шиками худро сер мекунад. Барои ҳимояи худ аз ҳайвоноти дарранда ба худ сарпаноҳ месозад. Ду дарахтро ба ҳам соида оташ ҳосил мекунад. Донаҳои гандуми дар халтааш мондаро ба замин корида баъди се-чор сол ба нон ҳам даҳон мезанад... . Пас, тарафи моддии ҳаёти танҳоиро ӯ ба ифоқа меорад. Вале, ӯ барои сӯҳбат, барои изҳори дарди дил ҳамроҳе, ҳамрозе наёфта қариб буд, ки аз ақл бегона шавад. Аввалҳо худ ба худ ғурунгида гап зада мегашт – нашуд. Баъд овоз бароварда бо худ гап мезанад. Пай мебарад, ки дар ин ҳол аз ақл ҷудо шуданаш мумкин аст. Баъд ӯ бо буз, парранда ва ҳайвоноти гуногун гап зада роҳи андармон сохтани худро меёбад... .

Дар китоби «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир» таъкид мешавад, ки сохти табиию ҷуғрофии минтақаамон аз қадим мо ва халқҳои атрофро ба ҷамоа шуда зиндагӣ кардан даъват мекард:

**«Дар ҳудуди Осиёи Миёна аҳолӣ аз азал дар водиҳо, манбаъҳои оби калон — дарё ва анҳорҳо мезист. Худи шароити минтақа, ки атрофаш бо чӯлу саҳро иҳота шуда, табиат, иқлимаш хеле мураккаб аст, тақозо мекард, ки ҳамин халқу миллатҳо дар давоми ҳазорҳо сол ба ҳам унс гирифта, ҳампаҳлӯ, вазнинии якдигарро сабук гардонанд»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 9.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Модоме, ки табиати одам ба зиндагии ҷамоавӣ омӯхта шудааст, мавҷуд будани тартиботи дохилӣ, қоидаҳои ба ин тарзи ҳаёт мувофиқ ҳам табиист. Асос ё худ пойдевори ҳамон қоидаҳоро меъёри ахлоқу одоб ташкил медиҳад. Яъне, барои инсонвор зистан, инсон бояд ба ин меъёрҳо амал кунад. Агар сарҳади ҳамин қоидаҳо вайрон шавад, ба онҳо риоя нашавад, шояд тасаввур карда тавонед, ки байни инсон ва ҳайвон фарқе намемонад.

Қиёфаи маънавии ҳар як инсон пеш аз ҳама дар хулқ ва одоби ӯ зоҳир мешавад.

**Хулқ ва одоб бошад чизҳои зиёдеро дар бар мегирад. Рафтор, идора кардани худ дар байни одамон ва дар танҳоӣ, маданияти муомилаи мо, эътибор ба атрофиёни худ — ин ҳама дар маҷмӯъ чӣ гуна будани хулқу одоби моро нишон медиҳанд.**

Масалан аломате, ки инсонро зеб мебахшад, ӯро ба атрофиён ҷаззоб мекунад — забони вай аст.

Чунин дӯстоне ҳастанд, ки одам онҳоро шунида лаззат мебардорад, гӯш карда монда намешавад. Дуруст, онҳо ба Шумо суруд намехонанд, масхарабозӣ намекунанд. Гуфтаҳояшон ҳам фаҳмо — хеле оддӣ. Аммо, фикр карда бинед: чаро кас мехоҳад онҳоро бештар шунавад, ба онҳо монанд бошад? Чунки гуфтаҳои онҳо пурмазмун, пур аз мушоҳидаҳо (агар шабоҳат доданӣ бошем, гапҳои онҳо бо чормағзи дарунаш пур аз мағз монанд аст — дида ва шунида хурсанд мешавед). Ин гуна бачаҳо ҳатто ягон воқеаро таҳлил карда кӯшиш мекунанд, ки ба он баҳо ҳам диҳанд. Суханони онҳо равону суфта ва ба гӯш форам аст. Дар гуфтаҳои онҳо калимаҳои аз дигар забонҳо воридшудаи нолозим, ибораҳои бепарда мутлақо дучор намеоянд.

**Хӯш, ин нишонаҳо аз чӣ далолат медиҳанд? Ин ҳама далолати он, ки ин тоифа дӯстонатон метавонанд мустақилона фикр ронда худро идора кунанд. Тозагии забони онҳо аз тозагии қалб, аз эҳтиром ба забони модарӣ дарак медиҳад.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Акнун як манзараи дигарро пеши назар меорем.

Ба автобус панҷ-шаш нафар ҳамсолони шумо ҳамдигарро теладиҳон савор мешаванд. Гӯё дар атроф ғайр аз онҳо дигар ҳеҷ кас набошад, бо овози баланд ба ҳамдигар ҳазлу мазоҳ ҳам мекунанд. Ҳар замон аз истифодаи алфози қабеҳ ва ҳатто иборaҳои ҳақоратомез ҳам шарм намедоранд. Калимаҳоро нимкораву дағал ва ҳатто шикаста дар ҳоли «маҷрӯҳ» истифода мебаранд. Ҳол он, ки дар ин сӯҳбати пурғавғои онон аслан мазмуни дурусте нест (дар боло чормағзи пурмағзро ба ёд гирифта бошем, акнун баръакс чормағзи пучи сиёҳро тасаввур кунед!)

Ба фикри Шумо, оё рафтори ҳамсолонатон ба ягон нафар аз мусофирони дохили автобус хуш меояд? Охир, дар байни онҳо мумкин аст баъзеҳо аз кор камҳолу монда шуда ва баъзеи дигар бо асабҳои хаста дар роҳ равонанд. Шояд баъзе аз онҳо гирифтори кадом як ташвишу ғами рӯзгору зиндагӣ бошанд. Оё метавонед тасаввур кунед, ки занҳое, ки чунин гуфтаҳои қабеҳи ҳамсолонатонро мешунаванд, «тарбия надидаҳо!» гӯён чӣ хел аз онҳо рӯй мегардонанд?

**! Алишер Навоӣ «беихтиёрӣ ба забон беэътиноӣ ба мардум аст» гуфта, чунин тоифаро дар назар дошт, ки забонро суфта накарда ба мардум озор мерасонанд. Як чизро дақиқ бояд донед, ки ҳар касе ба халқу мардум беэътиноӣ зоҳир кард, халқ ҳам ӯро беэътибор хоҳад гузошт. Яъне, инсон бо бадфеълии худ аз назари омма дур хоҳад монд.**

Имрӯз дар хонаи ҳамаи мо радио, телевизор (оинаи ҷаҳон) ва ҳатто компютер ҳаст. Ҳар куҷое ахбороти гуногун ба гӯш, ба назар мерасад. Ба ин ҳама, он эълону рекламаҳоеро, ки дар кӯчаву автобус ва вагонҳои метро ҷой гирифтаанд, илова кардан мумкин аст. Рӯзҳои истироҳат аз даҳҳо каналҳои телевизион садҳо барномаву филмҳоро хоҳем нахоҳем тамошо мекунем, аз онҳо таассуроте ҳосил мекунем. Боздоштан ё ҷилавгирии чунин ҷараёни пурзӯри ахборот албатта ғайриимкон аст. Пас, (масалан дар мисоли телевизор) муайян намудани он, ки мо чиро, кай ва чӣ андоза тамошо мекунем, хеле муҳим аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Чуноне таъкид кардем, мо ба халқҳои Шарқ тааллуқ дорем. Мо ба дини ислом, ки фазилатҳои воқеан инсонии одобу ахлоқ, ҳаё, иффатро васф ва риоя карданро тақозо медорад, эътиқод мекунем. Садоқат ба ин арзишҳо, ки тӯли ҳазорҳо сол ба тарзи ҳаёти аҷдоди мо ҷо гардидааст, қарзи ҳар яки мо ба ҳисоб меравад. Пас, ҳар гуна тамошоеро, ки дар нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон, дар асоси ҷаҳонбиниҳои ҳархела офарида шудаанд, барои мо фоидаовар гуфта наметавад. Дар шакл ва мазмуну моҳияти ин тамошоҳо (кинофилмҳо, видеофилмҳо, спектаклҳо, консертҳо, шоуҳои гуногун) мавридҳое ҳам хеле зиёд ёфт мешаванд, ки ба арзишҳои миллӣ ва динии мо зид мебошанд.

Дар бораи чӣ андоза аҳамияти бузург доштани забон дар хулқу атвори инсон зикр кардем. Акнун ба забон ва усули муомилаи баъзе қаҳрамонҳои кинофилмҳои Ғарб, аҳамият диҳед. Агар чунин қаҳрамонҳо ба сифати одамони манфӣ ва беодоб нақш мебозиданд, онҳоро фаҳмидан мумкин буд. На, аксарияти онҳо қаҳрамонҳои мусбианд — қаҳрамонҳое, ки дигарон бояд аз онҳо ибрат гиранд. Гапҳои онҳоро шунида кас дар ҳайрат мемонад. Чаро? Чунки ҷаҳонбинии мо дар ин бора андаке дигар аст.

**Дар мо сарфи назар аз кай ва дар куҷо буданаш, истифодаи суханҳои бепарда айб ва беандешагӣ ҳисобида мешавад. На танҳо ҳисобида мешавад, балки риояи ин қоидаҳои нонавиштаро ҳар як одам қарзи инсонии худ медонад.**

Боз як мисоли дигар. Дар аксарияти филмҳои хориҷӣ дар байни як-ду соат даҳҳо, садҳо одамон «мурда мераванд». Дар баъзе филмҳо чунон хуни бисёр рехта мешавад, ки дар натиҷа кас ғарқи андеша шуда ба худ «умри инсон ақаллан баробар ба қадри умри



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мӯрчаҳои замин набудааст» мегӯяд. Акнун фикр кунед: чунин «тамошоҳои беозор» ба рӯҳияи кас чӣ хел таъсир мерасонанд?

Онҳо пеш ҳама ба эҳсоси шафқат, меҳру мурувват рахна меандозанд. Барои ба ҷойи эҳсосоти зебо соҳиб шудани ҳисси бешафқатӣ, бадӣ роҳ мекушояд. Бачае, ки дирӯз барои зери по намонданимӯрча онро давр зада мегузашт, ин гуна филмҳоро тамошо карда, дидаи ӯ сахт мешавад ва ба бачаи бераҳме табдил меёбад, ки гурбаро бо сим гарданбанд намуда ба дарахт меовезад.

Аз рӯйи одаме, ки ба доми чунин филмҳо афтодааст, пардаи ҳаё, андеша бардошта мешавад. Гуфтор, рафтори ӯ дағал шуда, қиёфае мегирад, ки атрофиёнро ба ғаш меорад. Мухтасар гӯем, дар рӯҳ, ахлоқи кас тағйироти шадид, вайроншавӣ ба вуҷуд меояд.

**Як чизро фаромӯш накардан лозим, ки аз тарғиботу ташвиқоти даҳонӣ дида, таъсир ба воситаи санъат хеле пурқувват ва самаранок мешавад. Чунки, санъат ва адабиёт ба воситаи образҳо кор мебарад, таъсири он ба шуур, эҳсосот, ҳиссиёти инсон мустақим рафта мерасад.**

Дар филмҳое, ки дар боло зикр кардем, илова бар ин боз эффектҳои техникии санъати замонавии кино истифода мешавад. Мебинед, ки худатон ғайриихтиёр ба зери таъсири ғоя, афкор, мафҳумҳои ин филмҳо меафтед. Ин таъсир ҳар қадаре, ки дурудароз ва мунтазам давом кунад, тағйироти рӯҳияти шумо ҳам ҳамин қадар зиёд мешавад. Баъд бошад, ин тағйиротҳо ба воситаи кирдор ва гуфтори Шумо зоҳир мешавад.

Бо ин мулоҳизаҳо мо чӣ гуфтанӣ?

**Хулқу одоби инсон бо омилҳои берунае, ки ба он таъсир мерасонанд, робитаи ногусастанӣ дорад.**

Дар байни халқ мақоле ҳаст, «бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ». То оне, ки дар ҷаҳон умр ба сар мебаред, илоҷе нест, ки воқеаву ҳодисоти он, гуфтор дар он ба Шумо таъсир нагузаронад. Ҳама гап танҳо дар сари он, ки аз чӣ таъсир мегиред ва чӣ хел мутаассир мешавед. Пас, ҳар касро зарур аст, ки дар чӣ гуна муҳит зистан, дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

иҳотаи киҳо будан, аз онҳо чиро омӯхтан мумкин ва ба кадом корҳои ноҷӯя даст назадани худро ҳамеша назорат кунем.

Сарвари диёри мо соли 2000-ум ба саволҳои мухбири рӯзномаи «Фидокор» ҷавоб дода, талабҳоро ба фарзандони диёри соҳибистиқлол чунин шарҳ медиҳад:

**«Онҳо бояд инсоне бошанд, ки дар замир решаи қавии миллӣ доранд ва оламро чуқур дарк карда, бо тараққиёти замон ҳамқадам ҳастанд. Дар он ҳол, на «даъват»-и ақидапарасти ҷоҳил, на ғояҳое, ки ахлоқро рад карда, барои мо мутлақо бегонаанд, ба онҳо таъсир карда наметавонанд»[1].**

Дар ин замина таъкид кардани мавҷудияти меъёрҳои миллии одобу ахлоқ бомавқеъ аст. Амал намудан ба онҳо, вайрон накардани ин меъёрҳо хеле муҳим аст. Барои он, ки гапҳои мо хушку холӣ нашавад, боз як бор ба «Рӯзҳои мозӣ» мурочиат мекунем.

Ин романи адиби машҳур Абдулло Қодириро қариб ҳамаи халқҳои минтақа бо шавқи зиёд мехонанд. Он аз садоҳои зиндагисози одамони инсонпарвар, адолатхоҳ, вафодор, қаҳрамон пур аст. Ҳамин оҳанг ғояи асосии романро, ки ободию ободгарист, муайян мекунад. Дар роман ҳаёти халқи мо, орзуву умед ва меъёрҳои миллии одобу ахлоқ ба тасвир омадааст. Расму оини зиёноварро, ки боиси қафомонии ҷомеа мешаванд, одамонро аз инкишофи фикрию ҷисмонӣ бозмедоранд, мавриди накӯҳиш қарор медиҳанд. Нависанда дар тасвири воқеаҳо бетараф ва мушоҳидакори оддӣ нест. Гармии ҳиссу ҳаяҷон ва андешаи ӯ аз ҳар сатри роман эҳсос мешавад.

Абдулло Қодирӣ нависандаест, ки дар офаридани образҳои типпӣ маҳорати хос дорад. Аз ин ҷиҳат хонанда ба қисмати қаҳрамонони асар Отабек, Кумушбибӣ, Юсуфбекҳоҷӣ, Зайнаб, Ӯзбекойим, Ҳасаналӣ, Офтобойим, Мирзокарими қутидор, Ҳомид бетараф буда наметавонад. Ҳамчунон ки қаҳрамонони асосӣ бо сифатҳои хосашон диққати ӯро ҷалб мекунанд, персонажҳои эпизодии дигар, монанди Хушрӯйбибӣ, Тӯйбика, Ойбодоқ, Ҷан-

[1] **Islom Karimov.** Donishmand xalqimizning mustahkam irodasiga ishonaman. Рӯзномаи «Fidokor». соли 2000-ум, шумораи 8-уми июн.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




наткампир, Саодат, усто Олим, Нусратбек ва ғайра низ сифатҳои хос дошта, ҷолиби диққатанд. Ҳар кадоме аз қаҳрамонҳои асосӣ ва эпизодӣ хусусиятҳои хоси фардӣ дошта, ғояи асосии романро тақвият мебахшанд.

Нависанда ба воситаи образи қаҳрамони асосии роман Отабек моҳияти асосии ғояҳои даврро ифода мекунад. Отабек пеш аз ҳама ватанро дӯст медорад, пешрафти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онро мехоҳад. Муҳаббати вай комил аст. Ба Ватан ҳам мерасад, ба маҳбубааш Кумуш ҳам. Вале роҳи зиндагии онҳоро шароити замон, ахлоқи нопоки гурӯҳе аз муосиронаш душвор месозад. Ин душвориро нависанда дар мисоли муносибати Отабеку Кумуш, Отабеку Зайнаб, Кумушу Зайнаб хеле равшан инъикос мекунад.

Аз тасвири нависанда ба назар мерасад, ки нописандии меъёрҳои миллии одобу ахлоқ боиси фоҷиаи зиндагии қаҳрамонони роман мегардад. Отабек дар паҳлӯи дӯстдоштааш Кумуш бо тақозои падару модар Зайнабро низ нигоҳ медорад. Ниҳоят Зайнаб ба Кумуш заҳр медиҳад. Зайнаб ҳам ин ҷиноятро ҳазм карда натавониста, ба фоҷиаи рӯҳӣ гирифтор мешавад ва девона мегардад. Ҳамин тариқ, Отабеку Кумушбибӣ ва Зайнаб ба муроду мақсади хеш намерасанд. Сабаби фоҷиаи ҳаёти онон шароити номусоид ва бераҳми замон ва урфу одати зиёновари гузашта асту бас.

Ҳарчанд зиндагии қаҳрамонони асосии роман бо фоҷиа анҷом ёфта бошад ҳам, роман дар маҷмӯъ рӯҳи дунёбезорӣ надорад. Марги арӯси номурод Кумушбибӣ ба сари худ айбномаест ба зидди сохти нобаробари иҷтимоӣ ва урфу одати зиёновар, ки боиси бадбахтии одамон, хоса ҷавонон мешавад. Хонанда бо фоҷиаи зиндагии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Кумуш ошно шуда, ӯро чун нависанда дӯст медорад, аз сарнавишти ӯ сабақ мегирад.

Романи «Рӯзҳои мозӣ» бо рӯҳи миллӣ, забони равону ширадор, мазмуни баланд ва ғояи баланду моҳияти ахлоқиаш яке аз асарҳои дилпазири хонандагони зиёде буда, солиёни дароз дар тарбияи маънавии наслҳои баъд хизмат хоҳад кард. Нависанда бо тасвири замони худ гӯё насли замони моро ба тарбия мекашад.

Чунин мисолҳоро фақат аз асарҳои бадеӣ не, балки аз ҳаёт ҳам хеле бисёр овардан мумкин.

**Дар ҳар як хонадони диёри мо чун Кумушбибӣ духтарон, чун Отабек ҷавонон бисёранд. Мусаллам аст, ки хулқ, ахлоқу одоби онҳо ҳаваси ҳамаро бедор мекунад.**

Табиист ки, инсонҳои соҳиби чунин хулқ аз осмон намеафтанд. Онҳо ҳам мисли мову шумо одамони оддӣ мебошанд. Фақат онҳо ҳис мекунанд, ки ба унвони бузурги инсон муносиб шудан лозим, одам бо кирдори нохуши худ миёни атрофиёнаш эътибор гум мекунад. Биноан, худро тарбия карда, ботинан зебо мешаванд.

Фазилатҳои Кумушбибиро ба ёд оварда, бо мулоҳизаҳои дар боло зикршуда мо чӣ гуфтанием?

**Модоме, ки мо вакили ҳамин халқ, ворици таърихии он ҳастем, аз мо талаб карда мешавад, ки ин анъанаҳои нодирро эҳтиёт кунем ва ба онҳо содиқ бошем, худшиносиро гум накунем. Чунки, қиёфаи маънавии мо чун дар оина одобу ахлоқи моро инъикос мекунад.**

### *Савол ва супоришҳо*

1. Ба фикри Шумо, ба ташаккули одоби шахс муҳити зисти ӯ чӣ гуна таъсир мерасонад?
2. Оё мазмуни мақоли халқии «Адаб аз беадаб омӯз»-ро шарҳ дода метавонед?
3. Дар хулқу одоби ҳамсолони худ Шумо кадом камбудиҳоеро мушоҳида мекунед, ки бароятон маъқул нест?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Муносибати Шумо ба гуфтаи «Беодобӣ бештар ба писарон хос аст» чӣ хел аст?
5. Дар бораи ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии филмҳои хориҷӣ ва намоишҳои гуногун бо ҳамсинфони худ баҳс кунед.
6. Оё дар асоси воқеаҳои асарҳои дар расмҳо тасвирёфта мавзӯъҳои гузаштаро нақл карда метавонед?




*а*




*б*




*в*




*г*

## КОРИ НАЗОРАТӢ

Супориш: Бо ҳамсинфони худ дар мавзӯи **«Инсонпарварӣ чист?»** баҳсу мунозира ташкил кунед.

Дар ҷараёни тайёрӣ, дар хона ба масъалаҳои зерин эътибор диҳед:

— фикру ғояҳо оид ба ҳамин мавзӯъ дар асари «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир»-и Президент Ислом Каримов;

— инсонпарварӣ фазилати муҳимест, ки одамро аз дигар мавҷудот фарқ мекунонад;

— аз азал дар адабиёт ва санъати мо ҷой доштани ғояҳои инсонпарварӣ;

— ҳодисаву воқеаҳое, ки дар таърих бар зидди инсонпарварӣ рӯй додаанд ва оқибатҳои фоҷиабори онҳо;

— рӯй додани ҳодисаҳои поймол намудани қадру қимати инсон, зери хавф монондани ҳаёт ва оядаи он дар баъзе нуқтаҳои ҷаҳон;

— нақши воситаҳои ахбори умум, санъат ва адабиёт дар тарғиби инсонпарварӣ ва дигар масъалаҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНДАРИЧА

***Муқаддима*** ........ 3
***Боби I.* Истиқлолият ва ғояи миллӣ** ........ 7
Ғояи миллӣ – ифодаи орзу ва умедҳои нек ........ 7
Маънавият ва таърифи он ........ 11
Фикр ва ғоя ........ 15
Хусусиятҳо ва намудҳои асосии ғоя ........ 20
Ривоҷи ҷамъият ва ғояҳои бунёдкор ........ 26
Дониш ва маънавият (*Машғулияти амалӣ*) ........ 32
*Такрор* ........ 35

***Боби II.* Ғоя алайҳи ғоя, фикр алайҳи фикр** ........ 36
Ғояҳои зарарнок ........ 36
Ҳушёрӣ ва огоҳӣ ........ 42
Анъана ва худвижагии миллӣ ........ 48
Ёдгориҳои таърихӣ (*Машғулияти амалӣ*) ........ 55
*Кори назоратӣ* ........ 57

***Боби III.* Таҳдид ба маънавият – таҳдид ба худвижагӣ** ........ 58
Хатарҳои ба чашм нонамоён ........ 58
Тарбияи шахс ........ 66
Иллатҳои барои ҷамъият хавфнок ........ 74
Роҳ ба қалби инсон ........ 80
Аҳамияти санъат дар таҷдиди хотираи таърихӣ ........ 89
*Кори назоратӣ* ........ 95

***Боби IV.* Меъёрҳои волои маънавӣ** ........ 96
Инсонпарварӣ – фазилати неки халқи мо ........ 96
Нақши оила дар ташаккули маънавият ........ 104
Ахлоқ ва одоб – асоси маънавият ........ 109
*Кори назоратӣ* ........ 117

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

MURTAZO QARSHIBOYEV, SANOBAR NISHONOVA,
OYNISA MUSURMONOVA, RAHMON QO‘CHQOROV

# MILLIY ISTIQLOL G‘OYASI VA MA’NAVIYAT ASOSLARI

**7-sinf**

*To‘ldirilgan va qayta ishlangan 5-nashri*

*(Тожик тилида)*

Toshkent «Ma’naviyat» 2015

Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Мусаҳҳеҳ *А. Абдуқодиров*
Рассом *М. Аглямов*
Саҳифабанди компютерӣ *Ш. Соҳибов*

Литсензияи AI №189, 10.05.2011 дода шудааст. Ба чопи тарҷума 24.06.2015 имзо шуд. Андозаи 70х90 1/16. Гарнитураи «TimesTAD». Бо усули офсетӣ чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 8,77. Ҷузъи чопии нашрию ҳисобӣ 6,96. Адади нашр 6897 нусха. Супориши №15-306,

Нашриёти «Ma’naviyat». Тошканд, кӯчаи 2-юми сарбастаи Тараққиёт, 2.
Шартномаи №45-15.

Дар матбааи хонаи эҷодии табъу нашри «Ўзбекистон»-и Агентии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон чоп шудааст. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30. 2015.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супори-дан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |

**Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:**

| | |
|---|---|
| Хуб | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
| Нағз | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноат-бахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гардидааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноат-бахш | Ба муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE